**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ТДУ- 321.01+323 (575.3)**

**ТКБ - 66.01+66.3 (0) (2 тоҷик)**

**С-20**

**САИДЗОДА ДИЛШОД САИД**

# САМТҲОИ АСОСӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00. 02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Л.Ш.

**Душанбе - 2024**

| Т-р | **М У Н Д А Р И Ҷ А** | САҲ. |
|---|---|---|
| | НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО | 3 |
| | МУҚАДДИМА | 4 |
| | ТАВСИФИ УМУМИ ТАҲҚИҚОТ | 14 |
| **БОБИ I.** | **МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ РАВАНДИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ** | |
| 1. | Сиёсати давлатӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот | 23 |
| 2. | Принсипҳо ва методҳои таҳияи сиёсати давлатӣ: афзалиятҳо ва норасогиҳои онҳо | 55 |
| 3. | Хосиятҳои асосии инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити ҳозира | 70 |
| **БОБИ II.** | **ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НИЗОМИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР** | |
| 1. | Муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва таҳияву амалӣ намудани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 81 |
| 2. | Мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Тоҷикистон | 101 |
| 3. | Масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон | 128 |
| | ХУЛОСА ..................................................................... | 147 |
| | РӮЙХАТИ АДАБИЁТ............................................. | 158 |
| | ИНТИШОРОТ АЗ РУЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ................................................... | 173 |

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
БК - Британияи Кабир
ҶФГ- Ҷумҳурии Федеративии Германия
ҶФ - Ҷумҳурии Франсия
ҶМЧ - Ҷумҳурии мардумии Чин
МЗС- «Материали зерсистемаи сиёсӣ»
МС - Менеҷменти сиёсӣ
КҶТ - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
КОҶТ - Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
КМҶМ - Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар шароити ҳозираи инкишофи ҷомеа сиёсати давлатӣ ва масъалаҳои гуногуни он аҳаммият ва ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Махсусан, масъалаҳои раванди таҳия, баланд намудани самаранокӣ ва сифати сиёсати давлатӣ самти афзалиятноки таҳқиқотҳои илмие ба ҳисоб мераванд, ки натиҷа ва оқибатҳои онҳо низоми идоракунии давлатиро муайян менамоянд. Мақом ва нақши сиёсати давлатӣ дар ҳаёти ҷомеа, давлат ва инсони мушаххас раванди объективӣ ва легитимие мансуб мегардад, ки бисёре аз масъалаҳои дигари инкишофи умумӣ аз онҳо бармеоянд ва ё бо онҳо пайвасти ногусастанӣ доранд. Фақат ёдовар шудани таъмин ва инкишофи ягонагии ҳокимиятии муносибатҳои ҷамъиятӣ кифоя аст, ки моҳияти сиёсати давлатӣ ва мақоми онро дар рушди чунин муносибатҳо муайян ва мушаххас гардонем. Зеро бе таъсири сиёсати давлатӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба фаъолияти инсон ва пайвасти қавии онҳо мавҷудият ва фаъолияти самараноки тамоми ниҳодҳо ва сохторҳои давлатӣ монеаҳо ва мушкилиҳои зиёдеро пайдо менамоянд.

Хусусиятҳо ва аҳаммияти муҳимми сиёсати давлатиро дар низоми инкишофи давлат, ҷомеа, ва инсони муосир ба эътибор гирифта, дар давлатҳои сатҳи гуногуни рушд ба раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани тамоюлоти инкишофи самтҳои асосии он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Сиёсати давлатӣ дар танзим ва таъмини рушди мутаносиби тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, махсусан дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа мақоми махсусро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки дар мамлакатҳои пешрафта, аз ҷумла дар ИМА, Япония, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Ҷумҳурии Франсия, Ҷумҳурии мардумии Чин ва мамлакатҳои дигар ба масъалаи таҳияи сиёсати давлатӣ ва татбиқи воқеии он диққати махсус медиҳанд.

Сиёсати давлатӣ сарчашмаи муҳимтарини пешрафти ҷомеа ва воситаи асосии сафарбарнамоии тамоми неруҳои ҷамъиятӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёти инсон ва ҷомеа ба шумор меравад. Мутахассисон ва доираҳои ҳукмрон ва тамоми элитаи сиёсӣ ба он мекӯшанд, ки дар таҳким ва такмили сиёсати давлатӣ ҳамчун барандаи асосии рушди ҷомеа мақоми бевоситаро пайдо намоянд ва аз натиҷаҳо ва оқибатҳои он дар доираи манфиатҳои оммавӣ ва гурӯҳӣ истифода намоянд. Аз ин ҷост, ки дар чунин ҷомеаҳои пешрафта ба масъалаҳои таҳқиқи назариявӣ, муайян намудани асосҳои методологӣ ва раванди дар ҳаёти воқеӣ истифода намудани натиҷаҳои он диққати махсус медиҳанд. Раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани тамоюлоти инкишофи он ҳамчун воситаи муҳимтарини идоракунии муосир мавриди маблағгузориҳои мақсаднок гардида, натиҷаи фаъолиятҳои илмию таҳқиқотӣ ба таври доимӣ ва ҳамешагӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Сиёсати давлатӣ ва раванди таҳия ва татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи арзишҳо ва принсипу меъёрҳое ба амал баровarда мешаванд, ки дар доираи манфиатҳои миллӣ ва рушди низоми давлатдории миллӣ воқеият пайдо менамоянд. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон роҳи ислоҳотҳои соҳаҳои гуногуни ҷамъиятиро пеш гирифта, сиёсати давлатӣ ва рушди бевоситаю ҳамаҷонибаи онро вазифаи муҳимтарин меҳисобад. Ба сиёсати давлатӣ ҳам дар сатҳи муносибати универсалӣ ва ҳам дар сатҳи соҳавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ҳамчун воситаи муҳимтарин ва асосии ҳалли масъалаҳои инкишофи ҷомеа ва низоми идоракунии самаранок мансуб медонанд. Маҳз сиёсати давлатӣ восита ва унсури муҳимми таҳия ва ба амал баровардан барномаҳои махсуси сиёсӣ дар амалӣ намудани ислоҳати соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста мешавад. Он унсури

меҳварии ислоҳоти идоракунии сиёсии ҷомеа ва ташаккулу инкишофи мутаносиб он мансуб мегардад.

Давраи нави давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон бо ташаккули сохторҳо ва ниҳодҳои нави давлатӣ ва дигаргуншавии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оварда расонидааст. Гузариш ба иқтисодиёти нав, ки низоми бозор ва тиҷорат асоси онро ташкил медиҳанд, ба ташаккули сохторҳои давлатӣ ва мақомоти мухталифи онҳо таъсири муайянкунанда расонида, ҳолати нави муносибатҳоро дар ҷомеаи сифатан нав ба вуҷуд оварданд. Чунин вазъият ба фаъолияти гуногуни одамон, ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ таъсири амиқ расонидаанд. Сиёсати давлатӣ дар доираи талаботҳо ва дархостҳои ҷомеаи навин рушд ёфта, мақоми хоссаро пайдо намуд.

Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми идоракунии давлатиро идома дода истодааст. Ин раванд қисми таркибии маҷмуи ҷорабиниҳо дар самти бунёди давлати пурқувват ва рақобатпазир ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолати сифатан нави инкишофи ҷомеа сиёсати давлатии ба худ мувоффиқро талаб менамояд. Зарурати воқеии бозсозии тамоми таркиботи сиёсати давлатӣ, бунёди низоми нав, ки метавонад ба таҳдид ва хатарҳои ҷойдошта ҷавобгӯ буда, равандҳои ҷамъиятиро новобаста аз шакли зуҳурашон назорат намояд ва такмилу таҳким бахшад, ба миён омад.

Ҳоло зарурати омӯзиш ва баррасии илмии ташаккули сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва баҳогузории он ба яке аз вазифаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ мубаддал гардидааст. Маҳз, чунин зарурат интихоби мавзуи мазкурро ҳамчун масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар мавриди сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлоти инкишофи он дар таърихи таълимоти сиёсӣ, махсусан, дар давраи муосири инкишофи ҷомеа вобаста ба

зарурати инкишоф назарҳои гуногун иброз гардидаанд. Маводи зиёди назариявӣ ва амалии таҳқиқи сиёсати давлатӣ мавҷуданд, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш, таҳлил ва натиҷагириҳо қарор додаанд. Бо назардошти муҳиммият, хусусиятҳои гуногуну васеъро касб намудани сиёсати давлатӣ новобаста аз макон ва давраи амал адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашударо ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо намудан барои дарку фаҳми дурусти масъала мусоидат менамояд.

Ба гурӯҳи аввал осори муҳаққиқонеро ворид намудан лозим аст, ки бештар ба масъалаҳои назариявию методологӣ таваҷҷуҳ намуда, кӯшиши дарки амиқи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва истифодаи самараноки онро ба харҷ додаанд[1].

Дар доираи чунин таълимот меарзад, ки пеш аз ҳама, ба таълимоти Арасту[2] рӯ оварем. Дар таълимоти ӯ масъалаи асосиро худи сиёсат, навъҳо ва хелҳои гуногуни он, зарурат ва муҳиммияти он дар раванди идораи давлатӣ ва корҳои дигари ҷомеа ташкил менамояд. Назари Арасту ба сиёсат, сиёсатофаринӣ, истифодаи сиёсат ҳамчун омили муҳимтарини рушди ҷомеа ва оқибат натиҷаҳои охирини рушди ҷомеаи муташаккил будани он таваҷҷуҳи махсусро талаб дорад. Ба мисли Арасту муҳаққиқеро пайдо кардан осон нест, ки сиёсат ва ҳаёти сиёсиро

---

[1] Ал Фороби. Гражданская политика. Социально-политические трактаты. [Текст] / Ал Фороби. - Алма-Ата, 1973; Аристотель. Политика. [Текст]. // Аристотель. Соч. в 4-х томах. - М., 1983. т. 4; Артхашастра или Наука политики. [Текст] / Аристотель. - М., 1993; Афлотун Ҷумҳур. [Матн]. / Афлотун. - Душанбе, 2011; Бакунин М.А. Философия. Социология. Политика. [Текст]. /М.А. Бакунин. - М., 1989; Берк Э. Правление, политика, общества. [Текст] / Э.Берк. - СПб., 2001; Боден Ж. Шесть книг о государстве. [Текст] /Ж. Боден. //Антология мировой философии: В 4 т. [Текст]. - М., 1970. Т.2; Бурдье П. Социология политики. [Текст]. /П. Бурдье. - М., 1993; Бурлацкий Ф.М. Политическая наука и реальная политика: в 2 кн. [Текст] /Ф.М. Бурлацкий. - М., 2008; Валлерстайн И. Миросистемный анализ: введение. [Текст] /И. Валлерстайн - М., 2006; Вебер М. Власть и политика. [Текст] /М.Вебер. - М., 2017; Гумплович Л. Социология и политика. [Текст] / Л. Гумплович. – М ., 1895; Дониш А.М. Рисола дар назми тамаддун ва таовун. [Матн] / А.М. Дониш. // Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. - Душанбе, 1989; Боз вай. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. [Матн] / А.М. Дониш. - Душанбе, 1992; Жирар М. Индивиды в международной политики. [Текст] /М. Жирар. – М., 1996; Крижанич Ю. Политика. [Текст] /Ю.Крижанич. - М., 1997; Лассуэлл Г. Психопотология и политика. [Текст] /Г. Лассуэлл. - М., 2005; Макиавелли Н. Государь. [Текст] / Н. Макиавелли. - М., 1996; Стронин А.И. Политика как наука. [Текст]/ Стронин – СПб., 1872; Тэтчер М. Искусство управления государством. Стратегии для меняющегося мира. [Текст] / М. Тэтчер. – М., 2003.

[2] Ниг.: Аристотель. Политика. [Текст] / Аристотель // Сочинения: в 4 т. - М.: Мысль, 1983; Антология мировой политической мысли. [Текст] . В пяти томах. – М., 1997.

бо тамоми мураккабиҳо ва печидагиҳояш мавриди таҳқиқ қарор дода бошад. Асарҳои Арасту сарчашмаи боэътимодтарин мансуб гардида, ҳамтоҳои хешро пайдо накарда, аҳаммияти барҷастаи омӯзишӣ ва таҳлилию хулосагириҳоро доро гардидаанд. Махсусан, Арасту ба масъалаҳои фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои идоракунӣ, ки ба ҷамъоварии андозҳо, нигоҳ доштани тартибот, таъмини некуаҳволии шаҳрҳо, танзими моҷароҳо байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ равона гардида буд, диққати махсус додааст. Ғояи нафъи умумӣ ва фаъолияти давлатию идоракунӣ дар таълимоти ӯ ба таври пайваста ва доимӣ инкишоф ёфтааст.

Дар афкори Афлотун[1] лоиҳаи ормонии бунёди давлат пешниҳод гардидааст. Ғояҳои Афлотун ба бунёди давлат ва ҷомеаи ғоявӣ равона шудаанд, ки дар асарҳои “Давлат” ва “Қонунҳо” баён гардидаанд.

Ин зумра муҳаққиқон ва сиёсатмадорон кӯшиш намуданд, ки тарҳи назариявии полиси идеалиро бунёд намоянд. Ба коркарди сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ машғул гардидаанд, лекин натавонистанд аз доираи тасаввурот оид ба давлат ҳамчун полис берун оянд. Аммо дар маркази назари онҳо масъалаи дарёфти ҳалли масъалаҳо ва рушди ҷомеа қарор доштанд. Яъне, дар асарҳои онҳо бевосита сухан дар мавриди тавассути сиёсат ва навъҳои мухталифи он инкишоф додани ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ меистанд.

Ба гурӯҳи дуюм асарҳои муҳаққиқоне ворид гардидаанд, ки бевосита сиёсат ва зуҳуроти мухталифи онро мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор доданд.[2] Онҳо сиёсатро дар маъниҳои гуногун

[1] Платон. Законы. [Текст] / Платон. – М.: Мысль, 1999.

[2] Азаркин Н.И. В.И. Ленин о политике как общественном явлении. [Текст] / Н.И. Азаркин - М., 1971; Айнӣ С. Таърихи ингилоби Бухоро. [Матн] / С.Айнӣ. // Мураттиб Р.Ҳошим. - Душанбе: Адиб, 1987; Амелин В.Н. Социология политики. [Текст] / В.Н. Амелин. – М., 1992; Бовин А.Е. В.И. Ленин о политике и политической деятельности. [Текст] / А.Е. Бовин. - М., 1971; Бурлацкий В.М. Ленин, государство, политика. [Текст] / В.М. Бурлацкий. - М., 1970; Гоббс Т. Левиафан, или материя, форма и власть государства церковного и гражданского: Сочинения: в 2 т. Т. 2. [Текст] / Т.Гоббс. - М., 1991; Ғазолӣ М. Насиҳат-ул-мулук. [Матн] / М. Ғазолӣ. - Душанбе, 1993; Дониш А. Наводир-ул-вагоеъ. Китоби 2. [Матн] / А.Дониш. – Душанбе, 1989; Лебедева М.М. Мировая политика. [Текст] / М.М. Лебедева. - М., 2003; Низомулмулк. Сиёсатнома. [Матн] / Низомулмулк. – Душанбе , 1998; Смирнов

мефаҳманд. Фаҳми муқаррарии сиёсат аз ибтидо то ба ҳоло чандон тағйир наёфтааст: сиёсатро ҳамчун фаъолияти инҳисории давлат, ҳамтои идоракунии давлатӣ медонистанд.

Дар чунин маъниҳо дар таърихи таълимоти сиёсӣ андешаҳо кам нестанд; сиёсатро дар маънои зӯрӣ фаҳмида, онро воситаи тарсонидани на танҳо одамон, балки ниҳодҳои гуногуни ҷомеа медонистанд. Сиёсатро ба сифати омили азобу шиканҷаи одамон тавсиф намудаанд.

Аз гурӯҳи мазкури муҳаққиқон таваҷҷуҳро бештар Н.Макиавелли ба худ мекашад. Ӯ муаллифи яке аз лоиҳаҳои машҳури сиёсати давлатӣ аст, ки ташаккул ва рушди давлати қудратмандро воситаи муҳимтарин инкишофи ҷомеа ва тамоми инсоният медонад. Дар рисолаи “Подшоҳ” паҳлуҳои мухталифи сиёсати давлатиро мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор додааст. Ӯ сиёсатро ҳамчун омили асосии идоракунӣ тавсиф намудааст. Тамоми раият бояд ба давлат ҳисси меҳру муҳаббат ва тарс дошта бошанд. Давлат, дар навбати худ, амният ва моликияти онҳоро ҳифз менамояд.

Ба гурӯҳи сеюм асарҳои олимон дохил мегарданд, ки сиёсатро ба таври мақсаднок омӯхта, хосиятҳои асосии онро шарҳ дода, онро ҳамчун воситаи муҳимтарини идоракунии ҷомеа тавсиф менамоянд.[1] Дар

Б.А. Политическая сфера общества. [Текст] / Б.А. Смирнов. – М., 2002; Стронин А. Политика как наука. [Текст] / А.Стронин. – СПб., 1872; Пичугин В.П. Место и роль политики в развитии советского общества. [Текст] / В.П. Пичугин. - М., 1971; Чичерин П.В. Курс государственной науки. Ч.3. [Текст] / П.В. Чичерин. – М., 1898; Панарин С.А. Философия политики. [Текст] / Панарин С.А. –М., 1996; Кошифӣ Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи "Ҳотамия". [Матн] / Ҳ.В. Кошифӣ. - Душанбе, 1991.

[1] Ниг.: Анохин М.Г. Политические системы адаптация, устойчивость (теоретико-прикладной анализ) [Текст] / М.Г. Анохин. – М., 1996. – 305 с.; Афанасьев В. Г. Общество системность, познание и управление [Текст] / В. Г. Афанасьев. – М., 1981. – 432 с.; Винер Н. Кибернетика и общество [Текст] / Н. Винер. – М., 1958. – 200 с.; Маркс К. Капитал [Текст] / – Т.1, кн.1 // Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – 2-е изд. – Т.23; Вебер, М. Протестант ская этика и дух капитализма [Текст] / М. Вебер. – М., 2021. – 352 с.; Вебер М. Политика как призвание и профессия [Текст] / М. Вебер //Избр. произведения. – М.: Прогресс, 1990. – 808 с.: Wilson W. The Study of Administration [Text] / W. Wilson // Political Science Quarterly 2. 1887, June. P. 197.; Вильсон В. Государство. Прошлое и настоящее конституционных учреждений [Текст] / В. Вильсон. – М., 1905. 569 с.: Goodnew Frank J. Politics and Administration [Text] / J. Goodnew Frank. – N.Y.: Macmillan, 1900.: Алмонд Г., Пауэлл Дж., Стром К., Далтон Р. Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор [Текст] / Учебное пособие. Сокр. пер. с англ. А С. Богдановского, Л. А. Галкиной; // Под ред. М. В. Ильина, А Ю. Мельвиля. – М.: Аспект Пресс, 2002. – 537 с., Almond G. The Civil Culture Political Attitudes and Democracy in Five Nations [Text] / G. Almond. – Boston, 1965. P. 379.; Easton D. Political System [Text] / D. Easton. – NY, 1971.: Parsons T. Politics and Social Structure [Text] / T. Parsons. – N.Y, 1969; Ясперс К. Смысл и назначение истории [Текст] / К. Ясперс. / Пер. с нем. – М., 1991. – 527 с.; Тейлор Ф.У. Принципы научного менеджмента

бештарин ҳолатҳо, М.Г.Анохин, В.Г.Афанасев. Н.Винер, К. Маркс, М. Вебер, В. Вилсон, Ф. Гудноу, Д. Г. Алмонд, Д. Истон, Т. Парсонс, К. Ясперс, Ф.У. Тейлор, А. Файол, Л. Уайт, Ч. Баднар, Г. Саймон, Д. Уалдо, М. Крозе, П. Друккер, У. Нисканен, Э. Далшир, Ҷ. Марч, Й. Ослон, Д. Осборн, Т. Гэблер ва дигарон ба сиёсат чунин муносибатро ихтиёр намудаанд. Бахусус, масъалаҳои муносибати сиёсат, пеш аз ҳама, сиёсати давлатӣ ба ҳокимият, муносибат бо бюрократия ва самаранокии фаъолиятҳои акторҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор гирифта буданд.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон, ки бештар ба масъалаҳои амалии сиёсат ҳамчун системаи идоракунӣ рӯ овардаанд Г.В. Атаманчук, М.Г. Анохин, И.А. Василенко, Н.И. Глазунов, В.Д. Граждан, Г.В. Голосов, З. М. Зотов, А.А. Калинен, Д. Г., Красильников, В. Колесников, В.С. Комаровский, Е.Г. Морозов, Е.В. Охотский, Г. В. Пушкарева, О.Е. Петрунин, В.М.Родачин, О. В. Сивинцева, Л. В.Сморгунов, С.В. Сытин, Е. А. Троицкая, О.Ф.Шабров ва дигарон мебошанд[1]. Онҳо масъалаҳои муҳим,

---

[Текст] / Ф. Тейлор. – М., 1991. – 106 с.; Управление – это наука и искусство [Текст] / А.Файоль, Г.Эмерсон, Ф.Тэйлор, Г.Форд. – М., 1992. – 351 с.; Osborne D., Gaebler T. Reinventing Government. How the Entrepreneurial Spirit is Transforming the Public Sector [Text] / D. Osborne, T. Gaebler? N.Y., 1992. – P. 247.; Тэтчер М. Искусство управления государством. Стратегия для меняющегося мира [Текст] / М. Тетчер. // Пер. с англ. – 8 –е изд. - М.: Альпина Паблишер, 2022. – 504 с.

[1] Ниг.: Атаманчук Г.В. Управление: сущность, ценность, эффективность [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М., 2006. – 544 с.; Боз вай. Теория государственного управления [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М., 2010. – 525 с.; Боз вай. Модернизация государственного управления теоретико-методологические основания [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М., 2001; Боз вай. Государственное управление организационно-функциональные вопросы [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М.: РАГС, 2001. – 34 с.; Глазунова Н.И. Система государственного управления [Текст] / Н.И. Глазунова. – М, 2008. – 640 с.; Граждан В.Д. Деятельностная теория управления [Текст] / В. Д. Граждан. учеб. пособие по спецкурсу – М.: РАГС, 1997. – 179 с.; Граждан В. Д. Теория управления [Текст] / В.Д. Граждан. – М., 2006. – 416 с.; Государственная служба (комплексный подход) [Текст] / Отв. ред. А.В. Оболонский. – М.: Издательство «Дело» АНХ, 2009. – 512 с.; Государственное управление и политика [Текст] / Под. ред. Л.В. Сморгунов – СПб, 2002. – 564 с.; Сморгунов Л. В. Современная сравнительная политология [Текст] / Л.В. Сморгунов. - 2-е изд., испр. и доп.– М., 2018. – 417 с.; Сравнительное государственное управление: Теория, реформы, эффективность [Текст] / Под. ред. Л.В. Сморгунов – СПб., 2000. – 228 с.; Голосов Г.В. Сравнительная политология [Текст] / Г.В. Голосов. – СПб., 2001. – 368 с.; Василенко И.А. Административно-государственное управление в странах Запада США, Великобритания, Франция, Германия [Текст] / И.А. Василенко. – М., 2000. – 235 с.; Петрунин О.Е. Государственное управление зарубежных стран [Текст] / О.Е. Петрунина, С.В. Прокин. – М., 2001. – 416 с.; Анохин М.Г. Комаровский В.С. Политика возможности современных технотогий [Текст] / М.Г.Анохин, В.С. Комаровский. – М., 1998. – 64 с.; Связи с общественностью в политике и государственном управлении [Текст] / Под. ред. В.С. Комаровского. – М, 2001. – 112 с.; Комаровский В.С. Административная реформа и процессы демократизации управления в российской Федерации [Текст] / В.С. Комаровский // IV Всероссийский конгресс политологов. Тезисы докладов. – М., 2006; Политическое управление теория и практика [Текст] / Под. общей ред. Зотов З. М. – М, 1997.; Шабров О.Ф. Политическое управление. Проблема стабильности и развития [Текст] / О.Ф. Шабров. – М., 1997. – 200 с.; Морозов

аз қабили назария ва амалияи система, принсипҳои он, механизм ва қонунияти фаъолияти низоми идоракунӣ, ҷанбаҳои ташкилию сиёсӣ ва фаъолияти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, таҳқиқоти муқоисавии идоракунии давлатӣ, таҳлили моҳият, сохтор, механизмҳои идоракунии сиёсӣ, таъсири мутақобилаи субъект ва объекти идоракунӣ, мақом ва ҷойгоҳи менеҷменти сиёсӣ дар раванди идоракунӣ мавриди баррасию хулосагириҳои илмӣ қарор додаанд.

Гурӯҳи панҷуми муҳаққиқонро олимони ватанӣ ташкил менамоянд. Онҳо ҷанбаҳои гуногуни ташаккул ва рушди идоракунии сиёсӣ ва мақому ҷойгоҳи сиёсат ва унсурҳои мухталифи сиёсиро дар шароити соҳибистиқлолии кишвар мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар адабиёти сиёсии ватанӣ оид ба муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва идоракунии сиёсӣ таҳқиқотҳои мухталиф таҳия гардидаанд. Паҳлуҳои гуногуни масъаларо Г.Н.Зокиров, С.Ятимов, М.Хидирзода, Ҳ.Нуриддинов, Ш.Каримов, А.Ғафурзода, К.Олимов, А.Достиев, С.Фаттоев, Ҷ.З. Маҷидзода, Х.Усмонзода, Х.М.Зиёӣ, Т.Фозилов, А.Имомов, Р.Сотиволдиев, М.Маҳмудзода, Б.Ҳ.Раззоқов, Ҷ.Н.Ҷамшедов, К.М. Каримов, Д.Муллоев, Б. Ализода ва дигарон[1] мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор додаанд.

---

Е.Г. Политический рынок и политический маркетинг: концепции, модели, технологии [Текст] / Е.Г. Морозов. – М., 1998. – 247 с.; Охотский Е.В. Теория и механизмы современного государственного управления: учебно-методический комплекс [Текст] / Е.В. Охотский. – М., 2013. – 701 с.; Пушкарева Г. В. Политический менеджмент [Текст] / Г.В. Пушкарева. – М., 2002. – 400 с.; Колесников В., Семенов В. Политический менеджмент [Текст] / В. Колесников, В. Семенов. – СПб.: Питер, 2012. – 320 с.; Калинен А. А. Система политического управления в трансформирующейся России: теоретико-прикладной анализ [Текст]: дис. …док. полит. наук. / А.А. Калинен. – М., 2006. – 401 с.; Красильников Д. Г., Сивинцева О. В., Троицкая Е. А. Современные западные управленческие модели: синтез New public management и Good governance // Ars Administrandi. 2014. № 2; Родачин В. М. Феномен государственной политики: сущность и виды. //Гуманитарные науки. Вестник Финансового университета. 2021;11(6). –С. 46-53; Сытин С. В. Основные подходы к механизмам выработки государственной политики. //Социально-гуманитарные знания. 2010; (6). –С. 85-98.

[1] Ниг.: Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. [Матн] / Г.Н.Зокиров. – Душанбе, 2011. – 352 с.; Боз вай. Давлат. [Матн] / Г.Н.Зокиров. –Душанбе, 2006; Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе, 2015. – 194 с.; Хидирзода, М.У. Унсури иттилоотӣ дар таъмини идоракунии босуботи ҷомеа [Матн] / М.У. Хидирзода. – Душанбе, 2022. – 122 с.; Нуриддинов Ҳ. Одоби касбӣ ва муоширати хизматчии давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов. – Душанбе, 2005. – 61 с.; Каримов Ш.К. Роль неправительственных организаций в формировании гражданского общества в Таджикистане: политологический анализ [Текст]: дис. докт. ... полит. наук. / Ш.Т.Каримов. – Душанбе, 2016. – 292 с.; Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистон [Матн] / А. Имомов. – Душанбе, 2007. – 270 с; Раззоқов, Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии

Г.Н. Зокиров масъалаҳои сиёсати давлатӣ ва идоракуниро дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст[1]. Ӯ таъкид менамояд, ки хусусияти асосии режими сиёсӣ имконияти дар заминаи кадоме аз ин асосҳои таълимотию идеологӣ таҳияи сиёсати давлатӣ ва ташаккули раванди идоракуниро муҳайё менамояд. Ӯ масъалаи мазкурро аз назари масъалаҳои вобаста ба ташаккули системаи сиёсӣ ва давлат баррасӣ ва таҳлил намуда, самаранокии системаи сиёсиро "амали рӯзмарра" маънидод менамояд. Вобаста ба ин муаллиф қайд мекунад, ки "агар иҷрои вазифаҳо, таъмини ягонагӣ ва худмухторӣ аз ҷомеа, муносибати мавзун бо муҳит риоя гарданд, он гоҳ раванди самаранокӣ халалдор намегардад"[2].

Профессор С. Ятимов ба масъалаи сиёсати давлатӣ дар доираи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллию давлатӣ муносибат намуда, ба тақвияти мавқеи субъекти сиёсат – шахс, мафкура ва ҷаҳонбинии он, пешгирӣ аз таҳдидҳо тавассути устуворгардонии мафкуравии он, шинохти арзишҳои миллию давлатӣ, коркарди механизмҳои самарабахши идоракунии давлатӣ тавассути истифодаи таҷриба ва анъанаи неки давлатдории аҷдодон ва механизмҳои муосири идоракунӣ диққати ҷиддӣ додааст. Муаллиф вобаста ба таъсири идеология дар раванди идоракунӣ қайд мекунад, ки "онҳо қаноатманд мешаванд замоне, ки бо халқҳои "каммаърифат" ба ибораи дигар содалаҳв дучор меоянд, зеро "вақте ки халқ тирааќл аст, идора карданаш осон аст"[3].

---

Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матн] / Б. Ҳ. Раззоқов. – Душанбе, 2007. – 236 с.; Джамшедов Д.Н. Государстенная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект) [Текст]: дис. …канд. юрид. наук. / Д.Н. Джамшедов. – М., 2011. – 163 с.; Каримов, К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.М. Каримов. – Душанбе, 2006. – 496 с.; Ализода Б. Трансформация и развитие государственного управления в Таджикистане (1929-2015 гг.) [Текст] / Б. Ализода. – Душанбе, 2021. – 170 с.

[1] Зокиров Г.Н. Хусусиятҳои инкишофи сиёсат ва идораи давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017. № 2/5(1).

[2] Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2011. – С.31.

[3] Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе, 2015. – С.19.

Масъалаҳои мухталифи муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва идоракунии давлатӣ, натиҷагириҳои фаъолияти мақомоти идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ, роҳу воситаҳои беҳтари самаранокгардонии идоракунии давлатӣ дар суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикоси барҷастаи худро пайдо намудаанд. Ӯ мазмун ва моҳияти сиёсати давлатиро асоснок намуда, самтҳои асосии инкишофи онро муайян намудааст. Истифода аз онҳо имконият медиҳанд, ки дар афзалият ва дурнамои рушди муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва масъалаҳои мухталифи идоракунӣ хулосаҳои зарурии илмӣ ҳосил гарданд[1].

Новобаста аз оне ки дар шароити муосири рушди таҳлил ва таҳқиқотҳои илмӣ дар масъалаи сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи он асарҳое зиёде таълиф шудаанд, аммо на ҳама масъалаҳои он мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Зеро талаботи рӯзафзуни амалияи сиёсӣ, махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ ва назарияи нави муҳаққиқонро талаб доранд. Зиёда аз ин, осори таҳқиқотии мутахассисони ватанӣ то ҳоло имконияти беҳтари рушди сиёсати давлатӣ ва самтҳои ташаккули онро илман ва ҳамаҷониба дар сатҳи зарурӣ асоснок накардаанд. Аз ин хотир, дар доираи кори диссертатсионии мазкур ба таври маҷмуавӣ ташаккул ва инкишофи

---

[1] Ниг.: Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.; Рахмонов Э. Ш. Таджики на пороге будущего. Сборник выступлений Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмонова в СМИ России [Текст] / Э. Ш. Рахмонов. - М., 1997. – 32 с.; Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2018. – 270 с.; Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2016, - 364 с.; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн] / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе, ҷ.1. – 261 с.; Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ [Матн]: – Душанбе, 6.06.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj (санаи муроҷиат: 8.04.2022); Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30 – солагии истиқлоли давлатӣ [Матн]: – Душанбе, 08.09.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj /node/26483 (санаи муроҷиат: 8.04.22); Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: – Душанбе, 23.01.2015. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 5.04.2022); Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани нақби Анзоб [Матн]: 22 майи соли 1999. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/26483 (санаи муроҷиат: 14.04.22).

сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва ҳолатҳои таҳияи онро ба таври мушаххас мавриди натиҷагирӣ қарор хоҳем дод.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – “Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохили ва берунӣ” (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиш сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии он, таҳия ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Барои таҳия ва татбиқи амалии мақсади мазкур **вазифаҳои** зеринро ҳал бояд намуд:

- таҳқиқи сиёсати давлатӣ ҳамчун раванди муҳим ва барҷаста ва хусусиятҳои инкишофи он дар шароити давраи ҳозираи инкишоф;

- муайян намудани аҳамият ва зарурати омӯзиши парадигмаҳои гуногун дар бораи сиёсати давлатӣ барои дарки дурусти моҳият ва хусусиятҳои он дар шароити ҳозира;

- муайян намудани хусусиятҳои универсалӣ ва соҳавии сиёсати давлатӣ дар назария ва амалияи муосир;

- муайян намудан ва мушаххас гардонидани принсипҳо, меъёрҳо ва методҳои таҳия ва истифодаи амалии сиёсати давлатӣ;

- таҳқиқи афзалиятҳо ва норасогиҳои принсипҳо, меъёрҳо ва методологияи муосири сиёсати давлатӣ;

- ошкор намудани хусусиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи муосир;

- муайян намудан ва ҳамаҷониба таҳлил намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррар намудани мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудан ва пешниҳоди тавсияҳо барои ҳалли масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти** мазкурро раванди таҳияи сиёсати давлатӣ, моҳият, хусусиятҳо ва низоми татбиқи он ташкил менамояд.

**Предмети таҳқиқотро** таҳлил ва барррасии сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии инкишоф ва низоми татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот**. Дар тамоми давру замон рушд ва инкишофи ҷомеа ба тарзи идоракунии он ва низоми сиёсии давлатӣ вобаста мебошад. Низоми мукаммали сиёсати давлатӣ ва самтҳои асосии инкишофи он дар шароити имрӯза ҳамчун омили асосӣ ва муҳимми рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ баромад менамояд. Вобаста ба ин парадигмаи тамоюлоти асосии таҳия ва ба амал баровардани сиёсати давлатӣ дар ташаккули системаи махсуси идоракунии сиёсӣ дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми муайянкунанда пайдо менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** хулосаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки масъалаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳия ва татбиқи онро мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор дода, таъсирррасонии онро ба соҳаҳои мухталифи рушди ҷомеа таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳанд. Гузориш ва ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии таҳия ва инкишофи сиёсати давлатӣ имконияти омӯзиши дақиқи масъаларо дар Тоҷикистон таъмин менамояд.

Дар кори диссертатсионӣ принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои мухталифи таҳқиқотӣ истифода шудаанд. Принсипҳо ва методҳои

умумиилмӣ ва махсус, методҳои мухталифи илмҳои сиёсӣ, аз ҷумла методҳои системавӣ ва сохториву амалнамоӣ, муқоисавӣ, методи мушоҳида ва баҳогузорӣ ва инчунин методҳои дигаре дар доираи низоми донишҳои синергетикӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Объект, предмет ва мақсади таҳқиқот истифодаи методологияи таҳлили сиёсӣ, методҳои системавӣ ва муқоисавиро талаб намудаанд. Чунин сатҳи истифодаи методҳо, принсипҳо ва меъёрҳои таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки сиёсати давлатӣ ҳамчун падидаи умумӣ ва ягона баррасӣ карда шавад. Бахусус, методи функсионалию таркиботӣ бо мақсади таҳқиқи сиёсати давлатӣ ҳамчун раванди бисёрҷанба, маҷмуавӣ ва бисёрсатҳа, ки унсурҳои сиёсӣ, маъмурӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ, кадриро дар бар мегирад, истифода шудааст.

Муносибати ниҳодӣ таҳлили низоми сохтории сиёсати давлатиро ҳамчун актори низоми муносибатҳои иҷтимоӣ пурра менамояд. Он имконият медиҳад, ки мақоми сиёсати давлатиро дар таҳкими системаи сиёсии демократӣ, ҳалли монеаҳо ва мушкилиҳои мухталифи ҷамъиятӣ ошкор шаванд.

Муносибати системавӣ барои дарки амиқи масъалаи таҳқиқ истифода гардидааст. Дар доираи муносибати системавӣ воқеияти ҳамкориҳои акторҳои гуногуни ҷамъиятӣ таҳлил гардида, хусусияти таъсири мутақобилаи онҳо ошкор карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз мақсад ва вазифаҳои муайяннамудаи муҳаққиқ бармеоянд ва дар он зуҳур мегарданд, ки ба таври маҷмуӣ ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, аз ҷумла:

- сиёсати давлатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ: моҳият, хусусиятҳо ва раванди инкишофи он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд;

- аҳаммият ва зарурати омӯзиши парадигмаҳои гуногун дар бораи сиёсати давлатӣ барои дарки дурусти моҳият ва хусусиятҳои он дар шароити ҳозира муайян карда шудаанд;

- хусусиятҳои универсалӣ ва соҳавии сиёсати давлатӣ дар назария ва амалияи муосир нишон дода шудаанд;

- принсипҳо ва меъёрҳои таҳияи сиёсати давлатӣ муайян ва мушаххас карда шудаанд;

- афзалиятҳо ва норасогиҳои принсипҳо ва меъёрҳои сиёсати давлатӣ ошкор карда шудаанд;

- самтҳои асосии таҳия ва татбиқи воқеии сиёсати давлатӣ дар шароити муосири соҳибистиқлолии Тоҷикистон омӯхта ва нишон дода шудаанд;

- мақом ва нақши ниҳодҳои давлатӣ ва таркиботи дигари мувофиқи ҷомеаи муосир дар таҳия ва татбиқи навъи мазкури фаъолияти сиёсӣ муайян карда шудаанд;

- проблемаҳои асосӣ ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**.

- низоми сиёсати давлатӣ унсури муҳимми инкишофи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи он дар ташаккули мазмун ва шакли на танҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, балки умуман дар раванди инкишофи ҷомеа аҳаммияти муайянкунандагӣ пайдо менамоянд. Сиёсати давлатӣ унсури асосии идоракунӣ ва воқеияти амалии он ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мансуб гардида, бо инкишоф, тағйирпазирӣ, қобилияти касби сатҳҳо ва навъҳои мухталиф дар ҳаракати ҷамъиятӣ фарқ менамояд. Тамоми таснифоти сиёсати давлатӣ музмуну мундариҷаи асосии он – таъсиррасонии мақсадноки амалии давлат ба

муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки мақсади он танзим, ташкили низоми мувофиқ ва таъсири танзимнамоӣ ба он, яъне таъмини амал намудани система ва имконияти тағйироти онро нишон медиҳанд. Тамоми навъҳои идоракунӣ, новобаста аз умумияти онҳо, на танҳо дар асоси хусусияти объектҳои худ, балки бо мақсадҳо, усулҳо ва мақомотҳои ба онҳо хос фарқ мекунанд;

- дар раванди омӯзиши сиёсати давлатӣ ҳамчун низом, навъҳои гуногуни он, пеш аз ҳама, навъи универсалӣ ва навъи соҳавии сиёсати давлатӣ аҳамияти муҳимро касб менамояд. Дар шароити имрӯза ҳар яке аз онҳо дорои бартарӣ ва камбудиҳои муайян мебошанд. Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи навъҳои мухталифи сиёсати давлатӣ тасаввуроти муайян оид ба давлати алоҳида пайдо мешавад. Вобаста ба нишондиҳандаҳои навъбандӣ метавон навъҳои мухталифи низоми идоракунии давлатиро ҷудо намуд. Низоми идоракунӣ метавонад демократӣ, тамаддунӣ, авторитарӣ, тоталитарӣ, диктаторӣ ва ғайра бошад. Навъбандиҳои низоми сиёсати давлатӣ дар асоси навъбандиҳои системаи сиёсӣ ва режими сиёсӣ муҳим мебошад. Дар асоси мундариҷа ва усулҳои таъсиррасонии идоракунӣ – идоракунии давлатии сиёсӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад;

- ташаккул ва инкишофи системаи сиёсати давлатӣ ба як қатор омилҳо, ба монанди сатҳи рушди ҷомеа, вазъияти фарҳанги сиёсӣ, анъанаҳои сиёсӣ, шаклҳои ҳукмрони дин, вазъияти мушаххаси таърихӣ, ҳатто шароити ҳудудиву географии кишвар вобаста аст. Маҳсулнокӣ ва самаранокии сиёсати давлатӣ, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки то кадом андоза вай ҳамчун системаи том баромад менамояд. Дар раванди муқаррар намудани чунин ҳолатҳо мақоми муҳимро алоқаҳои бевоситаи вертикалии сатҳи гуногуни ҳокимияти сиёсӣ пайдо менамояд. Ин ягонагии системаи идоракунии давлатиро, ки ба сиёсат ва фаъолияти сиёсии самаранок асос ёфтааст таъмин месозад;

- мақоми сарвари сиёсӣ дар низоми идоракунии давлат дар асоси мухолифатҳои заминавии инкишофи ҷамъиятӣ: хусусияти стихиявии равандҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошууронаи инсонӣ муайян карда мешавад. Дар сиёсати давлатӣ сарварӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бе ҳузури шахси аввал дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин ё он масъала ғайриимкон аст. Сарвари сиёсӣ бояд стратег бошад, талабот ба сарвар дар низоми сиёсати давлатӣ ва сиёсатҳои соҳавӣ зиёд буда, иҷро намудани онҳо амали мушкил ва мураккаб аст. Дар низоми сиёсати давлатӣ як қатор проблемаҳо пайдо шуданд, ки имконияти ташаккули сарварии нави самаранокро дар системаи сиёсии ҷомеа маҳдуд менамоянд. Дар баланд намудани самараноки намояндагӣ намудани ваколатҳо, мавҷудияти сарварони муваффақ дар ҳар як зинаи низоми сиёсати давлатӣ нақши бузург мебозад. Инчунин зарурати рушди минбаъдаи низоми ҷалби кадрҳо ба соҳаи сиёсати давлатӣ ба нафъи зиёд намудани миқдори роҳбарони касбӣ ва босалоҳият ба миён омадааст;

- дар шароити истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ шуруъ намуданд. Таваҷҷуҳи махсусро проблемаи ислоҳоти система ва тарзи идоракунии давлатӣ ба худ кашидаанд. Инкишофи давлатдории навин сатҳи нави идоракунии давлатии муносибатҳои ҷамъиятиро талаб намуданд. Гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир таъсири муассир бар раванди ташаккул ва инкишофи сиёсати нави давлатӣ нишон доданд ва расониданд. Ислоҳоти самтҳои асосӣ, принсипҳои универсалӣ ва махсус, меъёрҳо ва методҳои сиёсати давлатӣ, бунёди системаи нав, ки қобилияти ҷавоби самаранок гардонидан ба таҳдидҳои ташаккулёбанда доранд, равандҳои иқтисодӣ ва сиёсии назораткунанда ба вазифаи муҳим ва мақсади роҳбарияти мамлакат табдил ёфтанд;

- дар шароити имрӯза низ ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар кишвар идома дорад. Такмили минбаъдаи низоми идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, аз сатҳи амалӣ гардидани сиёсати кадрӣ дар ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман, ба самтҳои асосии рушди сиёсати давлатӣ ва низоми татбиқи он вобаста аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф бештар ба таълимот ва хулосаҳои муҳаққиқони сиёсӣ, муҳаққиқони шинохтаи соҳаи мазкури донишҳо, ки бевосита ба масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя намуда, аҳаммияти таҳқиқот, ҳолатҳои рушди самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва фаъолнокию самаранокии онҳоро тарҳрезӣ намудааст. Ба сифати асосҳои методологӣ дар раванди таҳқиқот аз муносибатҳои маъмули бахши мазкури илмҳои сиёсӣ ва илмҳои ҳамҷавор истифода намуда, аҳаммияти назариявию методологии онро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Чунин тарз ва сатҳи муносибат дар раванди омӯзиши масъала имкониятҳо ва шароити наву хубтареро ташаккул медиҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ падидаҳо ва тағйиротҳои сифатии тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар бавуҷудомада мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд, ки метавон натиҷаҳои онро дар таҳқиқоти минбаъда ба таври васеъ истифода намуд. Онҳо дар раванди таҳлил, хулосабарорӣ ва омӯзиши мазмун ва хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистон, муаммоҳои монеъшаванда дар рушди сиёсати давлатӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ дар кишвар аҳаммияти муҳим доранд. Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки ба таври назариявӣ вазъият ва ҳолатҳои асосии ташаккул ва рушди самтҳои асосии сиёсати давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои дигари ҷамъиятӣ, дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди низоми давлатдории Тоҷикистони муосир истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқотиро, инчунин, ҳангоми омӯзиши соҳаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ ва дигар соҳаҳои илмҳои ҳамҷавор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқӣ ва саҳеҳии маълумот, кифоя будани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки рисолаи диссертатсионӣ тасдиқ мекунад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи "Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилаллӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ ёфта, барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия гардидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Таъмини самаранокии фаъолияти идоракунии давлатӣ дар шароити муосир» бахшида ба 28- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22 –солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (ш. Бохтар, 17–18 майи соли 2019). –Бохтар, 2019.; Дар Конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ «Нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ» дар мавзуи «Ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми нави сиёсии олам» - Кулоб, 2023 ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод гардидаанд.

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Инчунин вобаста ба мавзуи диссертатсиони дар 3 конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Руйхати адабиёт 193 номгӯйро ташкил медиҳад ва матни диссертатсия дар ҳаҷми 174 саҳифаи компютерӣ таҳия шудааст.

# БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ РАВАНДИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

## 1. Сиёсати давлатӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот

Мафҳуми “Сиёсат” (ар. سياست ) ҳаммаънои мафҳуми юнонии *politika* буда, корҳои давлатӣ ё ҷамъиятиро ифода менамояд. Он фаъолияти муташаккили одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои сиёсӣ аст, ки аз манфиатҳо ва мақсадҳои онҳо бармеоянд ва дар системаи ҳамин хел соҳаи фаъолияти дигар: иқтисодӣ, идеологӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғ. асосӣ мебошанд.[1]

Сиёсатро дар маъниҳои гуногун мефаҳманд. Фаҳми муқаррарии сиёсат аз ибтидо то ба ҳоло чандон тағйир наёфтааст ва он дар бештари ҳолатҳо дар се маъно дониста мешавад:

1. Сиёсатро ҳамчун фаъолияти инҳисории давлат медонанд.

2. Сиёсатро ҳамчун раванди идораи давлат ва ё мамлакат медонанд.

3. Сиёсатро дар маънои зӯрӣ фаҳмида, онро воситаи тарсонидани на танҳо одамон, балки ниҳодҳои гуногуни ҷомеа медонанд. Сиёсатро ба сифати азобу шиканҷа ва воситаи ба ҷазои сахттарин - қатл расонидани одамон меҳисобиданд.

Фаҳми илмию касбии сиёсат ҳолати дигар дорад:

- сиёсат яке аз соҳаҳои системаи ҷамъиятӣ дониста мешавад. Дар баробари сиёсат системаи ҷамъиятӣ иқтисод, иҷтимоиёт ва маданиятро низ дар бар гирифта, инкишофи баробари онҳоро таъмин месозад. Вобаста ба махсусиятҳои инкишофи ҷомеа яке аз соҳаҳо сатҳи бештари хосияти таъсиррасониро пайдо менамояд. Таъсиррасониҳо фақат шакли пайвастагиҳо ва робитаҳои мутақобилаи байни соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанду халос.

- сиёсат идораи корҳои мардум аст, ки аз тарафи субъектҳои сиёсӣ ба таври мақсаднок ва муташаккилона амалӣ мегардад. Яъне, он ҳамчун

[1] Ниг.: Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.3. [Матн] / Г.Н.Зокиров. –Душанбе, 1915. С. 87

навъи махсуси фаъолияти одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои идоракунӣ баромад менамояд;

- сиёсат сатҳи муносибатҳои ҳокимиятест, ки субъектҳои гуногунро вобаста ба талабот ва манфиатҳо гирд меорад;

- сиёсат воситаест, ки метавонад ягонагии тамоми ҷомеа ва умумиятҳои бузургро дар алоҳидагӣ таъмин намояд ва ё дар сурати хосияти манфӣ ва иртиҷоӣ пайдо намудан ба инкишофи номуъталиф ва бухронии ҷомеа мусоидат кунад.

Мафҳуми «сиёсат» («политика») аввалин маротиба дар асари мутафаккири барҷаста Арасту дар маънои илмӣ истифода гардидааст. Он аз мафҳуми «полис» маншаъ гирифтааст. Арасту сиёсатро шакли мутамаддини умумият медонист, ки баҳри хайрияти умум ва ҳаёти хуррам хизмат менамуд.[1] Баъдтар мафҳуми мазкур дар маъниҳои гуногун истифода гардид. Давру замон ва муҳаққиқон вобаста ба манфиатҳо онро дар маъниҳои гуногун тавсиф мекарданд. Дар мамлакатҳои Ғарб «сиёсат»-ро дар маънои идораи корҳои давлат ва ва таъмини низоми давлатдорӣ тавсиф менамуданд. Мутафаккирони кишвҷарҳои Шарқ низ сиёсатро ба сифати воситае маънидод менамуданд, ки имконияти танзими корҳои давлатиро дорад. Аммо дар Шарқ бештар ба хосиятҳои зӯроварии сиёсат диққат медиҳанд. М. Ғазолӣ мефармояд: «То бими сиёсати султону подшоҳ набошад, халқ бар тоату салоҳ набошанд».[2] Ё худ Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ба чунин мавқеъ қарор дорад. Ӯ сиёсатро бештар дар маънии зӯрӣ, тарсонидан, маҷбуркунӣ ва ғайраҳо маънидод менамуд. Сиёсатро бештар ба бадахлоқон, золимон, мардумозорон ва ба одамони бадкирдору бадрафтор мансуб медонист. Яъне, сиёсат ба онҳо нигаронида шуда, воситаи ба тартиб овардани амалу кирдори онҳо мебошад.[3]

[1] Ниг.: Аристотель. Политика [Текст] / Аристотель //Соч. в 4-х томах. - М., 1983. т. 4.
[2] Ниг.: Ғазолӣ М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М. Ғазолӣ. - Душанбе, 1993.
[3] Ниг.: Кошифӣ Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия [Матн] / Ҳ.В. Кошифӣ. –Душанбе, 1991.

Дар замони нав бошад муҳаққиқон бештар ба сиёсат ҳамчун воситаи танзими муносибатҳо ва идораи корҳои давлатӣ назар намудаанд. Андешаҳои онҳо васеъ гардида, тамоми ҳудуд ва имконияту манфиатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятиро ифода менамуд. М. Вебер сиёсатро кӯшиши иштирок намудан дар ҳокимият ё таъсир расонидан дар тақсими ҳокимият, хоҳ байни давлатҳо ва ё хоҳ дар дохили давлат байни гурӯҳи одамон медонист.[1]

Таълимоти марксизм дар заминаи муносибати синфӣ ба сиёсат қарор гирифта, хосиятҳои умумии онро чандон ба эътибор намегирифт. Таърифи зерини сиёсат хеле маъмул аст: Сиёсат — ин корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, соҳаи фаъолиятест, ки ба муносибатҳои байни синфҳо, миллатҳо ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, асоси онро масъалаҳои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳанд.[2] Фаҳми марксистии сиёсат, ки ба маърифати қонунҳои диалектика ва материализми таърихӣ асос меёбад, равобити муҳими иқтисодӣ, маданӣ ва ғайраро ба системаи сиёсӣ ошкор месозад.

К.Маркс ва Ф.Энгелс муносибати шаклию ҳуқуқӣ ба ҳодисаҳои сиёсиро, ки дар ҷомеашиносии давр ҳукмфармо буд, рад менамуданд. Хосияти асосии таълимоти марксистии сиёсатро андешаҳо дар бораи базис ва надстройкаи ҷамъиятӣ, таъсири муайянкунандагии тарзи истеҳсолот ба давлат, ҳуқуқ ва сиёсат; таъсири фаъоли давлат, ҳуқуқ ва умуман, сиёсат ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, муборизаи синфӣ ҳамчун омили муҳими инкишофи ҷамъиятӣ; зарурати дар натиҷаи инқилоби иҷтимоӣ табдил ёфтани давлат ва сиёсати сармоядорӣ ба давлати сотсиалистӣ ва сиёсати пролетарӣ; тадриҷан аз байн рафтани давлат ва сиёсат дар фазаи дуюми ҷомеаи коммунистӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.[3]

[1] Ниг.: Вебер М. Власть и политика [Текст] / М. Вебер. - М., 2017
[2] Ниг.: Ленин В. И., Полное собрание соч., 5 изд., т. 23. [Текст] / В. И. Ленин. – С. 239.
[3] Ниг.: Жуков Д. С. Марксистская общественно - политическая концепция [Текст] / Д.С. Жуков / [Электроные ресурсы] URL: https://studylib.ru/doc/4143238/marksistskaya-obshhestvenno-politicheskaya-koncepciya (Дата обращения: )

В.И.Ленин таълимоти марксизмро оид ба сиёсат ва ҳаёти сиёсии ҷомеа такмил дода, сиёсатро ҳамчун муносибати байни синфҳо ва умумиятҳои дигари иҷтимоӣ маънидод намудааст. Муносибати байни синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар пояи гуногун қарор мегирад. Онҳо хосиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ ва ғайра пайдо менамоянд. Аз ин ҷост, ки хосияти сиёсии муносибатҳои байни онҳоро В.И.Ленин махсус қайд менамояд. Сиёсатро «соҳаи муносибатҳои ҳамаи синфҳо ва табақаҳо оид ба давлат ва ҳукумат, соҳаи муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамаи синфҳо» медонад.[1] Яъне, сиёсат масъалаҳои гуногуни фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ ва идоракуниро фаро мегирад. Таълимоти мазкур равобити мутақобилаи синфҳо ва давлатро асоси сиёсат медонад.

Дар фаҳми муосири сиёсат мактабҳое, ки онро ба сифати муносибат ба ҳокимияти давлатӣ маънидод менамоянд, кам нестанд. Бисёр мактабҳои илмҳои сиёсии Ғарб чунин мавқеъ гирифтаанд. Сиёсатро ба фаъолияти давлат, муассисаҳои ҳукуматӣ ва воқеигардонии вазифаҳои давлатӣ алоқаманд менамоянд. Вақте ки чунин рафтор, яъне муносибат ба ҳокимияти давлатӣ асоси сиёсат дониста мешавад, сиёсатро ҳамчун иштирок намудан дар корҳои давлатӣ, мубориза барои ҳокимияти давлатӣ ё ба муқобили он ва истифодаи ҳокимият барои воқеигардонии мақсадҳои муайян маънидод менамоянд.

Н.Макиавелли низ дар бораи моҳият ва хосиятҳои асосии сиёсат таълимоти хосаеро пешниҳод намудааст. Ӯ сиёсатро ҳамчун ҳукмронӣ, фаъолият барои мустаҳкам намудани давлат ва пахш кардани муқобилони субъектҳои ҳукмрон маънидод менамояд.[2]

Дар олами муосир ақидае бештар доман афрӯхта истодааст, ки сиёсатро ба сифати воситаи таъмини ваҳдати ҷомеа, пешгирӣ намудани раванди таназзул ва фаношавии ҷомеаи сиёсӣ, таҷдиди маданияти умумии ҳамзистии осоишта ва таъмини ҳаёти арзандаи ҳамаи аъзои

---

[1] Ленин В.И. Полное собрание соч., 5 изд., т. 23 [Текст] / В. И. Ленин. – М. 1973. - с. 239

[2] Ниг.: Макиавелли Н. Государь [Текст] / Н. Макиавелли. - М., 2015.

ҷомеа маънидод менамоянд. Чунин муносибат дар доираи фаҳми моҳият ва хусусиятҳои раванди сиёсии ҷаҳонӣ ва низоми дилхоҳи инсоният қарор дошта, талаботу манфиатҳои кулли одамонро ба эътибор мегирад. Яъне, васеътарин тафсири мафҳуми «сиёсат» алоқамандии он бо мафҳуми «манфиатҳо» мебошад. Чунин фаҳми мавзуъ сиёсатро аз доираи давлат ва ҳокимият берун мекашад. Дар ҳақиқат, ҳангоми дарки ҳодисаю равандҳои сиёсӣ зарурати ба нахустасос ва нахустсабаби онҳо рӯ овардан ба миён меояд. Чунин нахустасос манфиатҳои одамон мебошанд. Дар ин асос манфиатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул ва инкишоф меёбанд. Ҳангоми тафсири «сиёсат» истифодаи мафҳуми «манфиатҳо» имконият медиҳад, ки зоҳиршавии он дар ҳаёти ҷомеа амиқ дарк гардад ва муҳимтарин равандҳои ҷомеа: инъикоси манфиатҳои аҳли ҷомеа, мутобиқнамоии сиёсӣ, қарордоди сиёсӣ ва фаъолияти сиёсӣ дарк гарданд.

Сиёсат дар навъ ва шаклҳои гуногун ба амал меояд. Сиёсат аз қисмҳои гуногун таркиб ёфтааст. Таснифоти таркибии сиёсат ба навъ, шакл, мазмун ва равандҳо ҷолиб аст. Дар таркиби сиёсат унсурҳои зерин мақоми хоса доранд: манфиатҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, шуури сиёсӣ, ташкилоти сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ ва субъектҳои сиёсат.

Сиёсати давлатӣ яке аз навъҳои сиёсати бузург буда, дар сатҳ ва шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Намояндагони донишҳои мухталиф ба он назари гуногунро касб намудаанд. Фалсафа сиёсати давлатиро яке аз навъҳои зуҳури идораи ҷомеа, ифодаи махсуси худидоранамоии ҷомеаро меомӯзад; сотсиология бештар ба омӯзиши вазифаҳои иҷтимоии сиёсати давлатӣ, таҷассуми воқеӣ ва мушаххаси он дар ҳаёти ҷамъиятӣ диққат медиҳад; иқтисодчиён бештар нақши сиёсати давлатӣ дар танзими равандҳои иқтисодӣ, дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ, инчунин худи сиёсати давлатиро ба сифати навъи махсуси фаъолияти меҳнатӣ маънидод менамоянд. Илова бар ин, сиёсати давлатӣ доираи васеи фаъолият барои равоншиносон ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатӣ

инчунин диққати намояндагони илмҳои математика, кибернетика ва ғайраро ба худ ҷалб намудааст. Фарогирии иқтисодиёт, иҷтимоиёт, ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои ҷомеа аломати асосии фарқияти сиёсати давлатӣ аз навъҳои дигари он мебошад.

Дар сиёсатшиносии муосири Ғарб таҷрибаи зарурии таҳқиқи сиёсати давлатӣ ташаккул ёфтааст ва дастгоҳи мафҳумӣ низ мавҷуд аст. Дар шароити имрӯза, дар як қатор кишварҳо, назарияи сиёсати давлатӣ ва сиёсати ҷамъиятӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Имрӯз ҷустуҷӯи асосҳои методологии таҳқиқи равандҳои идоракунӣ ва сиёсӣ, таҷдиди назари таҷрибаи мавҷудаи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ, вазифаҳои давлат ва нақши он дар низоми идоракунии ҷомеа, ташаккули соҳаи таҳқиқотҳо барои самти мазкури илмҳои сиёсӣ идома дошта, дастгоҳи нави мафҳумӣ ташаккул ёфта истодааст.

Дар шароити имрӯза, миқдори зиёди маводҳо дар соҳаи низоми сиёсати давлатӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки дар онҳо муносибатҳои заминавӣ ба мавзуи таҳқиқот муайян карда шудаанд. Илова бар ин, гуногунӣ дар муайян намудани соҳаҳои таҳқиқот ва сохтори назарияи сиёсати давлатӣ ошкор шудаанд. Дар ин самт, се ҷиҳати асосии хулосагирии сиёсати давлатӣ мавҷуд аст:

- аҳамияти муайянкунандаи меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалинамоии онҳо;[1]

- усулҳои иқтисодии идоракунӣ ё танзимнамоӣ;[2]

- ташкили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва иерархияи маъмурии ташкилотҳои давлатӣ.[3]

Дар ин самт таҳлили назария ва амалияи сиёсати давлатии мунитсипалӣ мустақилияти муайянро доро мебошад. Таҳлилҳо нишон

---

[1] Ниг.: Атаманчук Г.В. Теория государственного управления. [Текст] / Г.В. Атаманчук. - М., 2002. – С. 87.

[2] Ниг.: Государственное регулирование экономики. [Текст] / / Под ред. Кушлина В.И., Волгина Н.А. - М., 2000. – С. 142.

[3] Ниг.: Василенко И.А. Административно-государственное управление в странах Запада: США, Великобритания, Франция, Германия. [Текст] / И.А. Василенко. – М ., 1999. – С. 63.

медиҳанд, ки ин самтҳо, дар аксарияти ҳолатҳо, новобаста яз якдигар рушд менамоянд, ки боиси муносибати яктарафа дар назарияи сиёсати давлатӣ гардидааст. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки танҳо ба ҳамгироии ин самтҳо тасаввуроти ягона оид ба сиёсати давлатӣ пайдо мешавад, ки имконият медиҳад тарз ва усули он бунёд карда шавад, мухолифатҳои дохилӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо муайян гарданд.

Дар адабиёти илмӣ моҳият, мундариҷа ва таъиноти сиёсати давлатӣ чунин тасниф карда мешавад: дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, барои мустаҳкам намудани давлат, устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он хизмат менамояд; сиёсати давлатӣ ин воситаи самараноки амалӣ намудани сиёсати дохилӣ, берунӣ, иқтисодӣ ва ҳимоявӣ ба ҳисоб меравад.

Сиёсати давлатӣ танзимкунандаи асосӣ дар мубориза барои таъмини қонуният, режими ҳуқуқӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва манфиати шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд. Сиёсати давлатӣ бо мақсади амалҳои пайваста ва самаранок мавҷудияти таркиби кадрии омодагардида, инчунин риояи ҳатмии дастурамал ва амру фармонҳо аз тарафи хизматчиёни давлатӣ талаб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, мақом ва нақши сиёсати давлатӣ дар раванди таъмини тартибот ва рушди минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ бузург аст. Оид ба нақш ва мақоми сиёсати давлатӣ дар рушди ҷомеа намояндаи машҳури назарияи сиёсати давлатӣ Г.В.Атаманчук чунин қайд намудааст: “агар мо воқеан хоҳем дар шароити беҳбудӣ, тартибот ва амният, дар кишвари соҳибистиқлол, озод, бо риояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои худ зиндагӣ намоем, пас танҳо вазифадорем, ки идоракуниро ба сифати мафҳуми муҳими иҷтимоӣ-фалсафӣ, ки ҳам тақдири одамони

алоҳида ва ҳам ҳар як иттиҳодияи одамонро муайян менамояд, дарк намоем”.[1]

Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди омӯзиши сиёсати давлатӣ – масъалаи ташаккул ва инкишофи системаи он ба ҳисоб меравад. Системаи сиёсати давлатӣ унсури муҳими амалнамоии сохтори сиёсиву ҳудудии давлат ба ҳисоб меравад. Сохтори сиёсиву ҳудудӣ тақсим намудани қаламрави давлатро ба унсурҳои марзию ҳудудӣ пешниҳод менамояд. Яъне, ҳар як минтақа дорои сохтори сиёсиву ҳуқуқии худ мебошад, ки тавассути сиёсати давлатӣ амалӣ мешавад.

Зарурат пеш меояд, ки мафҳуми “сиёсати давлатӣ” мавриди таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ қарор гирад. Барои таснифи он муҳим аст, ки дар аввал, худи мафҳуми “давлат” муайян карда шавад ва сипас, нақши фаъоли сиёсатро дар амалӣ гаштани мақсад ва вазифаҳои давлат муқаррар гарданд. Дар шароити имрӯза таснифотҳои мухталифи давлат пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур баррасии чунин таснифотҳои давлат зарур аст:

- шакли сиёсии ташкили ҳаёти ҷомеа аст, ки дар натиҷаи пайдоиш ва фаъолияти ҳокимияти ҷамъиятӣ - низоми махсуси идоракунӣ, ки ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ роҳбарӣ менамояд ва дар ҳолати зарурӣ ба маҷбурнамоӣ такя менамояд, пайдо мешавад;[2]

- ташкилоти сиёсии ҷомеа, ки тамоми аҳолиро муттаҳид менамояд, манфиатҳои онҳоро ифода менамояд, мақомоти асосии ҳокимият, ки ҷомеаро идора менамояд, ягонагӣ, муташаккилии он ва режим муайянро дар он таъмин менамояд;[3]

- ташкилоти умумии ҷамъиятиву сиёсӣ, ки дорои ҳокимияти ҷамъиятӣ ва дастгоҳи махсусгардонидашудаи идоракунии равандҳои

---

[1]Атаманчук Г. В. Управление в жизнедеятельности людей. [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М.: РАГС, 2008. –С. 38.

[2] Ниг.: Егорова Е.Н. Современные тенденции государственного и корпоративного управления. [Текст] / Е.Н. Егорова. – М., 2008. – С.96.

[3] Ниг.: Российская социологическая энциклопедия. [Текст] / - М., Норма-Инфра-М,.1998. – С. 243.

иҷтимоӣ дар доираи ҳудуди муайян аст, ки дар он суверенитеташ паҳн мегардад;[1]

Дар асоси ин таснифотҳо метавон моҳияти давлатро ҷудо намуд, ки он шакли ташкилоти сиёсии ҷомеа аст, ки дар муносибатҳои ҳокимиятӣ асос ёфтааст. Мафҳуми "давлат" одатан ҳамчун синоними "мамлакат", яъне ҳудуде, ки дорои сохтори умумии миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ аст, истифода карда мешавад. Лекин қайд намудан зарур аст, ки дар фарқият аз мамлакат давлат ин шакли ташкилоти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Давлатро метавон ҳамчун ташкилоти иҷтимоӣ баррасӣ намуд, сиёсати давлатӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунӣ тобеъ аст. Аз тарафи дигар, давлат ҳамчун шакли махсуси ташкилот қонуниятҳои хусусии идоракунии худро доро мебошад.

Хусусиятҳои хоси давлат ҳамчун ташкилоти иҷтимоӣ дар асоси таснифотҳои зикргардида чунин арзёбӣ карда мешаванд:

- давлат манфиати тамоми ҷомеаро ифода менамояд, яъне аҳолии ҳудуди муайян, мамлакатро муттаҳид менамояд ва манфиати тамоми аҳолиро таҷассум менамояд;

- ба хотири ифодаи манфиати тамоми ҷомеа давлат ҳуқуқи истифодаи маҷбурнамоӣ, аз он ҷумла истифодаи зӯровариро доро мебошад.  Маҳз ҳуқуқи истифодаи зӯрӣ иҷроиши хоҳиши ҷомеа ва ба роҳ мондани режим муайянро таъмин менамояд.

Мувофиқи рушди ҷомеа таркиби вазифавии давлат васеъ гардидааст. Дар асри XX давлат аз тарафи одамон на танҳо кафолати ҳуқуқ ва амниятӣ, балки аз нуқтаи назари уҳдадориҳо таъмингари рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дониста мешавад.

Истифодаи зӯрӣ ва маҷбурнамоӣ бо таъмини тобеият ё чорабиниҳо нисбат ба вайрон намудани тартибот маҳдуд намегардад, балки ба масъулияти барои ҷомеа зарурӣ водор менамояд. Ҳуқуқи истифодаи зӯрӣ

[1] Ниг.: Социология: Энциклопедия. [Текст] // Сост. А.А. Грицанов, В.Л. Абушенко, Г.М. Евелькин, Г.Н. Соколова, О.В. Терещенко. – Минск .: Книжный дом, 2003. – С. 126.

талаботи муҳимро нисбат ба давлат ҳамчун ташкилоти иҷтимоӣ муайян менамояд: талабот ба қабули қарорҳо; талабот ба ташаккули мақомоти ҳокимият; талабот ба хизматчии давлатӣ. Ҳамин тариқ, сиёсати давлатӣ ва мунисипалӣ аз идоракунии ташкилотҳои иҷтимоӣ фарқ дорад.

Чунин таснифи давлат ҷойгоҳи онро дар системаи ҷамъиятӣ муайян менамояд. Аммо чунин ҳолат кам аст. Бояд воситаҳои асосӣ ва муҳимтаринеро муайян намуд, ки дар амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои давлат нақши асосиро касб намоянд. Ҳамин гуна хосияти муҳимро сиёсат ва сиёсати давлатӣ ҳамчун навъи сиёсати универсиалӣ ба худ гирифтаанд.

Сиёсат падидаест, ки барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои мушаххас равона карда шудааст. Муайян намудани самтҳои сиёсии инкишофи мамлакатҳо, раванду ҳодисаҳои гуногуни он чунин падидаҳо ва ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, ба монанди таҳлилнамоӣ, ояндабинӣ, қабули қарор, ташкилнамоии иҷроиши онҳо ва масъулиятнокӣ дар фаъолияти гурӯҳҳои калон ва хурди одамон, ки ба амалӣ намудани сиёсат машғуланд, дар бар мегирад.

Сиёсати давлатӣ ҳамчун навъи сиёсати универсалӣ падидаи гуногунҷанба, бисёррӯя, гуногунсифат мебошад. Тамоми навъҳои сиёсат, новобаста аз умумияти онҳо, на танҳо дар асоси хусусияти объектҳои худ, балки бо мақсадҳо, усулҳо ва мақомотҳои ба онҳо хос фарқ мекунанд. Сиёсат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ бо инкишоф, тағйирпазирӣ, қобилияти касбӣ, сатҳ ва навъҳои мухталиф дар ҳаракати ҷамъиятӣ фарқ менамояд.

Дар шароити имрӯза яке аз масъалае, ки муҳаққиқони гуногун ба он диққат ва таваҷҷуҳ намудаанд, ин сиёсат ва махсусиятҳои муҳимтарини инкишофи он дар шароити муосири рушди давлатҳо мебошад. Пажӯҳиши ин масъала асосӣ буда, инчунин муайянсозии категорияҳо ва мафҳумҳои илмӣ барои соҳаи илм аҳаммияти махсус доранд. Чун ин гуна муносибат самаранокии ҳар як соҳаи илм ва

истеҳсолотро кафолат медиҳад. Сиёсат соҳаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятист, фаъолияти давлат ва институтҳои дигар, ки низоми махсуси амалӣ намудани идоракунии сиёсиро созмон медиҳанд, ба ҳисоб меравад. Маркази асосии низоми сиёсат давлат маҳсуб мегардад. Вақте ки сухан дар бораи сиёсат ва махсусиятҳои муҳиммтарини инкишофи он, сиёсати соҳавӣ ва тамоюлҳои инкишофи он меравад, пеш аз ҳама, ошкорсозии ду ибораи муҳим зарурӣ мебошанд, ки ин ҳам «сиёсат» ва «сиёсати соҳавӣ» мебошанд.

Омӯзиши моҳияти сиёсат як масъалаи бунёдии илмҳои сиёсӣ, нуқтаи ибтидоии рушди назарияи сиёсиро ташкил медиҳад. Ҳалли он барои фаҳмонда додани фаъолияти сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ, ки асосҳои сиёсиро ташкил медиҳанд, инчунин барои ифшои тамоми мазмуни сиёсӣ аҳаммияти принсипиалӣ дорад. Аммо тафсири якхелаи ин моҳият то ҳол таҳия нашудааст, ки он ҳам аз омилҳои субъективӣ ва ҳам ба омилҳои объективии он вобаста аст, ки яке аз омилҳои объективии дониши сиёсатро душвор мегардонад, гуногунрангии сиёсӣ буда метавонад[1].

Чунон ки воқеият нишон медиҳад, сиёсат аз ҷиҳати мавҷудият ва зуҳуроти худ хеле гуногун аст. Ҳодисаҳои гуногуни сиёсиро қайд кардан мумкин аст. Масалан, ҳаёти сиёсӣ ва таъсири сиёсӣ, системаи сиёсӣ ва режими сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва чараёни сиёсӣ ва ғайра. Падидаҳои сиёсӣ зиёданд ва онҳо мураккабӣ ва гуногунҷанбаи мавҷудияти сиёсиро инъикос намуда, дар маҷмуъ, соҳаи сиёсиро ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз ин, сиёсат намудҳои зиёд дорад, ки ба навъҳои гуногуни идоракунии иҷтимоӣ вобастаанд. Сиёсат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар соҳаи идоракунӣ ба вуҷуд меояд ва яке аз қисмҳои муҳимтарини идоракунии иҷтимоиро ташкил медиҳад. Сиёсат як падидаи идоракунӣ аст. Дар баробари ин дар соҳаи идоракунии иттиҳодияҳои ҷамъиятии гуногун ҳар дафъа як намуди махсуси сиёсат инкишоф меёбад. Чунин ассотсиатсияҳо, ки аз ҳамдигар бо миқёс ва мақсад, мураккабии сохтор ва хусусияти

---

[1] Ниг.: Борисенков А.А. Сиёсат: моҳият ва намудҳо [Матн] / А.А. Борисенков // Ҳуқуқшиносӣ. 2013. № 2. – С. 218 – 246.

муносибатҳои мутақобилаи одамон фарқ мекунанд, барои пайдоиши гуногунии навъҳои дахлдори идоракунии иҷтимоӣ ва ба ҳамин тариқ, гуногуншаклии навъҳои сиёсат ҳамчун асос хизмат мекунанд. Масалан, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маъмурии давлат ташаккул меёбад. Пайдоиши он бо фаъолияти ниҳодҳои олии давлат, ки барои роҳнамоии тамоми низоми он нигаронида шудаанд, алоқаманд аст. Хусусияти ин сиёсат ҳамчун падида дар он аст, ки вай ҷузъи идоракунии давлатӣ буда, қисми муҳимтарини онро ташкил медиҳад ва дар системаи он вазифаи пешбарандаро иҷро мекунад. Ғайр аз ин, сиёсати давлатӣ мураккабтарин ва инкишофёфтаи сиёсатест, ки дар низоми давлатӣ, махсусан, дар давлати демократӣ ба вуҷуд меояд. Вай самтҳои фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва аслан инкишофи худи давлатро муайян намуда, дар тамоми фаъолияти идоракунии он таъсир мерасонад.[1]

Сиёсат ҳамчун як намуди фаъолияти идоракунӣ ва усули махсуси таъсир, сарфи назар аз ҷойи мавҷудият ва мақсади он, сарфи назар аз миқёс ва аҳаммияташ, аслан як падидаи иҷтимоӣ мемонад. Танҳо намуди зоҳирии он тағйир меёбад. Дар баробари ин, гуногунии сиёсат дар тафсири он мураккабии муайяне ба вуҷуд оварда, баъзе проблемаҳои назариявиро ба миён меорад. Масалан, дар адабиёти сиёсӣ ҳангоми муайян кардани моҳияти сиёсат хоҳиши муқоисаи сиёсати давлатро бо навъҳои гуногуни «ғайридавлатӣ»-и он мавҷуд аст. Бархе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки таърифи сиёсат нисбат ба давлат қобилияти пурраи моҳияти онро инъикос карда наметавонад ва аз ин рӯ, зарурати ҷустуҷӯи мафҳуми «универсалӣ»-и он ба миён меояд. Аз ҷумла, онҳо далел меоранд: «Камбудиҳои ин равиш ошкор аст: агар сиёсат танҳо тавассути мафҳуми давлат баррасӣ шавад, пас ҳаёти сиёсиро дар ҷомеаҳои пешаздавлатӣ чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст? Азбаски ҳоло ба таври умум эътироф шудааст, ки сиёсат дар ҳама ҷомеа вуҷуд дошт, ба мо мафҳуми сиёсате лозим аст, ки ба қадри кофӣ универсалӣ бошад, ки дар

[1] Ниг.: Борисенков А.А. Сиёсат: моҳият ва намудҳо [Матн] / А.А. Борисенков // Ҳуқуқшиносӣ. 2013. № 2. – С. 218 – 246.

робита ба ҳама ҳодисаҳо ва амалҳои сиёсии рухдода ва ҳозир истифода шавад. Мафҳуми «давлатӣ»-и сиёсат ба ин меъёр мувофиқат намекунад».[1]

Дар воқеъ, ҳар як намуди сиёсат хусусиятҳои худро дорад. Масалан, аз рӯи объект ва миқёси таъсираш, усули ташаккул ва сохтори институтсионалӣ, дараҷаи мураккабӣ ва маданият ва ғайра. Ҳар як намуди сиёсат метавонад ҳамчун асос барои ташаккули консепсияи махсус хизмат кунад.

Сиёсат дар ҳолати пешрафтаи худ ҳамчун объекти омӯзиш афзалтар аст. «Органи тараққикардаро омӯхтан осонтар аст, кайд карда буд К. Маркс[2] Сиёсати бештар инкишофёфта мазмуни мукаммалтар, бештар инкишофёфта дорад ва бинобар ин, на танҳо барои ошкор намудани моҳияти ҳар як сиёсат, балки барои муайян кардани хусусиятҳои мавҷудияти он, барои дарк намудани қонунҳои умумии сиёсӣ шароити мусоидтарин ба вуҷуд меоварад.

Сиёсат ҳамчун падидае ҳисобида мешавад, ки метавонад дар соҳаи идоракунии иттиҳодияҳои гуногуни иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошад. Олими машҳур М. Вебер яке аз аввалинҳо шуда ба ин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Вай навишта буд: «Сиёсат гуфта чиро дар назар дорем? Ин мафҳум маънои ниҳоят васеъ дошта, тамоми намудҳои фаъолияти худидоракуниро фаро мегирад. Онҳо дар бораи сиёсати асъори банкҳо, сиёсати дисконтии рейхсбанк, сиёсати иттифоқи касаба дар вақти корпартоӣ, метавон дар бораи сиёсати мактабии як ҷамоати шаҳр ё деҳот ва сиёсати раёсате, ки корпоратсияро роҳбарӣ мекунад ва дар ниҳоят, ҳатто дар бораи сиёсати оқил, ки мехоҳад шавҳарашро идора кунад, сӯҳбат кунад[3]. Ҳангоми таъкид кардани ин навъҳои сиёсат, М.Вебер бо вуҷуди ин таваҷҷуҳи тадқиқотии худро ба омӯзиши сиёсати давлатӣ мутамарказ мекунад.

---

[1] Ледяев В.Г. Власть: концептуальный анализ. [Текст] / В.Г. Ледяев. – М ., 2001. – С. 330.

[2] Ниг.: Маркс К. Капитал. Критика политической экономии. Т. 1. [Текст] / К.Маркс. – М., 1973. – С. 6.

[3] Ниг.: Вебер М. Избранные сочинения. [Текст] / М. Вебер. – М., 1990. – С. 644.

Т.Парсонс ақидаҳои М.Веберро инкишоф дода, инчунин хусусияти идоракунии сиёсат, робитаи онро бо иттиҳодияҳои гуногуни иҷтимоӣ нишон медиҳад. Вай менависад: «Дар доираи чорчӯбаи таҳлилие, ки мо қабул кардем, сиёсат на танҳо вазифаҳои асосии давлатро дар муносибатхои худ бо ҷомеа, балки ҷиҳатҳои дахлдори ҳар коллективро низ дарбар мегирад. Мо падидаро ба он дараҷае сиёсӣ меҳисобем, ки он бо ташкил ва сафарбар кардани захираҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ҷониби ягон гурӯҳ алоқаманд бошад. Ҷанбаҳои сиёсии фаъолият дар ширкатҳои тиҷоратӣ, донишгоҳҳо ва калисоҳо мавҷуданд. Аммо дар рушди ҷомеаҳои муосир давлат аз ҷомеаи ҷамъиятӣ ҳамчун як мақоми махсуси ҷомеа, ки асоси зерсистемаи сиёсии онро ташкил медиҳад, ҳарчи бештар фарқ мекунад».[1]

Мумкин аст, ки Т. Парсонс вақте ки дар бораи давлат ҳамчун мағзи зерсистемаи сиёсӣ сухан ронда, маҳз ҳамин хусусиятҳои сиёсатро таъкид кардан мехост. Аммо он гоҳ касе наметавонист дарк кунад, ки зерсистемаи сиёсие, ки вай муайян мекунад, ҳамчун як қисми ба таври сунъӣ офаридашудаи ҷамъият амал мекунад, ки дар ҳаёти худ ягон системанокӣ надорад. Чунин «зерсистема» мазмуне надорад, ки аз муносибати функсионалӣ иборат буда, моҳияти ҳама гуна системаро ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, зерсистемаи сиёсие, ки ӯ пешниҳод мекунад, аслан як шакли зиндагии куллӣ нест, балки як конгломерат аз навъҳои гуногуни сиёсии ба таври мустақил мавҷудбударо ташкил медиҳад. Аз ин бармеояд, ки ин зерсистема, сарфи назар аз моҳияти умумӣ ва мантиқи умумии таҳияи навъҳои гуногуни сиёсат, набояд чизи табиӣ ҳисобида шавад. Ҳар як намуди сиёсат барои ҳалли мушкилоти мушаххаси худ пешбинӣ шудааст ва аз ин рӯ, мустақиман бо навъи дигари он алоқаманд нест, ҳамон тавре ки идоракунии муассисаҳои мухталифе, ки аз ҳамдигар мустақилона вуҷуд доранд, бо ҳам алоқаманд нестанд. Дарвоқеъ, хусусияти низомнокӣ дар ин маврид танҳо ба ин ё он

[1] Вебер М. Избранные сочинения. [Текст] / М. Вебер. – М ., 1990. – С. 30.

навъи сиёсат татбиқ мешавад, агар он, ин намуд ба дараҷаи дахлдори мураккабӣ расида бошад. Яъне, организми комилан тараққикардаи худро дорад, ки якчанд вазифаро дар бар мегирад. Ин танҳо дар системаи мураккаби идоракунии ҷамъият, монанди идоракунии давлатӣ имконпазир аст. Фақат дар ҳамин шароит барои ташаккули ҳаёти ҳақиқатан мураккаби сиёсӣ шартҳои ҳатмӣ ба вуҷуд меоянд. Мумкин аст, ки дар байни навъҳои алоҳидаи сиёсат, монанди тамоми падидаҳои иҷтимоӣ як навъ алоқа мавҷуд бошад. Сиёсати давлат эҳтимолан бо сиёсати як ниҳоди мушаххас, масалан, ғайридавлатие, ки дар қаламрави ин давлат фаъолият мекунад (ҳадди ақал тавассути андоз) алоқаманд бошад. Аммо навъҳои гуногуни сиёсат, ки дар соҳаи идоракунии иттиҳодияҳои гуногуни иҷтимоӣ мавҷуд аст, пеш аз ҳама, мақсади махсуси худро доранд ва аз ин рӯ, падидаҳои комилан мустақили идоракуниро мемонанд, ки ҳар кадоми онҳо соҳаи сиёсии худ, сохтори сиёсии худро ташкил медиҳанд ва шояд, ҳатто системаи сиёсии худро бунёд намоянд.  Ба таври табиӣ, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ дар байни худ ба як чизи том муттаҳид намешаванд ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд зерсистемаи сиёсиеро ба вуҷуд оваранд, ки гуё як қисми махсуси тамоми ҷамъиятро ташкил медиҳад. Пеш аз ҳама, дар баробари ин қайд мекунем, ки сиёсат умуман. ҷузъи ҷомеа нест, гарчанде ки вай ҳамчун яке аз зуҳуроти иҷтимоӣ амал мекунад. Ҷузъи ҷомеа будан ва хислати ҷамъиятӣ доштан як чиз нест. Сонияն, аз нуқтаи назари нақшаи таҳлилие, ки Т.Парсонс қабул кардааст, маълум мешавад, ки давлат ҳамчун ҷузъи муайяни сиёсӣ («материали зерсистемаи сиёсӣ») амал мекунад. Ин гуна баёнот дуруст буда наметавонад, вай ба муносибатҳои сиёсат ва давлат ҳамчун ҳодисаҳои махсус, тамоман дигар роҳ медиҳад. Ҳар як система на аз қисмҳо, балки аз функсияҳое иборат аст, ки ҳамчун унсурҳои он хидмат мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки танҳо вазифаҳои муҳимтарин, муҳимтарин барои мавҷудияти организми мувофиқ ҳамчун ядрои система амал карда метавонанд. Бе ин функсияҳо ҳаёти ҷамъиятӣ

ташаккул намеёбад, дар ҳоле ки набудани дигар вазифаҳои ба назар камтар аҳаммиятнок қисмро пасттар мекунад. Ҳар як системаи мушаххас фаъолияти зиндагии танҳо як чиз, яъне организми мувофиқро, ки дар доираи он ташаккул ёфтааст, тавсиф мекунад. Аммо сиёсат ва давлат чун падидаҳо, сарфи назар аз алоқамандии худ, дар заминаи организмҳои гуногуни иҷтимоӣ амал мекунанд ва хусусиятҳои мавҷудияти худро доранд. Агар мо навъҳои гуногуни сиёсатро, ки аз ҳамдигар комилан мустақил вуҷуд доранд, пайваст накунем ва омехта накунем, пас алоқаи бевоситаи давлатро танҳо бо як намуди сиёсат, яъне сиёсати давлатӣ дида баромадан лозим аст[1].

Назарияи сиёсат дар асоси донистани ин намуди сиёсат инкишоф ёфта, роҳи дуру дарози таърихиро тай кардааст. Оғоз аз баррасии «сиёсӣ» дар ҳамбастагии мустақим бо «давлат»[2] ва дарки сиёсат ҳамчун як падидаи махсус, ки ҳарчанд ба низоми идораи давлатӣ шомил аст, вале бо вуҷуди ин, ба худ махсусиятҳои муайянеро дорад. Мазмун ва мақсад, механизми ташаккул ва амалӣ гардондани он, инчунин маданияти он фаҳмиши васеъро касб мекунад. Ин маънои онро дорад, ки сиёсат ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ дар шахсияти сиёсати давлат ба дараҷаи баланди рушд расидааст.

Дар ягон соҳаи идоракунии ягон иттиҳодияи ҷамъиятӣ чунин механизми мураккаби қабули қарорҳои идоракунӣ, монанди дар соҳаи сиёсат ва идоракунии давлати муосири демократӣ вуҷуд надорад. Ягон ташкилоти идоракунӣ чун давлати муосири демократӣ объекти душвори таъсири сиёсӣ нест. Сиёсати давлатӣ дар ҳақиқат ба яке аз шаклҳои пешбарандаи ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфта, аз ҷумла объекти хеле тараққикардаи диққати илм ба худ ҷалбакардаро ташкил медиҳад. Бесабаб нест, ки инкишофи пуршиддати илми сиёсат маҳз дар давраи ташаккул ва инкишофи демократияи муосир сурат мегирад, ки ба рушди давлатдорӣ, аз ҷумла институтҳои сиёсӣ такони тавоно бахшид. Аз

[1] Ниг.: Борисенков А.А. Политика: сущность и виды. [Текст] // Юридические исследования. 2013. № 2. - С.

[2] Антология мировой политической мысли. В 5 т. Т. 1. [Текст] – М., 1997. – С. 107.

тарафи дигар, тамаркузи таваҷҷуҳи тадқиқот ба навъҳои камтар мураккаб ва камтар рушдёфтаи сиёсат (масалан, сиёсати «пеш аз давлат», «сиёсати соҳавӣ», сиёсати як ширкати бузург ва хатто сиёсати партияи алоҳидаи сиёсӣ ва ғайра) ба фаҳмидани хусусиятҳои мавҷудияти сиёсӣ ва аз ин ру, ба инкишофи назарияи сиёсӣ камтар мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба чунин навъҳои сиёсат баъзан метавонад ба андешаҳои печида дар бораи он ё ба парадоксҳои мантиқӣ, аз қабили, масалан, "сиёсати соҳавӣ ё ғайрисоҳавӣ" оварда расонад. Масалан, дар яке аз мақолаҳои илмӣ чунин ҳукм омадааст: «Сиёсати «ғайрисоҳавӣ» ҳам, комилан сиёсӣ ба назар мерасад, ба шарте ки он институтсионалӣ шуда, зери сохтори асосии институтсионалии сиёсат фаро гирифта шуда бошад».[1]

Сиёсати соҳавӣ дар фаъолияти давлат ташакул ва инкишоф меёбад ва зуҳур пайдо мекунад. Дар адабиёти сиёсатшиносӣ мафҳумҳои фаъолияти сиёсӣ ва фаъолияти давлатӣ, ҳокимияти сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ, низоми сиёсӣ ва сохти давлатӣ печида аст. Аммо аз ҳама муҳимаш, худи давлат дар идомаи анъанае, ки Арасту оғоз кардааст, аксар вақт ҳамчун падидаи тартиботи сиёсӣ маънидод мешавад. Ин корро аз ҷумла, М.Вебер, давлатро ҳамчун «иттиҳоди сиёсӣ» тавсиф намуда, Т.Парсонс ҳамчун «асоси зерсистемаи сиёсии» ҷомеа муаррифӣ мекунанд. Таҳқиқотчиёни рус ин анъанаро ба таври худ идома додаанд. Баъзеи онҳо давлатро дар соҳаи сиёсӣ дар бар мегиранд. Масалан, онҳо мегӯянд, ки соҳаи сиёсӣ «ҳамаи он чизеро, ки бевосита ба сиёсат алоқаманд аст, дар бар мегирад, аз ҷумла, албатта, давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, донишҳои сиёсӣ, идеяҳои сиёсӣ ва ғайра»[2]. Дигарон давлатро ҳамчун институти (марказӣ, меҳварӣ ва ғ.) низоми сиёсӣ тавсиф мекунанд.[3] Дигарон бар ин боваранд, ки давлат якпорчагии сиёсист: «Давлат якпорчагии сиёсист, ки аз тарафи як ҷомеаи миллӣ ё сермиллат

[1] Ильин М.В. Слуга двух господ. [Текст] / (О пересечении компетенций политической науки и международных исследований) // Полис, 2004. № 5. - С. 126.
[2] Гобозов И.А. Философия политики. [Текст] / И.А. Гобозов. –М ., 2002. – С. 17.
[3] Ниг.: Гаджиев К.С. Политология (базовый курс). [Текст] / К.С. Гаджиев. – М ., 2011. – С. 210.

дар як қаламрави муайян ба вуҷуд оварда мешавад, ки дар он бо кумаки элитаи сиёсие, ки ҳокимиятро монополия мекунад, тартиботи ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад ва ҳаққи қонунии истифодаи зӯровариро дорад. Тамоми баномаи сиёсати соҳавиро ташкил ва амалӣ мекунад[1]. Дар натиҷа, давлат ҳамчун ташкилоти махсуси идоракунӣ, ки бар ҷомеа сохта шудааст ва барои ба тартиб даровардани ҳаёти ҷомеа дар асоси хидмати манфиатҳои миллӣ ният дорад, бо сиёсати давлатӣ омехта шудааст, ки танҳо ҷузъи махсуси идоракунии давлатиро ифода мекунад ва дар иҷрои вазифаи роҳбарикунанда масъул аст, танзими сиёсати соҳавиро ба амал мебарорад.

Дар адабиёти сиёсӣ, чунон ки маълум аст, равишҳои гуногуни шарҳи сиёсат инкишоф ёфтаанд[2]. Муҳаққиқон ҷанбаҳои алоҳидаи онро тавсиф намуда, албатта, моҳияти онро ба таври худ инъикос менамоянд. Бо вуҷуди ин, ҳар яки онҳо ба як ҷанбаи махсус тамаркуз мекунанд. Дар баробари ин як қатор равишҳое ҳастанд, ки мақсади умум гардондани ақидаҳои мавҷуда ва тартиб додани таърифи универсалии сиёсат, агар имкон бошад, ҷиҳатҳои гуногуни мавҷудияти сиёсиро фаро гиранд. Барои нишон додан, мо чунин ақидаи басо васеъ паҳншударо пешкаш менамоем: «Ба маънои васеи ин калима, сиёсат ин иштирок дар корҳои давлат, муайян кардани шаклҳо, вазифаҳо, намудҳо, самтҳои фаъолияти сиёсӣ, усулҳо, роҳҳо, технология, механизмҳои татбиқи он мебошад. Ин системаи муносибатҳое мебошад, ки дар натиҷаи ҳамкории ба мақсад мувофиқи синфҳо, гуруҳҳо ва табақаҳо оид ба истило, нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳокимияти давлатӣ бо мақсади амалӣ гардондани манфиатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми худ инкишоф меёбад»[3].

Ҳамин тариқ, сиёсат ҳамчун шакли мавҷудияти қарорҳои идоракунӣ амал мекунад. Тавассути чунин қарорҳо сиёсат ба фаъолияти иҷроия дар системаи идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонида, аз рӯи мазмуни

[1] Ниг.: Политическая энциклопедия. [Текст] Т. 1. – М., 1999. – С. 281-282.
[2] Ниг.: Пугачёв В.П. Политология. [Текст] / В.П. Пугачёв. – М ., 2010. – С. 39-48.
[3] Тавадов Г.Т. Политология. [Текст] / Г.Т. Тавадов. – М., 2011. – С. 12.

худ самтҳои ин фаъолиятро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, сиёсат дар системаи идоракунии иҷтимоӣ нақши пешбарандаро мебозад ва аз ин рӯ ҷузъи пешбари он мебошад. Таърифи пешниҳодшудаи сиёсатро универсал ҳисобидан мумкин аст. Вай моҳияти ҳар гуна сиёсатро инъикос намуда, бо ҳамин дар омӯзиши мавҷудияти сиёсӣ, ки протсесси кушодани моҳияти сиёсӣ, протсесси ташаккули сиёсат ва иҷрои мақсади он мебошад, имкониятҳои нав мекушояд. Ин таъриф барои инкишофи минбаъдаи назарияи сиёсӣ шароит фароҳам меоварад.

Бояд таъкид намуд, ки моҳият ва хусусиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар раванди идоракунӣ зуҳуроти барҷастаро пайдо менамояд. Зеро идоракунии сиёсӣ ин ҳамон натиҷаҳои охири илмҳои сиёсӣ мебошад. Дар ҳамбастагӣ бо сиёсати давлатӣ идоракунии сиёсӣ ва хусусиятҳои онро чунин шарҳ додан мумкин аст:

- идоракунии сиёсӣ ҳамчун фаъолият. Чунин шуморида мешавад, ки идоракунӣ фаъолияти муҳим аст, ки дар сохторҳои идоравӣ амалӣ гардида, ба коркард, қабул ва амалинамоии қарорҳои идоракунӣ, инчунин мукаммал намудани амалҳои идоракунӣ равона шудааст;

- идоракунӣ ҳамчун навъи муайяни таъсиррасонӣ дар системаҳои мухталифи табиӣ. Ин таснифоти умумии идоракунӣ ба ҳисоб меравад, бо кибернетика, ки алоқаи ҷавобии байни унсурҳои мухталиф ё объектҳои оламро тасниф менамояд, алоқаманд аст;

- муносибатҳои амудии амрдиҳиву тобеиятӣ. Дар ин ҷо ҷанбаи асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як фармоиш иҷро карда шавад. Дар доираҳои муайян муносибати фармон ва тобеият дар идоракунӣ зоҳир мегардад, бидуни ин ҷанба идоракуни номумкин аст, лекин чунин ақидаронӣ ҳанӯз моҳияти идоракунӣ ва нақши бузурги онро дар ҳаёт ва фаъолияти одамон ошкор намесозад;

- идоракунӣ ин таъсиррасонии мақсаднок аст, ки ба идора намудани объект равона карда шудааст.[1]

Зери мафҳуми "идоракунӣ" таъсири мақсадноки субъект ба объект барои гузаронидани он ба ҳолати дигар ё раванди гузариши система аз як ҳолат ба ҳолати дигар тариқи таъсиррасонӣ ба мақсади тағйир ё нигоҳ доштани ҳолат, рафтор ё амал, ки дар доираи низоми муайяни муносибатҳо амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад.[2]

Идоракунӣ ин вазифаи системаҳои муташаккили хусусияти гуногун мебошад, ки нигоҳ доштани сохтори муайяни онҳо, режими фаъолият, амалӣ намудани барномаҳо, бадастории мақсадҳоро таъмин менамояд. Бе идоракунӣ тавозун дар низоми коинот, рушд дар табиат, фаъолияти гурӯҳҳои одамон ғайриимкон аст, бе идоракунӣ бархурд, бетартибӣ ва анархия ба миён меояд.[3]

Идоракунии иҷтимоӣ ҳамчун таъсиррасонӣ ба ҷомеа бо мақсади танзими он, нигоҳ доштани хусусиятҳои сифатӣ, мукаммал ва рушд намудан хусусияти ҳар як ҷомеа аст, ки аз табиати низомӣ, хусусияти ҷамъиятии меҳнат, зарурати муошírати одамон дар раванди меҳнат ва ҳаёт, иваз намудани маҳсулоти фаъолияти моддӣ ва маънавии онҳо бармеояд.[4]

Дар шароити имрӯза дар нисбати идоракунии сиёсӣ инчунин мафҳуми "менеҷменти сиёсӣ" истифода мешавад, ки ҳамчун раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасманднамоӣ ва назорат, ки барои муайян ва бадастории мақсади созмону ташкилот зарур аст, баррасӣ карда мешавад.

---

[1] Ниг.: Афанасьев В. Г. Научное управление обществом (опыт системного исследования). 2-е изд. [Текст] / - В. Г. Афанасьев. –М.: Политиздат, 1973. – С. 109 – 110.

[2] Ниг.: Булыгин Ю.Е. Организация социального управления (Основные понятия и категории): [Текст] / Словарь-справочник. Ю.Е. Булыгин. –М .: КОНТУР, 1999. -С. 234.

[3] Ниг.: Чиркин В.Е. Публичное управление: Учеб. [Текст] / В.Е. Чиркин. – М .: Юристъ, 2004. - С. 12.

[4] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. [Текст] –М.: Сов. энциклопедия, 1983. -С. 298.

Ҳамин тариқ, бо назардошти хусусиятҳои зикргардидаи давлат ва идоракунӣ зарур мешуморем, ки мафҳуми “сиёсати давлатӣ” –ро тасниф намоем.

Дар таснифоти мафҳуми “сиёсати давлатӣ” муносибатҳои илмӣ мавҷуданд. Метавон таснифотҳои зеринро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур интихоб намуда, баррасӣ намуд:

- сиёсати давлатӣ ин таъсиррасонии амалӣ, муташаккил ва танзимкунандаи давлат тариқи низоми сохторҳои худ ба ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ ва хусусии одамон бо мақсади танзим, нигоҳдорӣ ё тағйирдиҳӣ мебошад;[1]

- сиёсати давлатӣ ҳамчун таъсиррасонии мақсадноки ташкиливу танзимии давлат тариқи низоми мақомотҳои худ ва шахсони мансабдор ба равандҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳо ва фаъолияти одамон;[2]

- сиёсати давлатӣ ин раванди танзими муносибатҳо дар дохили давлат тариқи тақсими фазои таъсиррасонӣ байни сатҳҳои асосии ҳудудӣ ва шохаҳои ҳокимият аст;[3]

- сиёсати давлатӣ ин фаъолият нисбат ба амалӣ намудани ваколатҳои қонунгузорӣ, судӣ, иҷроия ва дигар ваколатҳои ҳокимиятӣ бо мақсади иҷроиши вазифаҳо ҳам дар тамоми ҷомеа ва ҳам дар қисмҳои алоҳидаи таркибии он аст.[4]

Мафҳуми “сиёсати давлатӣ” ҳамчун фаъолияти иҷроиявӣ-тақсимотии мақомоти давлатӣ,[5] ҳамчун фаъолияти мақомоти иҷроия ва

---

[1] Ниг.: Атаманчук Г.В. Теория государственного управления. [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М .: Омега-Л. 2004. – С .32-33.

[2] Ниг.: Глазунова Н.И. Система государственного управления. [Текст] / Н.И. Глазунова. –М .: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. - С. 13.

[3] Ниг.: Рой О.М. Система государственного и муниципального управления. 2-е изд. [Текст] / О.М.Рой. — СПб.: Питер, 2006. - С. 103.

[4] Ниг.: Государственное управление: основы теории и организации. [Текст] // Под. ред. В.А. Козбаненко. М.: «Статут», 2000. – С. 64.

[5] Ниг.: Власов В.А., Деникин С.С. Советское административное право. [Текст] / В.А.Власов, С.С. Деникин. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 8.

тақсимотии ҳокимияти давлатӣ,[1] ҳамчун фаъолияти иҷроиявӣ-тақсимотии мақомоти идоракунии давлаӣ[2] тасниф карда шудааст.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои муосири идоракунии давлатиро барраси намуда, бо ба инобатгирии хусусиятҳои давлат аз нуқтаи назари идоракунӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки сиёсати давлатӣ ин фаъолияти мақомоти ҳокимият аст, ки ба ифодаи манфиатҳои ҷомеа равона карда шудааст.

Аз баррасии раванди идоракунӣ ба таснифоти система гузашта, ба инобат гирифтани моҳияти идоракунӣ ва хусусиятҳои сиёсати давлатӣ зарур аст. Таҳқиқи мафҳуми идоракуни ҳамчун институти иҷтимоиву ҳуқуқӣ дар самтҳои мухталиф дар як қатор бо ошкор намудани моҳияти сиёсати давлатӣ амалӣ карда мешавад, лекин ба ин нигоҳ накарда як қатор проблемаҳо то ба имрӯз боқӣ мондаанд, ки ҳалли худро талаб менамоянд.

Дар илмҳои сиёсӣ фаҳми ягонаи “сиёсати давлатӣ” ҷой надорад. Як гурӯҳ муҳаққиқон онро аз нуқтаи назари моҳият, мундариҷаи воқеӣ, гурӯҳи дигар дар асоси шаклҳои амал намудани он ин мафҳумро тасниф менамоянд. Одатан мафҳуми “сиёсати давлатӣ” тариқи маҳдуд намудани як қатор навъҳои фаъолияти давлатӣ аз навъҳои дигар муайян карда мешавад, яъне сиёсати давлатӣ ин на фаъолияти қонунгузорӣ ва на фаъолияти судӣ аст. Таснифоти нисбатан паҳнгардида чунин муайянкунӣ ба ҳисоб меравад: сиёсати давлатӣ ин навъи мустақили фаъолияти давлатӣ аст, ки дорои хусусияти иҷроишиву фармондиҳӣ, мақомоти амалӣ намудани вазифаҳои давлат дар раванди танзими соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва маъмуриву сиёсӣ мебошад.[3]

---

[1] Ниг.: Воинов И.А. О понятии исполнительной и распорядительной деятельности органов Советского государства. [Текст] // Вопросы государства и права. Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1959. С. 26

[2] Ниг.: Советское административное право. [Текст] // Под ред. Ю.М. Козлова. –М .: Изд-во МГУ, 1962. - С. 13

[3] Ниг.: Атаманчук Г. В. Сущность государственного управления. [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М.: Юридическая литература, 1980. – С. 256.

Дар раванди рушди ҷомеа сиёсати давлатӣ роҳро аз фаъолияти одӣ то фаъолияти мураккаб, аз идоракунии якзинагӣ то низоми серзинагӣ тай намудааст. Дар бисёр корҳои илмӣ бо истилоҳҳои “таъсиррасонӣ”, “таъсир”, “табдилоти воқеӣ” тағйироти назаррас ба миён омадааст. Ба ибораи “таъсир”, сифатҳои “мақсаднок”, “бомақсад”, “бошуурона” илова карда шудаанд, ки “идоракунӣ” -ро бо инсон ва ҷомеа мепайвандад.

Г.В.Атаманчук чунин мешуморад, ки чунин муносибат дарои имкониятҳои васеи таҳқиқотӣ мебошад ва заминаи дарки воқеии идоракуниро бунёд менамояд, илова бар ин он дигар муносибатҳоро рад ё хориҷ наменамояд, балки онҳоро низ фаро мегирад, ки барои таснифоти ҷанбаҳо ё унсурҳои идоракунӣ кӯмак менамоянд. Идоракунӣ дар ҳаёти одамон ва ҷомеа дар ҳолате зоҳир мегардад, ки дар ҳама гуна амалҳои якҷоя, муносибатҳо, равандҳо ва ғайраҳо оғози бошуурона, таваҷҷӯҳ ва дониш, ҳадафҳо ва иродаҳо, энергия ва амали инсон вуҷуд доранд.

Г. В. Атаманчук мафҳуми «сиёсати давлатӣ» ҳамчун роҳи таъсири амалӣ, ташкилӣ ва назоратӣ ба танзим, нигоҳдорӣ, тағйир додани сохторҳои гуногуни ҷомеа ва воситаҳои зиндагии мардум тавассути истифодаи қудрат аз ҷониби давлат мешуморад.[1]

Ҳамин тариқ, дар доираҳои илмӣ ду тарзи муносибати таснифи сиёсати давлатӣ коркард гардидааст. Мувофиқи муносибати якум – сиёсати давлатӣ дар фаҳми васеъ ин фаъолияти танзимии давлат ба таври умумӣ, фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, прократура, суд ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Олимон таъкид менамоянд, ки сиёсати давлатӣ аз тарафи тамоми сохторҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад.[2] Мувофиқи муносибати дуюм – сиёсати давлатӣ

---

[1] Ниг.: Атаманчук Г. В. Управление в жизнедеятельности людей. [Текст] / Г. В. Атаманчук –М.: РАГС, 2008. –С. 17-20.

[2] Ниг.: О некоторых актуальных проблемах административного права. [Текст]. // Государство и право. 1997. № 6. - С. 18.

дар фаҳми маҳдуд ин фаъолияти маъмурӣ аст, яъне фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроиявӣ-тақсимотии давлат нисбати амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия дар сатҳи давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Тамоми таснифоти сиёсати давлатӣ музмуну мундариҷаи асосии он – таъсиррасонии мақсадноки амалии давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки мақсади он танзим, ташкили низоми мувофиқ ва таъсири танзимнамоӣ ба он, яъне таъмини амал намудани система ва имконияти тағйироти онро нишон медиҳанд. Чунин таъсиррасонӣ маҳз аз тарафи давлат, бо хусусияти усул ва воситаҳои истифодашавандаи идоракунӣ таъмин карда мешавад.

Г.В.Атаманчук се хусусияти ҳатмии идоракунии давлатиро нишон медиҳад:

- таъсиррасонии идоракунӣ дар қувваи ҳокимияти давлатӣ такя менамояд;

- паҳн гардидани сиёсати давлатӣ дар тамоми ҷомеа, яъне хусусияти умумият доштани он;

- низомияти сиёсати давлатӣ.[1]

Низоми идоракунӣ яке аз мафҳумҳои паҳнагрдида дар идоракунӣ, назарияи ташкилот, назарияи иттилоот ва донишҳои омехта ба ҳисоб меравад.

Сиёсати давлатӣ ҳамчун ҷавҳар ва падида, мундариҷа ва шакл, таъсиррасонӣ ва фаъолият, дар дигар ифодаҳои гуногунҷанбаи худ дар воқеъ дар ягонагӣ ва вобастагӣ ба сифати низоми умумӣ ва мураккаб мавҷуд аст.[2]

Ғояи таҳлили низомӣ яке аз воситаҳои пурмаҳсули таҳқиқи дақиқи назариявии масъалаҳои идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Система будан ба

[1] Ниг.: Атаманчук Г.В. Государственное управление (Организационно-функциональные вопросы): Учеб. пос. [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М .: НПО «Экономика», 2000. - С. 35–39

[2] Ниг.: Атаманчук Г. В. Сущность государственного управления. [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М.: Юридическая литература, 1980. – С. 15-16.

сиёсати давлатӣ мобилият, ҳамоҳангсозӣ, тобеъият, мақсаднокӣ ва самаранокии муайяни заруриро медиҳад.

Мо метавонем, дар аввал низомро ҳамчун як падидаи бутун, абстрактӣ ё воқеӣ муайян намоем, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд, вобаста ва бо ҳам амалкунанда иборат аст. Тағйирот дар яке аз унсурҳо ҳатман боиси тағйирот дар дигар унсурҳо ва дар аксарияти ҳолатҳо дар маҷмӯъ ба дигаргуншавии тамоми низом оварда мерасонад. Пеш аз ҳама, табиати кулл, хусусияти он аз таркиб ва табиати дохилии унсурҳо вобаста аст. Ба сифати унсур, воҳиди ҷонноки, иҷтимоӣ ва фаъоли низоми сиёсати давлатӣ - шахс, гурӯҳ ва ғайра баррасӣ карда мешавад, ки ҳамчун субъект ва объекти идоракунӣ амал мекунанд. Ҳамкории унсурҳо ба идоракунӣ сифати махсуси падидаи ҷудонашавандаи иҷтимоӣ медиҳад. Ягонагӣ на танҳо маҷмӯи қисмҳои таркибӣ, балки алоқаи қонуниятии сохторӣ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар, унсурҳои алоҳидаи идоракунӣ ҳарчанд мустақилияти нисбиро нигоҳ медоранд, аммо ба таври воқеӣ дар алоқаи доимии сохторӣ қарор дошта, сифати нав - сифати унсурҳо, унсурҳои падидаи ягонаро касб менамоянд.

Сохтор яке аз хусусиятҳои заминавии ягонагии низомро ташкил менамояд. Сохтор ташкили дохилии низом ба ҳисоб меравад. Хусусияти сохтори низоми ягона, пеш аз ҳама, аз табиати унсурҳои таркибӣ вобаста аст. Сохтори низом метавонад одӣ ё мураккаб, устувор ё ноустувор, мухталиф ё якхела, муайян ва номуайян бошад.

Дар идоракунӣ яке аз зернизомҳо новобаста аз табиати биологӣ ва иҷтимоии худ сохтори идоракунанда, дигар зернизом бошад, новобаста аз табиати худ – сохтори идорашаванда ба ҳисоб меравад. Низоми идоракунандаро субъект, низоми идорашавандаро объект меноманд. Мувофиқан, идоракуниро метавон тариқи амали хаёлии байни субъект ва объект ифода намуд; он раванди алоқаи идоракунанда ва идорашавандаро пешниҳод менамояд.

Таҳлили низомӣ ҷудо намудани унсурҳо ва сохтори идоракуниро пешниҳод менамояд. Ба унсурҳои идоракунӣ объект, субъект, мақсад, усулҳои идоракунӣ дохил карда мешаванд. Унсурҳо, ки дар якҷоягӣ низомро ташкил менамоянд, дар навбати худ, ҳамчун низоми режими поёнӣ баррасӣ карда мешаванд.

Пеш аз ҳама, дар таҳлили низоми сиёсати давлатӣ масъала оид ба субъекти сиёсати давлатӣ, унсури пешбари он муҳим ба ҳисоб меравад. Он ҳамчун нерӯи фаъол, эҷодкор, амалкунанда дар идоракунӣ баромад менамояд. Моҳияти субъект, табиат ва харатери он, таъиноти мақсадӣ ва сохтор, дигар сифатҳо ва зуҳуроти он хусусиятҳои навъи иҷтимоии идоракуниро муайян намуда, ба он хусусият ва нишондиҳандаҳои муайян медиҳад, яъне онро бунёд менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳар як низоми идоракунӣ бо се шарти зерин тасниф карда мешавад:

- алоқаи бевосита байни унсури идоракунанда ва идорашавандаи система, ки дар доираи он ишорати идоракунӣ ҳаракат менамояд;

- алоқаи ҷавобии унсури идорашаванда ба унсури идоракунандаи низом;

- коркарди иттилооти вазъияти ҷории унсури идорашавандаи низом, ки бо каналҳои мухталифи алоқаи ҷавобӣ ба даст оварда мешаванд.[1]

Объекти сиёсати давлатӣ метавонад ҳам ҷомеа дар умум, ҳам муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, ки таҳти танзими давлатӣ қарор доранд, баромад намоянд. Субъекти идоракунӣ барои сиёсати давлатӣ ин институтҳои давлатӣ, сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор мебошанд, ки салоҳиятҳои зарурӣ доранд ва дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии муқарраршуда аз номи ҷомеа амал менамоянд. Фарқияти сиёсати давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки субъект ва объект иерархияро ташкил намедиҳанд ва идоракунии объект на бо дастурҳо ва

[1] Ниг.: Петрушенко Л. А. Принцип обратной связи. [Текст] / Л. А.Петрушенко. – М.: Мысль, 1967. – С. 132.

амру фармонҳои бевосита, балки тавассути қабули меъёру қоидаҳо ва истифодаи маҷбурнамоӣ дар ҳолати иҷро нагардидани меъёрҳо амалӣ мегардад.

Субъект ва объекти дар якҷоягӣ низоми идоракуниро ташкил менамоянд. Низом ин маҷмӯи унсурҳо аст, ки дар якҷоягӣ дорои хусусиятҳои нав мебошанд ва дар алоҳидагӣ дар ҳар як ин унсур чунин хусусият надорад. Низоми сиёсати давлатӣ маҷмӯи ташкилотҳо, вазифаҳо, муносибатҳо, усулҳои идоракунии ҷомеа мебошад.

Сиёсати давлатӣ ҳамчун низом чун маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманди идоракунӣ, ҳамкории дастгоҳи маъмурӣ ва ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад. Дар низом байни субъект ва объект алоқаи бевосита ва ҷавобӣ ба миён меояд. Алоқаи бевосита ин таъсиррасонии идоракунӣ аст, алоқаи ҷавобӣ – ин амали ҷавобӣ ба таъсири идоракунӣ мебошад, ки аз ҷониби субъект қабул карда мешавад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ муаллифони гуногун фарқияти байни низоми идоракунӣ ва раванди идоракуниро пешниҳод намудаанд. Таҳлили идоракунӣ аз нуқтаи назари шакл ё сохтори он ба низоми идоракунӣ тааллуқ дорад,  дар ҳолате, ки баррасии мазмуну мундариҷа ва вазифаҳои он дар доираи раванди идоракунӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми кор бо маҷмӯи унсурҳои якҷоя амалкунанда, чунин мафҳумҳои ноаён, ба монанди танзим ва худтанзимкунӣ истифода мешаванд. Танзим, ки ба раванди идоракунӣ хос аст, дар натиҷаи робитаи ногусастанӣ бо раванди танзимкунӣ ихтилофоти дохилӣ ба ҳисоб меравад, ки дар муносибати муайян ҳамчун мухолифи идоракунӣ баромад менамояд. Бо сабаби ин робитаи ногусастанӣ мафҳумҳои «идоракунӣ» ва «танзимнамоӣ» одатан ҳамчун муродиф истифода

мешаванд. Идоракунӣ ва танзимнамоӣ муродиф нестанд, гарчанде ки зуҳуроте, ки ин мафҳумро ташкил медиҳанд, ба ҳам пайванданд.[1]

Дар шакли умумӣ идоракуни ҳамчун падидаи иҷтимоии низомӣ – ин низоми идоракунӣ аст, ки аз се унсур: идоракуннанда, идорашаванда ва тарзи идоракунӣ иборат аст. Ҳамчун раванди идоракунии иҷтимоӣ бошад, идоракунӣ – ин таъсиррасонии мақсадноки субъекти идоракунӣ ба объекти идоракунӣ аст.

Ҳамин тариқ, ҳамчун низом сиёсати давлатӣ аз субъекти идоракунӣ – мақомоти ҳокимияти давлатӣ, объекти идоракунӣ – ҷомеа. соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фардиятҳои алоҳида, инчунин механизми сиёсати давлатӣ – ташкилнамоии таъсиррасонии субъекти идоракунӣ ба объекти идоракунӣ иборат аст.

Қайд намудан зарур аст, ки ислоҳоти тарҳи сиёсати давлатӣ дар асоси омезиши ғояҳо, усулҳо ва муносибатҳо дар доираи консепсияҳои гуногун заминаҳо ва талаботҳои истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани самаранокии институтҳои шарикӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ бунёд менамояд.

Лекин, муайян намудан зарур аст, ки мақсади асосии ислоҳот ва гузариши ташкилотҳои сиёсати давлатӣ дар чӣ зоҳир мегардад. Оид ба иқтисодиёти рақамӣ сухан ронда, мо бояд дарк намоем, ки мақсад бунёди иқтисодиёти нав нест, балки гузариши иқтисодиёт ба заминаи нави технологӣ аст, ки дар навбати худ имкониятҳои навро ба миён меорад. Дар чунин ҳолат, сухан оид ба иваз намудани воситаҳо, аз он ҷумла дар низоми сиёсати давлатӣ, гузариш ба технологияҳои нави ташкили сиёсати давлатӣ ва иқтисодиёт меравад.[2]

Ба ақидаи мо, гузариши сохтори сиёсати давлатӣ набояд танҳо ҳамчун ислоҳоти муассисаҳо ва вазифаҳои идоракунӣ тавассути ташкили

---

[1] Ниг.: Петрушенко Л. А. Принцип обратной связи. [Текст] / Л. А. Петрушенко. - М.: Мысль, 1967. –С.14.

[2] Ниг.: Иванов В. В., Малинецкий Г. Г. Цифровая экономика: от теории к практике. [Текст] // Инновация. 2017. № 12. - С. 3-4.

заминаҳои нави иттилоотӣ ва низомҳои электронӣ баррасӣ карда шавад. Мақсади ворид намудани технологияҳои рақамӣ дар сиёсати давлатӣ аз он иборат аст, ки сифати он ба таври назаррас беҳтар карда шавад ва рушди пешрафти иқтисодии кишвар таъмин карда шавад. Ҳамзамон, сифати идоракунӣ ҳамчун дастовардҳои саривақтӣ бо захираҳои ҳадди ақали давлатӣ дар заминаи маҷмӯи самаранокӣ ва демократия, ки мувофиқати хизматчиёни давлатиро бо арзишҳои асосии сиёсати давлатӣ таъмин мекунад, фаҳмида мешавад.

Дар шароити имрӯза таъсири самараноки давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ ба унсурҳои мухталифи сохторӣ бояд дар асоси усулҳои системавии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки доираи идоракунии давлатиро муайян менамоянд, низоми натиҷаҳои ояндабинӣ, ҳам хусусиятҳои дохилии идоракунӣ ва ҳам меъерҳо, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин усулҳои ташаккул, амал ва бунёди мақомоти идоракунӣ дар тартиби стратегӣ ва амалкунанда ба роҳ монда шавад.

Чунин фаҳмиши объекти назарияи сиёсати давлатӣ имконият медиҳад, ки усулҳои умумӣ ва сохтори дохилии он бо вобаста намудани мақсад ва методҳои бадасторbudии онҳо муайян карда шавад. Албатта, дар чунин ҳолат, масъалаи маҳдуд намудани объектҳои таҳқиқоти назарияи сиёсати давлатӣ аз дигар илмҳо, ки ба хулосаи онҳо сиёсати давлатӣ такя менамояд, пайдо мешавад. Махсусан, маҳдуднамоӣ бо назарияи иқтисодӣ муҳим гардидааст, зеро вақтҳои охир масъалаи сиёсати иқтисодӣ бештар ба сохтори дохилии сиёсати давлатӣ ворид карда мешавад. Илова бар ин, дар доираи назарияи иқтисодӣ масъалаи иқтисодиёти миллӣ ва усулҳои танзими он баррасӣ карда мешавад. Мавзӯи муосири назарияи иқтисодӣ аз тақсимоти захираҳои маҳдуд иборат аст ва заминаи ҷиддии коркарди масъалаҳои сиёсати иқтисодӣ ва идоракунии давлатиро пешниҳод менамояд.

Барои назарияи сиёсати давлатӣ, маҷмӯи пурраи хулосаҳои назарияи иқтисодӣ дар бораи нақш ва методҳои таъсири давлат ба

соҳаҳои иқтисодӣ ва ичтимоӣ муҳим мебошанд. Дар ин радиф фарқияти назарияи менеҷмент ва назарияи сиёсати давлатӣ ҷой дорад. Идоракунии дохилии ширкатҳо наметавонад аз рӯи усули монандӣ бо идоракунии миқёси давлатӣ шабоҳат дошта бошад. Мақсадҳо, захираҳо, оқибатҳои қарорҳои идораи давлатӣ аз вазифа ва имкониятҳои ширкат фарқ мекунанд.

Бар замми ин масъалаи ташкили дохилии мақомоти давлатӣ дар асоси усулҳои назарияи идоракунӣ ҳал карда мешаванд. Масъалаи ҷиддии дигари назариявӣ – муайян намудани соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки ба он сиёсати давлатӣ таъсир мерасонад. Дар нигоҳи аввал, муайян намудани ин масъала содда аст – ин тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа: иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, маънавиёт. Давлат усулҳои амал намудан ва меъёрҳои фаъолиятро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ коркард менамояд. Дар соҳаи сиёсӣ – ин меъёрҳои буҷавӣ, андозбандӣ; дар соҳаи иҷтимоӣ – меъёрҳои таъминоти нафақавӣ, ташкили музди меҳнат дар соҳаи буҷавӣ; дар сиёсат – меъёр ва усулҳои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳо ба ҳисоб мераванд.

Яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ ҳавасманднамоии муайяни ташкилотҳои шаклҳои мухталифи моликият, муайян намудани ҳавасмандии шахс тавассути амал, тағир додан ё нигоҳ доштани сохтори иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Сохтори иҷтимоии ҷомеа ба монанди дигар объектҳои сиёсати давлатӣ, ба он таъсири назаррас мерасонад.

Ҳалқаи робитавии чунин таъсир фаъолият ва рафтори гурӯҳҳои иҷтимоӣ, татбиқи манфиатҳои мушаххаси иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо ба ҳисоб меравад. Таҳлили манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо низ бояд ба объекти омӯзиши назарияи сиёсати давлатӣ дохил карда шавад.

Ҷудо намудани ин вазифа ва ворид намудани принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ ба сохтори идоракунӣ проблемаи нисбатан васеъ – талабот ба сотчиологияро дар сиёсати давлатӣ дар як қатор бо назарияи иқтисодӣ

ва назарияи менеҷмент мегузорад. Илова бар ин, барои идоракунии вазъияти гузариши рушди ҷамъиятӣ ҳолати принсипалӣ ҷой дорад, ки ба ҷудо намудани объекти муҳими сиёсати давлатӣ аз соҳаи иҷтимоӣ – сохтори иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар низоми сиёсати давлатӣ, ки дар он иерархияи бевосита ҷой надорад, алоқаи ҷавобӣ ба таври саҳеҳ ифода нагардидааст. Дар ҳолати низоми самараноки интихобот маҳз раванди интихоботӣ алоқаи ҷавобӣ мегардад, ки амали ҷавобии объектро ба идоракунӣ мерасонад. Алоқаи ҷавобӣ метавонад ҳамчун риояи меъёрҳо ва қоидаҳо ё эътироз бар зидди идоракунӣ бошад, лекин ин аллакай барои низоми идоракунӣ нуқтаи танқидӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, масъалаи алоқаи ҷавобӣ боз як хусусияти хоси сиёсати давлатӣ мебошад.

Сиёсати давлатӣ, асосан ду навъи асосӣ ва шаклҳои гуногунро касб намудааст. Одатан сиёсати давлатиро ба сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷудо менамоянд.

Сиёсати дохилӣ маҷмӯи самтҳои иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию мадании фаъолият, таркиб ва институтҳои гуногуни давлатӣ буда, баҳри нигоҳдории сохти иҷтимоию сиёсии мавҷуда нигаронида шудааст. Хусусияти асосии сиёсати дохилӣ он аст, ки давлат инҳисори ҳокимиятро дорад ва нисбати тамоми субъекҳои дохилӣ онро истифода карда метавонад. Сиёсати дохилӣ самтҳои асосии фаъолияти на танҳо давлат, балки тамоми унсурони системаи сиёсӣ, равандҳо ва муносибатҳои сиёсиро дар бар мегирад.

Дар бораи муносибатҳои мутақобилаи ду навъи асосии сиёсат - сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ андешаҳо якранг нестанд. Бештар он ҷиҳат ба назар мерасад, ки муҳаққиқон афзалият ва ё муносибати дигарро нисбати онҳо чӣ тавр муайян менамоянд. Гоҳо ба сиёсати дохилӣ ва гоҳо ба сиёсати берунӣ афзалият медиҳанд ва гӯё яке самтҳои рушди дигареро муайян мекарда бошад. Андешаҳои мухталифе дар бораи баробарқиматии онҳо низ иброз шудаанд.

Сиёсати хориҷӣ фаъолияти давлат дар арсаи байналхалқӣ буда, муносибатро бо субъектҳои дигари фаъолияти сиёсии хориҷӣ: давлатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналхалқии глобалӣ ва минтақавӣ муайян менамояд ва ба тартиб меандозад. Шакли муҳимтарин ва анъанавии сиёсати хориҷӣ дипломатия ба ҳисоб меравад.

Сиёсати хориҷӣ ифодагар ва ҳимоягари мафиатҳои миллию давлатӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад. Он хосиятҳои асосии зеринро дорад:

- амалӣ гаштани сиёсати хориҷӣ ба марҳилаи муайяни инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳолатҳои мушаххас вобаста аст;

- давлат дар сиёсати хориҷӣ бояд манфиатҳои давлатҳои дигарро низ ба инобат гирад.

Яке аз хосиятҳои сиёсати хориҷиро бояд эътироф ва риояи принсипи бартарии арзишҳои умумибашарӣ нисбати арзишҳои махсус, арзишҳои миллии давлати мазкур низ ташкил диҳанд. Сиёсати хориҷӣ мақсади муайян дошта, вазифаҳои аникро иҷро менамояд. Давлат дар фаъолияти хориҷии худ аз воситаҳои гуногун истифода менамояд. Шароити мусоиди байналхалқиро барои инкишофи давлат муҳайё месозад.

Ба вазифаи муҳими сиёсати хориҷӣ мубориза барои сулҳу таъмини амният дохил мешаванд. Сиёсати хориҷӣ тавассути воситаҳои гуногун: воситаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғ. амалӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза низоми сиёсати давлатӣ муҳим буда, диққати махсусро талаб менамояд. Таъсири самараноки давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ ба унсурҳои мухталифи сохторӣ бояд дар асоси усулҳои низомии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки доираи идоракунии давлатиро муайян менамоянд, низоми натиҷаҳои ояндабинӣ, ҳам хусусиятҳои дохилии идоракунӣ ва ҳам меъерҳо, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин принсипҳои ташаккул, амал ва бунёди мақомоти идоракунӣ дар режими стратегӣ ва амалкунанда ба роҳ монда шавад.

## 2. Принсипҳо ва методҳои таҳияи сиёсати давлатӣ: афзалиятҳо ва норасогиҳои онҳо

Амалӣ гардонидани мақсад ва вазифаҳои давлат тавассути таҳия ва қабули сиёсати давлатӣ воқеӣ мегарданд. Сиёсати давлатӣ маҷмуи мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, принсипҳо, барномаҳои стратегӣ ва чорабиниҳои нақшавист, ки мақомоти гуногуни давлатӣ коркард менамоянд ва онҳоро дар амал татбиқ месозанд. Мақомоти давлатӣ дар кишварҳои пешрафта барои ҳалли масъалаҳои мазкур намояндагиҳои иҷтимоӣ ва махсусан, намояндагони ҷомеаи маданиро даъват менамоянд ва бо онҳо ҳамкориҳои сатҳи гуногунро амалӣ месозанд. Чунин фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ баҳри ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа ва соҳаҳои алоҳидаи он ба амал бароварда мешавад. Он воситаест, ки ба давлат имконият медиҳад натиҷаҳои назаррас ва дилхоҳро давр соҳаи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ созад. Мақомоти давлатӣ дар доираи чунин фаъолият аз методҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ғайра истифода намуда, онҳоро ҳамчун воситаҳои таъсиррасонӣ истифода менамоянд, ба захираҳои гуногун такя мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ чунин захираҳоро ба теъдоди зиёд соҳиб буда, дар бештари ҳолатҳо дар нисбати истифодаи онҳо имкониятҳои канораи легитимиро соҳиб аст.

Ҳамин тавр, сиёсати давлатӣ нақшаи умумии фаъолияти мақомоти сиёсию маъмурии ҳокимият ва низоми идоракунӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, ки ба ҳаёти рӯзмарраи одамон таъсиргузоранд ба ҳисоб меравaнд. Дар чунин маъно сиёсати давлатӣ аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

- муайян ва мушаххас гардонидани мақсатҳо ва самтҳои асосию муҳимтарини инкишофи ҷомеа;
- таҳия, коркард ва банақшагирии стратегияи сиёсии инкишофи ҷомеа;

- таҳлил, хулосагирӣ ва баҳои объективӣ додан барномаҳои рақобатнок. Таваҷҷуҳи хоса ба сиёсате, ки нафъовар буда, хароҷоти камтарро талаб дорад;

- ташкили муҳокимаҳо ва машваратҳо бо неруҳои гуногуни сиёсии ҷомеа ва намояндагии иҷтимоии аҳолӣ дар бораи масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи инкишофи ҷомеа;

- интихоб ва қабули қарорҳои муҳими давлатӣ ва тавсифу тарғиби онҳо тавассути воситаҳои мухталифи ахбори оммавӣ. Таваҷҷуҳи асосӣ додан ба натиҷаҳои иҷрои қарорҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ ва барномаҳои хоса.

Сиёсати давлатӣ яке аз шаклҳои фаъолияти ҷамъиятӣ мансуб мегардад. Вай дорои хусусиятҳо ва махсусиятҳои гуногун мебошад. Аз ҷумла, сиёсати давлатӣ чунин ҳолатҳои ғайримуқаррариро касб намудааст:

- амали мақсадноки ниҳодҳои давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои бузурги инкишофи ҷомеа мебошад. Дар доираи чунин муносибатҳо манфиатҳо ва дархостҳои умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти мақомот ва ниҳодҳои давлатӣ бояд манфиатҳои умумиро инъикос намоянд ва хосияти расмӣ дошта бошанд;

- ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ, ки дар сатҳ ва шакли маҷмуи амалҳои мувофиқгардонидашудаи фаъолиятҳо ва чорабиниҳо зоҳир мегарданд хусусиятҳои давраи муайяни инкишофи таърихӣ ва муҳити иҷтимоӣ бо мақсади сафарбарнамоии захираҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ эътибори махсус пайдо менамоянд;

- сиёсати давлатӣ ба низоми интишори қонунҳо такя менамояд. Аммо ин кам аст. Сиёсати давлатӣ бояд асосҳои ахлоқӣ ва таърихии фаъолияти ҳаётии одамон ва ҷомеаро низ ба эътибор гирад ва онҳоро ҳамчун асос истифода намояд. Зиёда аз ин, бояд анъанаҳои миллӣ ва

хусусиятҳои хизмати давлатиро низ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор диҳад;

- натиҷаҳо ва оқибатҳои сиёсати давлатӣ ба тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд ва чунин таъсиррасониҳои ҳам хосияти мусбӣ ва хосияти манфӣ пайдо менамоянд.

Таҷрибаи таърихии халқҳо ва кишварҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳеҷ сурат ҳамаи таъсиррасониҳоро ба муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ дониста наметавонем. Зеро донишҳои инсонӣ дар мавриди масъалаи мазкур доимо маҳдуд мебошад. Ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ раванду ҳодисаҳоро то ба охир муайян намудан ғайриимкон аст. Худи рафтори инсон низ то ба охир номуайян аст. Дар ҳаёти одамон ҳодисаю падидаҳое пайдо мешаванд, ки онҳоро дар ҳеҷ сурат пешбинӣ намудан мумкин нест;

- сиёсати давлатӣ ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз ин хотир, ҳангоми таҳлил ва таркиби он ва коркардҳои сатҳи гуногуни он муносибати байнифаннию синергетикӣ, муносибати комплексӣ бо истифода аз донишҳои пешқадами ҷомеаи муосир ихтиёр карда мешавад. На танҳо низоми донишҳои мухталифи замонавӣ, балки ба таври васеъ таҷрибаи пешқадам ва муваффақиятҳои амалии мамлакатҳои гуногун мавриди истифодаи васеъ қарор дода мешавад.

Раванди таҳия ва инкишофи мутаносиби сиёсати давлатӣ дар бештари ҳолатҳо 4 давраи асосиро фаро мегирад:

- муайян намудани масъалаҳои асосии инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ. Баъзан онро ҳамчун давраи ташаббус тавсиф менамоянд;

- таҳия ва қонунӣ гардонидани сиёсати давлатӣ. Давраи мазкурро ташаккули сиёсат ном мебаранд;

- дар ҳаёти воқеӣ татбиқ намудани сиёсати давлатӣ;

- ҷамъбаст, баҳогузорӣ ва танзими сиёсати давлатӣ.

Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар баробари мақсад ва вазифаҳои асосии он мақоми хосаеро принсипҳои ташаккул ва инкишофи он соҳиб мегарданд. Онҳо моҳиятан хусусиятҳои идоракуниро касб менамоянд ва дар бештари ҳолатҳо ҳамчун принсипҳои идоракунии сиёсӣ муаррифӣ мегарданд.

Агар мақсад ва вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ бештар дар давраи таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ арзиши бештар дошта бошанд, пас принсипҳо, методҳо ва тарзҳои муносибат ба ҳодисаи мазкур  бештар ба давраи амалишавии сиёсати давлатӣ пайваст мегарданд. Он як навъ гардиши идоракуние мебошад, ки дар рафти он мақсадҳои асосӣ дар амалияи ҷамъиятӣ татбиқ мегарданд. Маҳз дар ҳамин давраиинкишоф таъсиррасониҳои мухталиф ба иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ ва соҳаҳои дигари сиёсати давлатӣ, ки бештар хосияти танзимнамоӣ доранд, ба амал меоянд.

Принсипҳои сиёсати давлатӣ, ки дар заминаи қонунҳои амал намудан ва инкишофи ҷомеа амал менамоянд ба қоидаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои давлатӣ ва одамону умумиятҳои иҷтимоӣ дар доираи идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ такя менамоянд.

Принсипҳои сиёсати давлатиро, одатан ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим менамоянд: принсипҳои универсалӣ ва принсипҳои махсус. Принсипҳои универсиалӣ дар тамоми зуҳуроти воқеият ёфтани сиёсати давлатӣ, навъҳо ва шаклҳои он амал менамоянд. Онҳо аҳамияти умумиро касб намудаанд. Принсипҳои муносибати объективӣ ба раванду ҳодисаҳо, муносибати мушаххас ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, марҳилаи асосии раванд ва ошкор намудани он, самаранокӣ, алоқаи бозгашт, мутобиқат бо меъёрҳои ҳуқуқии эътирофшудаи идоракунии ҷомеа ва ғайра дохил мегарданд.

Дар адабиёти илмию оммавӣ ва таълимӣ дар бештари ҳолатҳо принсипҳои асосии идоракунии давлатӣ ва сиёсатро, ки дар маҷмуъ 8-тоанд ҳамчун принсипҳои универсалии сиёсати давлатӣ муаррифӣ

менамоянд. Онҳо, асосан принсипҳои идоракунии сиёсии ҷомеаи комиланд. Принсипҳои ҳукумати конститутсионӣ (constitutional); ҳокимияти халқӣ (popular); ҳисоботдиҳанда будани ҳокимият (accountability); самаранокии идоракунӣ (effectiveness); кушода будани идоракунӣ (openness); ҷавоби сазовор ба муҳити беруна ё эҳсосоти зарурӣ (responsiveness); мутобиқат бо меъёрҳои процессуалӣ (due process); тақсимоти ҳокимият (separation of powers)[1]

Истифодаи принсипҳои мазкур имконият медиҳанд, ки масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ ҳалли худро пайдо намоянд. Доираи васеи одамон ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ даст ёбанд. Хайрияти умумро то андозае таъмин созанд ва сифати демократияро пайдо созанд.

Диққати махсусро принсипҳои ҳокимияти халқӣ ва ҳукумати конститутсионӣ ба худ мекашанд. Принсипҳои ҳокимияти халқӣ дар доираи манфиатҳои мардум амал менамояд ва доираи ҳарчи бештари одамонро ба амалӣ гардонидани мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ сафарбар менамояд.

Принсипи ҳукумати конститутсионӣ дар он маъно истифода мешавад, ки ҳукумат бояд дар фаъолияти худ бояд мафиатҳои тамоми мардумро ба роҳбарӣ гирад. Дар ин маврид бояд ҳокимият масъулиятро барои инкишофи ҷомеа ва махсусан, ҷомеаи маданӣ бар душ гирад.[2] Бояд он ҷиҳат ба эътибор гирифта шавад, ки таркиби мақомотҳои ҳокимияти давлатии идоракунӣ бояд таркиботи аҳолии мамлакатро инъикос гардонад.[3]

Ба ҷумлаи принсипҳои дуюмин, яъне принсипҳои махсус он принсипҳое дохил мегарданд, ки дар раванди идоракунии соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ё фақат ҳангоми амалӣ намудани навъ ва ё шакли алоҳидаи сиёсати давлатӣ,

---

[1] Ниг.: Мишелетти М. Государственное управление в демократическом обществе. [Текст] / М. Мишелетти. - СПб., 1998. - С. 8–9

[2] Ниг.: Мишелетти М. Государственное управление в демократическом обществе. [Текст] / М. Мишелетти. -СПб., 1998. - С.9

[3] Ниг.: Дар ҳамон ҷо. - С. 10–11.

сиёсати ҳизбҳои сиёсӣ ва ё ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Принсипҳои махсусе, ки ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода мешаванд, бештар арзишманд мегарданд. Зеро ин навъҳои сиёсати давлатӣ дар ҳар гуна ҷомеа аҳамияти бештар доранд. Ба таври тадриҷӣ ва самаранок ба амал баровардани онҳо дар кишварҳои пешрафта ба ташаккули низомҳои идоракунии иҷтимоию бозорӣ оварда расониданд. Дар шароити ҳозираи инкишофи ҷомеа онро ҳамчун ҷомеаи дорои иқтисодиёти самаранок ва муташаккил арзёбӣ менамоянд.

Таъсиррасонии сиёсати давлатӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти чамъиятиро мавриди омӯзиш қарор дода, мақоми принсипҳои соҳавиро муайян намудан мумкин аст. Масалан, дар шароити ҷомеаи пешрафтаи демократӣ принсипи “масъулияти демократӣ бо алоқаи бозгашт” аҳамияти муҳимро касб менамояд. Дар бораи аҳамият ва зарурати истифодаи он бештар андеҳо баён намудааст.[1]

Дар шароити инкишофи бозорӣ давлат бояд принсипҳои “дастнорас будани моликияти шахсӣ ва хусусӣ”, адолати иҷтимоӣ, федерализм, инкишофи муътадили ҷомеа[2] ва ғайра аҳамияти муҳим пайдо менамоянд.

Дар шароити ҳозираи инкишоф ба принсипҳои дигар низ ҳарчи бештар мурочиат менамоянд. Принсипи “сиёсати мувофиқгардонии манфиатҳо” аз ҷумлаи онҳост. Принсипи мазкур фаҳми хосаи сиёсати воқеии давлатӣ, ки вазифаҳои идоракуниро анҷом медиҳад, ифода менамояд. Он ба сифати принсипи муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии сиёсӣ ба шумор рафта, ҳадафҳо ва вазифаҳои мувофиқгардонии манфиатҳоро дар худ ифода менамояд. Дар зери мафҳуми «манфиатҳо» талаботу дархости ҳамаи умумиятҳои иҷтимоӣ,

---

[1] Ниг.: Линд Р. Процессы преобразований в общественном секторе Швеции. [Текст] / Р. Линд. - СПб., 1998. - С. 11

[2] Ниг.: Мау В. Конституционное регулирование социально-экономических отношений. [Текст] // Вопросы экономики. 1999. № 4. - С. 30–39.

табақаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар назар аст. Он аҳамияти стратегӣ дошта, раванди сиёсиро дар марҳилаи муайяни таърихӣ дар назар дорад.

Идоракунӣ, ки хосияти элитарӣ дорад бояд дар сатҳи муносибатҳои институтсионалӣ ба роҳ монда шавад. Манфиатҳои на танҳо умумиятҳои иҷтимоии муосир, балки манфиату талаботҳои наслҳои гуногуни рушди таърихӣ ба инобат гирифта шаванд.

Сиёсати миллии давлатӣ бояд ба принсипи афзалияти ҳалли осоиштаи сиёсии мухолифат, муқовимат ва моҷароҳо асос ёбад. Чуноне ки таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳанд, давлат бояд ҳуқуқи истифодаи зӯриро низ аз рӯи зарурат мавриди истифода қарор диҳад. Истифодаи зӯрӣ, ки асоси ҳуқуқӣ дорад, дар хомӯш намудани задухӯрдҳои ҳарбӣ, халъи силоҳи дастаҳои ҳарбии ғайриқонунӣ, пешгирии фаъолияти созмонҳо ва шахсоне, ки даст ба зӯрии ғайриқонунӣ задаанд, нақши саривақтӣ ва мусбат мебозад.

Ҳуқуқи истифодаи зӯрӣ барои давлат аз боиси назорат намудан ва ихтиёрдорӣ кардани майдони геополитикии кишвар зарур мегардад. Зеро дар сурати ғайр неруҳои гуногуни ҷудоиандоз, минтақагароён мекӯшанд, ки ба зоти худ мустақил бошанд. Чунин муносибат ва амалҳо пояҳои давлатро хароб намуда, онро нотавону заиф мегардонанд. Аз ин хотир, сиёсати фаъоли ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва амнияти кишвар яке аз рукнҳои асосии консепсияи инкишофи стратегии муносибатҳои миллиро ташкил намояд.

Принсипҳои асосии сиёсати иҷтимоиро адолати иҷтимоӣ, масъулияти иҷтимоӣ, ҳамкории иҷтимоӣ, кафолати иҷтимоӣ, муттасилият ва ғайра ташкил менамоянд.[1] Бахусус, мақом ва нақши принсипи “афзалияти ҳуқуқи инсон ва озодиҳои вай”-ро таъкид намудан лозим аст.[2]

---

[1] Ниг.: Торлопов, В.А. Социальное государство в России: идеалы, реалии, перспективы. [Текст] / В.А. Торлопов. -СПб., 1999. - С. 256–258; Безвербный, А.А. Социальная справедливость: состояние и перспективы в Росии. [Текст] / А.А.Безвербный. - Ростов-на-Дону, 1996. – С.15; Холостова, Е.И. Социальная политика. [Текст] / Е.И Холостова. – М ., 2002. - С. 23–28.

[2] Ниг.: Ронк, В. Социальное государство и гражданское общество. [Текст] // Человек и общество. 1996. № 11. – С.9.

Сиёсати иҷтимоӣ ба санадҳои мухталифи меъёрию ҳуқуқӣ такя намуда, вазифаҳои хешро амалӣ месозад. Махсусан, заминаи асосии ба амал баровардани сиёсати иҷтимоии давлатро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигари соҳавӣ ташкил менамоянд.

Ба хотири дарк намудани моҳияти сиёсати давлатӣ баррасии принсипҳо, ки дар онҳо идоракунии сиёсӣ асос ёфтааст, зарур мебошад. Принсипҳои фаъолияти давлатӣ ин чунин муқаррарот ва идеяҳои асосиву заминавӣ мебошанд, ки хусусиятҳои муҳим, мазмуну мундариҷа ва таъиноти онро муайян менамоянд.

Л.Л. Попов, Ю.И.Мигачев, С.В. Тихомиров навъбандии зерини принсипщои идоракунии давлатиро пешниҳод намудаанд:[1]

- принсипҳои умумии иҷтимоиву ҳуқуқӣ. Ин гурӯҳи принсипҳо муқаррароти умумиро дар бар гирифта, бояд аз тарафи тамоми мақомотҳо ва мансабдорон, новобаста аз сатҳ ва мақом дар низоми субъектҳои фаъолияти идоракунӣ иҷро карда шаванд. Ба ин гурӯҳ чунин принсипҳо, ба монанди қонуният, тартибот, мақсаднокӣ, объективият, мутобиқати муттамаркзӣ ва ғайримуттамаркази танзимнамоӣ дохил мешаванд.

Принсипи қонуният чунин ҷанбаҳоро пешниҳод менамояд:

- иҷроиши дақиқ ва якранги меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти идоракунӣ;

- масъулияти ҳар як субъекти идоракунӣ оид ба амал намудан дар доираи салоҳиятҳои худ, ки мувофиқи қонун ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд;

- уҳдадории мақомот ё мансабдори идоракунӣ, ки дар эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ гардонидани онҳо ваколатдоранд, бояд

[1]Ниг.: Попов Л.Л., Мигачев Б.И., Тихомиров С.В. Государственное управление и испольнительная власть: содержание и соотношение [Текст] // Под.ред. Л.Л.Попова. – М., 2011. – С. 93.

боварии комил ҳосил намояд, ки меъёрҳои ҳуқуқии қабулгардида ба қувваи бузурги ҳуқуқӣ ва махсусан, афзалиятҳои сиёсӣ мувофиқ бошад.

Тартибот – ин ифодаи вазъияти сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвари мушаххас аст, ки моҳияти он дар иҷроиши уҳдадориҳо, аз он ҷумла, уҳдадориҳои бо риояи қоидаҳои режими хизмати давлатӣ алоқаманд, аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар мансабдорони давлатӣ зоҳир мегардад.

Мақсаднокӣ – ин принсипи сиёсати давлатӣ аст, ки бадастории мақсадро аз тарафи субъектҳои идоракунӣ бо воситаҳои муносиб, бо вақти муайян ва хароҷоти ками воситаҳои моддӣ пешниҳод менамояд. Принсипи объективият маънои онро дорад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мансабдорон, фаъолияти идоракуниро амалӣ намуда, уҳдадоранд, ки қонуниятҳои объективӣ, вазъияти мавҷуда, ки дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо шудааст, ба инобат гиранд, инчунин ба таври воқеӣ захираҳои ҷойдошта, ки барои вазифаҳои идоракунии сиёсӣ заруранд, баҳогузорӣ намоянд.

Принсипҳои гурӯҳи дуюм – принсипҳои ташкилии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Принсипҳои ташкилӣ барои интихоби шакли муносиби бунёди дастгоҳи сиёсати давлатӣ ва амалнамоии он зарур мебошанд. Ин гурӯҳи принсипҳо аз ду зергурӯҳи алоҳида иборат мебошанд. Ба зергурӯҳи якум принсипҳои зерин дохил мешаванд: принсипи соҳавӣ, алоқамандӣ, ҳудудӣ, функсионалӣ, тобеияти дукарата.

Принсипи соҳавӣ маънои онро дорад, ки дар ин ё он соҳаи сиёсати давлатӣ мақомотҳои мувофиқи давлатӣ таъсис дода мешаванд. Ин принсип имконият медиҳад, ки захираҳои мавҷуда барои ҳалли вазифаҳои рӯзмарраи идоракунӣ ба таври ратсионалӣ истифода карда шаванд. Принсипи алоқамандӣ тобеияти субъектҳои поёнии идоракунии давлатиро ба субъектҳои болоии сиёсати давлатӣ таъмин менамояд. Ҳар як роҳбар ваколатдор аст, ки ба мақомот ё мансабдор, ки дар тобеияти ӯ қарор доранд дастуруламал ва маслиҳат оид ба пешбурди фаъолияти

идоракунӣ диҳад. Принсипи ҳудудӣ ташаккули мақомоти идоракунии давлатиро дар асоси тақсимоти ҳудудӣ пешниҳод менамояд. Ин принсип имконият медиҳад, ки вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ин ё он воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ ба таври самаранок иҷро карда шаванд.

Принсипи тобеъияти дукарата хусусияти ин ё он минтақаро дар амалӣ намудани идоракунии муттамаркази давлатӣ ба инобат мегирад.

Ба зергурӯҳи дуюми принсипҳои ташкилнамоии сиёсати давлатӣ чунин принсипҳо, ба монанди мутобиқати яккасардорӣ ва идоракунии коллегиалӣ дар сиёсати давлатӣ, тақсими ратсионалии ваколатҳо байни субъектҳои фаъолияти идоракунӣ ва масъулияту уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти иҷроия оид ба натиҷаи кори худ дохил мешаванд. Принсипи мутобиқати яккасардорӣ ва идоракунии коллегиалӣ ҳалли масъалаҳои идоракунии давлатиро ҳам аз тарафи мақомоти ҳокимиятӣ, ки дар асоси оғози коллегиалӣ бунёд гардидаанд, масалан ҳукумат, ҳам аз тарафи як роҳбари мақомоти ҳокимияти иҷроия пешниҳод менамояд.

Тақсимоти ратсионалии ваколатҳо байни субъектҳои фаъолияти идоракунӣ мустаҳкам намудани дақиқи ваколатҳо, муайян намудани мақоми ҳуқуқӣ, яъне маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, инчунин масъулиятшиносӣ дар ҳолати иҷро нагардидан ё нопурра иҷро гардидани масъулиятҳоро пешниҳод менамояд. Принсипи мазкур барои таъмини амалинамоии самараноки иҷроиши муқаррароти конститутсия, қонунҳо, дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи субъектҳо зарур аст.

Яке аз принсипҳои низоми сиёсати давлатӣ принсипи ошкоро ба ҳисоб меравад. Яъне, фаъолияти мақомоти сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ бояд ошкоро бошад, ба одамон иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дастрас бошад. Принсипи ошкоро ба демократикунонии фаъолияти идоракунӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки шаҳрвандон ба раванди қабули қарор таъсир расонанд ва ҳатто дар бештари мавридҳо иштирокчии бевоситаи он бошанд. Чунин қарорҳо ба

манфиат, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ бояд дахл дошта бошанд.[1]

Талабот ба низоми кафолатҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи мақомоти маҳалии идоракунӣ маънои онро дорад, ки давлат меъёрҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти маҳаллӣ, кафолатҳои ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ ва ташкилии бунёдиҳои маҳаллиро муқаррар намуда, механизми муносибатҳои тарафайни мақомотҳои маҳалӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатиро бунёд менамояд.

Ин принсип имконият медиҳад, ки низоми мақомоти идоракунии бунёдиҳои маҳаллӣ бо иштироки шаҳрвандон беҳтар гардонида шавад, фаъолнокии созмонҳои ҷамъиятӣ таъмин гардад, инчунин нозорати фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ аз тарафи аҳолӣ пурзӯр гардад, асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мустаҳкам гардонида шаванд.

Аҳолӣ дар баррасӣ ва қабули қарор, ҳалли корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бунёди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии бунёдиҳои маҳаллӣ иштирок менамояд. Ин принсип шароити омӯзиши бунёдиҳои маҳаллӣ ва коркарди тавсияҳоро нисбат ба идоракунӣ таъмин менамояд. Он баррасии падидаҳоро дар алоқмандӣ ва вобастагии онҳо пешниҳод менамояд.

Таҳлили ҷанбаи эмпирикӣ нишон медиҳад, ки барои амалнамоии самараноки давлат ва тамоми сатҳҳои сиёсати давлатӣ, ваколатҳои васеи ҳар як сатҳ талаб карда мешавад, ки имконияти таъмини иҷроиши тамоми вазифаҳои давлат, ки тариқи вазифаҳои сиёсати давлатӣ амалӣ мегарданд, пешниҳод менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолати ҷудо намудани вазифаҳои идоракунӣ аз рӯи сатҳҳои сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ принсипи бо конститутсия муқарраргардидаи ягонагии низоми мақомоти ҳокимияти

[1] Ниг.: Гончаренко, Г.С. Правовые акты органов государственного управления. Учебно-методический комплекс. [Текст] / Г.С. Гончаренко. - Ростов-на-Дону: РЮИ РПА Минюста России, 2012. -С. 53.

давлатӣ ба ҳисоб меравад. Амалӣ намудани ин принсип пешниҳод менамояд, ки мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои он ба сифати низоми ягона баромад менамоянд.

Илова бар ин, принсипҳои зерин, ба монанди принсипи федерализм, қонуният, сарфа намудан, принсипи ба инобат гирифтани хусусиятҳои объектҳои идорашаванда ва ғайра ҷудо карда мешаванд.[1]

Метавон ба ин номгӯ, принсипҳои ошкорбаёнӣ ва дақиқиву саҳеҳӣ, устуворӣ, муттасилӣ, идорашаванда будан дар доираи ваколати мақомоти мувофиқи идоракуниро ворид намуд. Зеро маҳз ин принсипҳо ва риоя намудани онҳо имконият медиҳад, ки самаранокии иҷро гардидани вазифаҳои мувофиқ аз тарафи тамоми мақомотҳои сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ баланд бардошта шавад.

Сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ дар заминаҳо ва принсипҳои объективӣ асос меёбанд. Иштироки оммаи мардум дар қабули қарорҳои идоракунӣ бояд яке аз принсипҳои низоми сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ гардад, ки ба принсипҳои таъминкунандаи рушд ва мукаммал гардонидани низоми идоракунӣ дохил мешавад.

Дар асоси чунин технологияи иҷтимоӣ гузариш ба сатҳи нави сифатии муносибати тарафайн дар низоми ҳокимият - ҷомеа имконпазир мегардад, ки ба гуфтугӯи гуногунҷанба ва самаранок, ки ба шароити муфиди кор дар соҳаи мазкур барои тамоми субъектҳои идоракунӣ равона гардидааст, мусоидат менамояд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки чунин гуфтугӯ фаъолнокии гурӯҳҳои ҷамъиятиро низ талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, принсипҳои сиёсати давлатӣ барои самаранок гардидани раванди идоракунӣ зарур буда, риоя гардидани онҳо яке аз омилҳои асосии муваффақ гардидани раванди сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир зарур аст, ки давлатҳо ва мақомоти мухталифи идоракунии он дар раванди идоракунӣ аз принсипҳои асосии

[1] Ниг.: Старцев, Я.Ю. Система государственного управления: политический анализ. [Текст] / Я.Ю. Старцев. – Екатеринбург, 2010. – С. 31-59.

идоракунии давлатӣ васеъ истифода намоянд ва ба ҳалли масъалаҳо муваффақ гарданд.

Дар асоси баррасӣ ва таҳлили принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ ба чунин хулосаҳои муҳим омадан лозим аст:

- дар асоси нишондиҳандаҳои муайян ва аҳамияту арзишҳои принсипҳои сиёсати давлатӣ тамоми низомҳои идоракунии сиёсии мавҷударо ба низомҳои идоракунии демократӣ, тамаддунӣ, авторитарӣ, тоталитарӣ ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз чунин нишондиҳандаҳои хусусиятҳо ва моҳияти режими сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Тамоми моҳият ва хусусиятҳои сиёсати давлатиро дар худ таҷассум намуда, тартиби идоракунии сиёсии ҷомеаро инъикос менамояд;

- солҳои охир бештар мафҳуми "шакли режими давлатӣ" истифода карда мешавад. Зери мафҳуми "шакли режими давлатӣ" маҷмӯи шакл ва методҳои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, сиёсати давлатӣ фаҳмида мешавад. Яъне, шакли режими давлатӣ моҳияти сиёсати давлатӣ ва идоракунии сиёсиро дар кишварҳои алоҳида муайян менамоянд;

- моҳияти режими сиёсӣ хусусияти ҳамкориҳои субъекти идоракунии давлатиро бо объекти идоракунӣ – ҷомеа ва ниҳодҳои гуногуни он амиқ менамояд. Вобаста ба режими сиёсии давлатӣ субъекти идоракунӣ, мувофиқан низоми сиёсати давлатӣ, ҳам авторитарӣ ва ҳам демократӣ ҷудо карда мешаванд;

- дар низоми авторитарии сиёсати давлатӣ таъсири истиснoии яктарафаи субъекти ҳукмрон ба объекти идорашаванда (ҷомеа, одамон, ташкилотҳои он) эътироф мегардад. Проблемаи алоқаи ҷавобӣ дар воқеъ, ихтиёран бартараф карда мешавад. Аз ҷиҳати таърихӣ-типологӣ, низоми авторитарии сиёсати давлатӣ як шакли анъанавӣ ё шакли авторитарӣ - бюрократии ҳокимият мебошад;

- навъи демократии сиёсати давлатӣ чунин як навъ аст, ки дар он субъекти идоракунӣ ба таври сохтори иерархии институтҳои сиёсӣ ва

мансабдорон, ки аз ҷониби халқ интихоб гардида, аз тарафи он иваз карда мешавад, пешниҳод менамояд.

Прнисипҳои сиёсати давлатӣ аҳамияти муҳимро дар низоми идоракунии самаранок пайдо намудаанд. Аммо дар баробари принсипҳо ва меъёрҳо дар сиёсати давлатӣ мақоми пешбар ва ҳатто дар шароити мувофиқ муайянкунандаро методҳо ишғол менамоянд. Ҳамин методҳо ҳастанд, ки сиёсати давлатӣ хосияти самаранокиро пайдо менамоянд. Ба сифати методҳои сиёсати давлатӣ, ки низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосирро қувват мебахшанд тарзи ташаккул додан ва таъсиррасониҳои танзимнамоии субъектҳои иҷтимоӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ ҳангоми идоракунии объектҳо дар назар дошта мешавад. Чунин тарзи муносибат шароити зарурии амали самаранок ва инкишофро ба вуҷуд меорад. Онро ба талабот ва дархостҳои қонуниятҳои рушди ҷомеа мувофиқ мегардонад.

Методҳои сиёсати давлатӣ низ ба ду гурӯҳи асосӣ: методҳои универсалӣ ва методҳои соҳавӣ тақсим мегарданд. Чунин тақсимбандӣ ба сатҳи баамалоии ҳодисаҳо ва истифодаи худи методҳо вобастаанд.

Ба методҳои универсалии сиёсати давлатӣ, ки хусусиятҳои мухталифи таъсиррасониҳои идоракуниро доранд методҳои ташкилию маъмурӣ, методҳои таъсиррасониҳои иқтисодӣ ва методҳои иҷтимоию психологӣ, ки хосияти таъсиррасонии ахлоқиро касб намудаанд дохил мегарданд. Методҳои ташкилию маъмурӣ маҷбурнамоиҳои давлатию ҳуқуқӣ ва методҳои иқтимодӣ бештар ба омилҳои моддӣ такя менамоянд.

Аммо афзалиятро методҳои соҳавӣ касб менамоянд. Маҳз онҳо дар сиёсати давлатӣ ва раванди татбиқи он бештар истифода мегарданд. Дар байни онҳо методи барномавию мақсаднок нақши асосӣ мебозанд. Он имконият медиҳад, ки воситаҳо ва захираҳои молиявӣ, моддӣ, ташкилӣ ва ғайра дар маҷмуи ягона гирд оварда шаванд. Чунин муттаҳидӣ имконият медиҳанд, ки масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва масъалаҳои дигари инкишофи ҷомеа бо осонӣ ва ё муътадилӣ ҳалли худро пайдо

намоянд. Дар бораи хусусиятҳо ва таркиботи чунин барномаҳо ҳамчун санадҳои дастурӣ, ки маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, технологӣ, ташкилӣ ва ғайраро фаро мегирад дар таҳқиқотҳои олимони муосир андешаҳо кам нестанд.[1]

Дар кишвари мо методи барномавию мақсаднок кайҳост, ки мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳанӯз солҳои 80-уми асри XX онро ба таври васеъ истифода менамуданд. Давр он солҳо "Барномаи энергетикии СССР", "Барномаи озуқавории СССР барои солҳои 1982-1990", "Барномаи инкишофи истеҳсоли молҳои сермасриф ва хизматрасонӣ" ва ғайра қабул гардида буданд ва ба натиҷаҳои назаррас низ оварда буданд.

Дар шароити ҳозира низ методи мазкурро ба таври васеъ истифода мебаранд. Тавассути буҷети ҳукуматӣ бароmaҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар қатори методҳои барномавию мақсаднок дар сиёсати давлатӣ методҳои гуногуни менеҷерӣ ва методҳои дар соҳаи технологияи PR мавриди истифода қарор дода мешаванд. Махсусан, методи "трипартизми иҷтимоӣ" ба таври мунтазам мавриди истифода қарор дода мешавад. Яъне, байни ҳукумат, корфармо ва иттифоқҳои касаба шартномаҳо баста мешаванд. Он ифодагари манфиатҳои иҷтимоию меҳнатиикоргарони кироя буда, ҳаққи меҳнат ҳимояи иҷтимоӣ ва масъалаҳои дигари иҷтимоиро дар доираи ҳудудҳои давлат дар бар мегирад.

Дар сиёсати давлатии аксари давлатҳои пешрафта методи ваучерӣ ба таври васеъ истифода мегардад. Барои ҳар як нафар суратҳисоб кушода мешавад ва маблағҳое, ки аз буҷети марказӣ ва ё минтақавӣ барои вай мегузаронанд дар он гирд оварда мешавад. Чунин маблағҳо фақат бо мақсадҳои барномавӣ истифода мешаваду халос.

---

[1] Ниг.: Торлопов, В.А. Социальное государство в России: идеалы, реалии, перспективы. [Текст] / В.А. Торлопов. – СПб., 1999. – С. 258-259.

Дар раванди амалӣ намудани сиёсати давлатӣ аз методи дигари иҷтимоӣ – “шартномаи иҷтимоӣ” истифода менамоянд. Вай муносибатҳои байни кормандон ва ташкилоту фирмаҳоро муқаррар менамояд.

Сиёсати давлатӣ дар шароити муайян ва ҳолати мусоиди истифодаи воситаҳо амалӣ мегардад. Воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ вобаста ба шароити кишварҳо дар сатҳи гуногун зоҳир мегарданд. Амалишавии сиёсати давлатӣ аз гуногуншаклии мсоликият, иқтисодиёти бозорӣ, низоми маориф ва махсусиятҳои раванди тарбияи одамон вобаста аст. Дар чунин маврид ҳамаи он чизе, ки ба инкишофи инсон таъсир мерасонад, аҳамиятнок мегардад. Дар раванди воқеӣ гаштани сиёсати давлатӣ унсури камаҳамият вуҷуд надорад. Ҳамаи онҳо арзиши хосаеро касб менамоянд. Сиёсати давлатӣ дар ҳар гуна сурат ба одамон пайваст мегардад, манфиатҳои ӯро фаро мегирад ва бояд воситаи қонеъ гардонидани талабот ва дархостҳои одамон гардад.

Ба сифати шароити амалишавии сиёсати давлатӣ ҷиҳатҳои зеринро нишон додан лозим аст:

- шароите, ки низоми давлатию маъмурӣ ташкил менамояд;
- шароите, ки низоми иҷтимоию психологӣ ба вуҷуд меорад;
- шароите, ки низоми фаъолиятию амалии ҳокимият ва унсурони ҷомеаи маданӣ ба миён меоранд.

## 3. Хосиятҳои асосии инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити ҳозира

Дар шароити имрӯза тағйиротҳои мушаххаси иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ шароити нави муносибатҳои ташкили идоракунии давлатиро, ки дар асоси сиёсати комили давлатӣ ба амал меоянд, талаб менамояд. Аз ин хотир, дар тамоми кишварҳо равандиислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва ворид намудани технологияҳои навтарин дар соҳаи мазкур ба амал меояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки

дар ин самт як қатор муваффақиятҳо ба даст оварда шудааст, гарчанде натиҷаҳои бадастомада гуногун буда, дар шароити кишварҳои алоҳида вобаста ба дараҷаи инкишоф ва таркиботи структуравии аҳолӣ аз ҳам фарқ менамоянд.

Ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ  аз як қатор омилҳо, ба монанди сатҳи рушди ҷомеа, вазъияти фарҳанги сиёсӣ, анъанаҳои сиёсӣ, шаклҳо ва сатҳи дингароии аҳолӣ ва вазъияти умумии рушди хус усиятҳои динӣ, вазъияти мушаххаси таърихӣ, ҳатто шароити ҳудудиву географии кишвар вобаста аст. Албатта, байни равандҳои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, самтҳои инкишофи он ва низоми идоракунии давлатии минтақаҳои гуногуни олам тафовути назаррас мушиҳида карда мешавад, ки бе шубҳа ба рушди минбаъдаи низоми идоракунии давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои мақсадноку асосии сиёсати давлатии кишварҳо ва минтақаҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳатто дар кишварҳое, ки дорои шакли ягонаи сохтори давлатӣ мебошанд, дар низоми ҳокимият ва идоракунии онҳо якрангиҳо ва тафовутҳои гуногун мушоҳида мешавад. Аз ин ҷост, ки дар ҳаёти воқеӣ низоми умумии сиёсати давлатӣ хусусиятҳои гуногунро пайдо менамояд. Баъзан ҳато дар кишварҳои пешрафта низ равандҳоеро мушоҳида намудан чандон мушкилие надоранд, ки на дар тарзи муносибати меъёрӣ, на дар тарзи татбиқи чорабиниҳо ҷой надорад. Навъи мушаххаси низоми сиёсати давлатӣ, асосан, аз рӯи хусусиятҳои режими сиёсӣ, инчунин дигар хусусиятҳои сохтори давлатӣ муайян карда мешаванд.

Хусусияти умумии низомҳои сиёсати давлатӣ аз сохтори сиёсию иҷтимоии кишварҳо бармеояд. Таҳлили назариявии унсурҳои сохтории низом ва ташкил намудани он хусусиятҳои сифатии дохилӣ ва аломатҳои низомии унсурҳоро ошкор менамоянд.

Дар шароити имрӯза хусусиятҳои рушди системаи сиёсати давлатӣ аз тарзи муайян намудани масъалаҳои асосии инкишоф ва муносибати мутақобилаи байни субъект ва объекти идоракунӣ вобаста аст.

Дар ҳама гуна таснифот, сиёсати давлатӣ бе мавҷудияти таъсиррасонӣ – субъект ва идорашаванда – объект ғайриимкон аст. Зарур аст, ки ин таъсири роҳбарикунанда, ки дар ин ё он мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амал меояд, ба объекти идорашаванда расад ва ба рафтори одамон таъсир расонад ва онро дигаргун намояд. Дар акси ҳол, наметавон гуфт, ки сиёсати давлатӣ амалӣ шуда истодааст: тамоми системаи он ба зерсистемаҳои ба ҳам алоқаманд ҷудо мешавад, ки ҳар яке назорати худро дар доираи ниҳодҳои давлатӣ амалӣ мекунанд. Аз ин рӯ, маълум аст, ки барои татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ, таъмини низом ва якпорчагии он робитаҳои мустақими амудӣ заруранд, ки ягонагии системаи идоракунии давлатиро инкишоф дода, кафолати онро таъмин менамоянд.

Илова бар ин, мавҷудияти чунин пайвандҳо ба мустақилияти ҷузъҳои поёнии сиёсати давлатӣ, барқарор кардани муносибатҳои уфуқӣ байни онҳо мухолифат намекунад. Ғайр аз ин, муносибатҳои уфуқӣ муносибатҳои амудиро пурра мекунанд ва дар навбати худ хусусиятҳои асосии самтгирии сиёсати давлатӣ ва таъмини системаи идоракунии давлатиро ба амал мебароранд.

Барои татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ ва таъмини инкишофи мутаносиби он ҳамкории субъект ва объекти идоракунӣ зарур аст, ки тавассути пайвандҳои мустақим ва алоқаҳои ҷавобӣ байни онҳо амалӣ карда мешавад. Пайвасти мустақим маънои таъсири субъект (мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор) ба объектро дорад, яъне, ба тағйири рафтори субъект равона карда мешавад. Алоқаҳои ҷавобӣ вокуниши объектро ба қарорҳои идоракунӣ ва амалҳои субъект нишон медиҳанд ва дар ниҳоят сифати идоракуниро муайян мекунанд.

Субъекти бартаридошта дар системаи сиёсати давлатӣ қувваи пешбарандаи раванди идоракунӣ, омили муайянкунандаи он мебошад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки сохтори субъект ва навъи муносибати байни унсурҳои он таҳкими ҳокимияти давлатиро фаро мегирад. Мақомоти олии ҳокимият ба мақомоти марказии идоракунӣ мувофиқ аст; тақсимоти функсионалии ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои он дар марказҳои дахлдор барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи олӣ ва минтақавӣ такрор карда мешавад; сохтори иерархии субъекти назорат сохтори иерархии қудратро такрор мекунад ва ғайра.

Алоқаҳои бевосита метавонанд амудӣ  ва уфуқӣ бошанд. Вобаста аз вақти таъсиррасонӣ онҳо метавонанд доимӣ, муваққатӣ ё лаҳзавӣ бошанд (масалан, агар сарвари давлат дар вазъияти бӯҳронӣ ягон чораи фавқулода андешад). Дар системаи хуб ташкилшудаи идоракунӣ, ба сиёсати комил такя менамояд, таъсири мустақим метавонад нарм ё комилан ноаён бошад ва чун қоида, маҳз ҳамин аст, ки натиҷаҳои беҳтарин медиҳад. Дар ҳолатҳои буҳронӣ чунин таъсиррасонӣ метавонад то ба шакли истифодаи қувва бирасад.

Робитаҳои амудӣ маънои пайравии баъзе мақомот ба дастурҳои мақомотҳои дигарро ифода менамояд: ҳукумати маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунӣ - ба ҳукумати минтақавӣ ва ҳукумати минтақавӣ - ба ҳукумати кишвар. Ин пайвастагиҳои тобеӣ мебошанд. Муттамарказии сиёсати давлатӣ ҳамеша ба робитаҳои амудӣ асос меёбад.

Алоқаҳои амудӣ боло ва поён мешаванд, онҳо байни роҳбар ва гурӯҳ, байни роҳбарони сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Мавҷудияти алоқаҳои мустақими амудӣ ба мустақилияти объекти идоракунӣ мухолифат намекунад.

Алоқаҳои уфуқӣ бо ҳамкориҳои мақомоти идоракунии мустақил ва баробарҳуқуқ дар доираи қонунгузории амалкунанда тасниф карда мешавад. Онҳо дар дохили як воҳид, байни воҳидҳо, байни мудирон, байни кормандон амалӣ карда мешаванд. Ин алоқаҳо ҳамоҳангсозӣ,

ҳамкорӣ мебошанд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати давлатӣ равона шудаанд ва метавонанд унсури тобеиятро дар бар гиранд.

Алоқаҳои амудӣ аз алоқаҳои уфуқӣ бартарӣ доранд, зеро ба ҳокимияти давлатӣ хусусияти мутамарказонидан ва тамаркуз хос аст. Ин тамоюл бо мухолифати мақомоти ҳудудии идоракунӣ рӯ ба рӯ мешавад. Пайвастагиҳои системавии субъектҳои идоракунӣ динамикӣ мебошанд. Онҳо дар шакли зиддиятҳои ошкоро амалӣ мешаванд, ки дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ танзим ва ҳал карда мешаванд.

Таъсири бевоситаи идоракунӣ тағйир додани рафтори объектро дар самти барои субъект зарурӣ дар бар мегирад. Аммо объект на ҳамеша чунин муносибат мекунад: он метавонад на танҳо саркашӣ кунад, балки ба қарорҳо ва амалҳои ҷойдошта фаъолона муқобилат кунад. Ин вазъ тағйири табиати алоқаҳои бевоситаро талаб менамояд: субъект, агар амали ӯ ба конститутсия ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мухолифат пайдо накунад, метавонад маҷбуркунии қонуниро истифода барад. Истифодаи чунин амалҳо хосияти легитимӣ дошта, дар мазмун ва мундариҷаи сиёсати давлатӣ мақоми хоссаеро ишғол менамояд. Низоми сиёсати давлатӣ устувориро ба даст меорад, агар алоқаҳои бевосита бо алоқаҳои ҷавобӣ пурра карда шаванд. Вобаста аз ҷои пайдоиш ва татбиқи он, ду намуди алоқаи ҷавобиро ҷудо кардан мумкин аст: объективӣ ва субъективӣ.

Алоқаи ҷавобии объективӣ аксуламали дарки таъсиррасонии идоракуниро аз ҷониби системаи идорашаванда инъикос мекунад: изҳори мувофиқа, ихтилоф, дастгирӣ, мухолифат. Иттилоот дар низоми озоди сиёсати давлатӣ аз субъект ба мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор, ба марказҳои дахлдори таҳлилӣ ворид мешавад, ки онро интихоб, таҳлил ва ҷамъбаст мекунанд, хулосаҳои мувофиқро барои қабули қарорҳои нави идоракунӣ пешниҳод мекунанд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки алоқаҳои бевосита ва ҷавобӣ хусусияти даврагии татбиқи сиёсати давлатӣ мансуб мегардад.

Алоқаҳои ҷавобии субъективӣ имкон медиҳанд, ки маълумотро дар бораи аксуламалҳо ва амалҳои сатҳи поёнӣ ба қарорҳо ва амалҳои сатҳи баландтар ба даст оварда, он мавриди баррасӣ ва таҳлилу хулосагириҳои сатҳи гуногун қарор гирад.

Ба алоқаи ҷавобӣ субъекти назорат, таҳлил ва баҳодиҳии иҷрои вазифаҳои функсионалии шахсони мансабдор дохил мешаванд. Ин алоқаҳо дар назардошти тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ва инчунин дар кишварҳои дорои ҳукумати ғайримутамарказ нақши махсус доранд. Бояд дар назар дошт, ки мустақилияти мутлақи зернизомҳо, мухолифати манфиатҳо ва салоҳиятҳои сохторҳои дастгоҳи давлатӣ ба якдигар метавонад боиси қатъ гардидани алоқаҳо, номутаносибӣ дар амалҳои унсурҳои сохтори низоми идоракунӣ, такрори вазифаҳои онҳо гардад.

Масъалаҳои самаранокии системаи сиёсати давлатӣ ва фаъолияти маъмурияти давлатӣ дар тамоми давру замонҳо аҳамияти махсусро доро буданд. Барои бунёди маъмурияти самараноки давлатӣ унсури асосӣ системаи ҷалбнамоӣ ва тайёр намудани кадрҳо ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, хизмати давлатӣ дар кишварҳои гуногун вобаста ба такя намудан ба қобилият дар интихоби кормандон аз якдигар фарқ менамояд. Дар чунин ҳолат мухолифате пайдо мешавад, ки идоракуниро ба мутахассиси дорои ихтисоси маҳдуд бовар намуд, ё ин ки нафари дорои ҷаҳонбинии васе ва мутахассисро интихоб намуд. Масалан, дар Британияи Кабир тасаввуроте, ки бюрократ дар маънои синфи идоракунанда бояд дорои ҷаҳонбинии васеъ бошад, бартарӣ дошт.

Ҳамин тариқ, идоракунӣ ҳамчун санъати қабули қарорҳо, сатҳи фаҳмиш ва таҷрибаи маъмурӣ тассавур карда мешавад. Аз ин рӯ, дар Британияи Кабир мутахассисоне, ки муассисаҳои олии касбиро дар соҳаи ихтисосҳои донишҳои иҷтимоӣ хатм намудаанд, бартарӣ доранд.

Мавҷудияти системаи тайёр намудани кадрҳо барои хизмати давлатӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ки дар заминаи сиёсати

давлатӣ ва самтҳои инкишофи он сурат мегирад, хеле муҳим мебошад. Дастгоҳи самараноки идоракунии давлатӣ метавонад, ки аз уҳдаи иҷроиши вазифаҳо ба пуррагӣ барояд. Аз ин хотир, системаи ҷалб ва тайёр намудани кадрҳо барои хизмати давлатӣ муҳим аст, ки дар он мутаносибан интихоби нафароне, ки маълумоти ҷомеашиносӣ доранд ва интихоби мутахассисон дар соҳаҳои алоҳида мувофиқ бошад.

Чунин система метавонад камбудиву норасоиҳоро бартараф намуда, инкишофи соҳаҳои алоҳида ва умуман, тамоми ҷомеаро таъмин намояд. Унсури асосии чунин система бояд зерсистемаи маълумотгирии маъмурон бе ҷудо гардидан аз фаъолияти меҳнатӣ бошад. Системаи маорифро зарур аст, ки ба маъмурони ватанӣ тамоми донишҳо ва таҷрибаҳои замонавиро дар самти таҳияи сиёсати универсиалӣ ва соҳавӣ, идоракунии сиёсӣ, коршиносӣ ва коммуникатсионӣ пешниҳод намояд.

Вазифаҳои сиёсати давлатӣ ва вобаста ба он ташаккул ва инкишофи идоракунии сиёсии муташаккилу самаранок, ки дар назди ҷомеаи мо истодааст, ҳалли ғайрианъанавиро талаб менамояд. Чунин амалро танҳо дар асоси донишҳо ва технологияҳои муосири идоракунӣ иҷро намудан имконпазир аст. Бунёди системаи интихоб ва тайёр намудани маъмурон, ки дар худ тамоми таҷрибаҳои мувофиқро алоқаманд менамояд, имконият медиҳад, ки вазифаҳо иҷро гардонанд, пешравии назаррасро дар соҳаи идоракунӣ таъмин гардонанд.

Чунин муносибатҳо дар алоқамандӣ бо вазъияти система ва зерсистемаҳои дигари ҷомеа амал менамоянд. Онҳо ба якдигар таъсир расонида, ба инкишофи ҷомеа мусоидат менамоянд. Унсури асосӣ, ки аз он интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, тайёр намудани хизматчиёни давлатӣ вобаста аст, таҳияи сиёсати давлатӣ, махсусан сиёсати соҳавӣ буда, эҳтимолияти инкишофи мутаносиби онро ба эътибор гирифта, махсусият ва хусусиятҳои тайёр намудан ва истифодаи мутахассисонро барои татбиқи сатҳи зарурии сиёсати давлатӣ истифода бояд намуд. Нисбати ҷалби хизматчиёни давлатӣ қайд намудан зарур аст, ки ба

гуногунии системаи интихоб нигоҳ накарда, асоси иҷтимоии табақаи болоии маъмурияти давлатӣ аз он, ки тамоми ҷомеаро фаро гирад, хеле дур аст.

Дар шароити имрӯза яке аз проблемаҳои муҳими сиёсати давлатиро проблемаи назорати фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ташкил менамояд. Қисми зиёди муҳаққиқони муосир қайд менамоянд, ки ҳалли проблемаи маъмурият на дар кӯшиши роҳ надодани маъмурон ба қабули қарор, балки дар таъминоти масъулиятнокии фаъолияти онҳо дар ин раванд аст.

Дар чунин ҳолат мафҳуми «масъулиятнокӣ» аз тарафи сиёсатшиносон дар ду маъно истифода карда мешавад: масъулиятнокӣ ҳамчун мутобиқат ба кодекси касбӣ ва масъулиятнокӣ дар назди мансабдорони интихобгардида.

Дар ҳолати якум, як қатор сиёсатмадарон қайд менамоянд, ки масъулияти сиёсии маъмуронро наметавон бо масъулияти расмии шахсони мансабдор рад намуд. К. Фридрих қайд менамояд, ки бояд ба масъулияти функсионалӣ ва касбӣ такя намуд, яъне мансабдорони давлатӣ, ки қобилияти дар фаъолияти худ меъёрҳои касбии дохилӣ ва кодекси касбиро риоя менамоянд, бояд интихоб ва тайёр карда шаванд.[1]

Дар ҳолати дуюм, Ч. Хайнеман қайд менамояд, ки ба он нигоҳ накарда, ки масъулияти маъмурон – ин омили беҳтарин аст, идоракунии мусоири давлатӣ бояд системаи масъулияти маъмуронро дар назди мансабдорони расмии интихобшуда бунёд намояд. Танҳо бо ҳамин роҳ метавон назорати амалкунандаи ҷамъиятиро аз болои сиёсати маъмурӣ муқаррар намуд. «Ҳукумат дар ҷомеа дорои ҳокимияти бузург аст ва амалҳои зиёди ҳукумат тариқи бюрократия амалӣ карда мешавад. Чунин одамон метавонанд, ки ҳам фоида ва ҳам зарар оранд. Консепсияи

[1] Ниг.: Князев С.Н. Управление: искусство, наука, практика [Текст] / С.Н. Князев. - Минск: Армита, 2002. – С. 89.

демократия талаб менамояд, ки бюрократия ба мақомоти интихобии ҳокимият ва мансабдорон тобеъ карда шавад».[1]

Системаи назорат аз болои фаъолияти маъмурияти давлатӣ хатман бояд роҳбарияти сиёсии ҳокимияти иҷроия, назорати амалкунандаи парламент, бунёди системаи судӣ, шаклҳои ғайрирасмии назоратро фарогир бошад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии маъмурияти давлатӣ самти ваколатнамоии як қатор вазифаҳои идоракунии давлатӣ ва маъмурияти давлатӣ ба агентиҳои мустақил ва ниммустақил мебошад. Ин самт дар қисми зиёди кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба назар мерасад. Маҳз дар кишварҳои аврупоӣ навовариҳо дар самти идоракунии давлатӣ паҳн карда мешаванд. Қариб тамоми ин навовариҳо, аз як тараф, ба назорати маъмурият ва бартараф намудани камбудиҳои бюрократии идоракунӣ, аз тарафи дигар, ба паст бурдани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии маъмурият равона карда шудаанд.

Воқеан ҳам, бо чунин восита дастгоҳи ягонаи бюрократӣ шикаста мешавад, ё ин ки мавҷудияти минбаъдаи он зери шубҳа гузошта мешавад. Вазорат воситаҳои буҷавиро, ки барои иҷроиши вазифаҳои оддитарини маъмурӣ ҷудо карда шудааст, тақсим менамояд. Чунин вазифаҳо бо танзими давлатӣ ва қабули қарорҳои ҳокимиятӣ, дар байни агентиҳо ба роҳ мондани озмунҳо алоқамандие надорад.

Ин имконият медиҳад, ки агентии беҳтаринро, ки шакли олитарини хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд, интихоб карда шавад. Бар замми ин, дар ҳолате ки агентии ғолибомада аз уҳдаи иҷроиши вазифаҳои худ баромада натавонад, ё ин ки маблағгузории иловагиро талаб менамояд, озмун аз нав гузаронида мешавад.  Озмунро метавон ба тариқи доимӣ гузаронид.

Дар чунин ҳолат вазорат дар симои давлат метавонад, ки ҳамчун мақомоти назоратӣ баромад намояд. Мубориза барои кам намудани

[1] Служебная карьера: Учебно-методическое пособие [Текст] // Под общ. ред. д. соц. н., проф. Е.В.Охотского. – М.: Экономика, 1998. – С. 145.

хароҷот, кам намудани воҳидҳои корӣ ва беҳтар намудани сифати кор барои агентие, ки дар озмун ғолиб омадааст, ба проблемаи асосӣ мубаддал мегардад. Ин барои агентӣ ҳамчун монеа баромад менамояд, зеро онро зарур аст, ки ба тариқи доимӣ фаъолияти худро дар тамоми самтҳо мукаммал гардонад.

Шаҳрвандоне, ки бо чунин агентиҳо рӯ ба рӯ мешаванд, метавонанд, ки ба бюрократизм фаъолона мубориза баранд, зеро мактуби онҳо ба вазорат имконият медиҳад, ки нисбати фаъолияти агентӣ санҷиш гузаронида шавад.

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки таъмини самаранокии маъмурияти давлатӣ бояд аз ҷиҳатҳои зерин иборат бошад:

- системаи интихоб ва тайёр намудани кадрҳо;

- системаи назорат аз болои фаъолияти маъмурияти давлатӣ;

- аз нав ҷалб намудани маъмурияти давлатӣ ва аз нав тақсим намудани вазифаи байни мақомоти давлатӣ ва агентиҳои мустақил.[1]

Бунёд ва амалӣ намудани барномаҳои мухталиф дар ин самтҳо, ки бо маҷмӯи санадҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд, имконият медиҳанд, ки кори самараноки маъмурияти давлатӣ таъмин карда шавад.

Дар чунин ҳолат омили асосӣ – интихоби дурусти стратегияи инкишоф ва муайян намудани характери хизмати амалдорони сиёсӣ дониста мешавад. Дар ин самт имконият ҳаст, ки аз якчанд консепсия истифода карда шавад:

- стратегия дар асоси консепсияи элита, ки ташаккули гурӯҳи алоҳидаи маъмурони олиро, ки дорои сифатҳои муайян ва маълумоти зарурӣ мебошанд, пешниҳод менамояд;

- тарҳҳо дар асоси масъулияти сиёсӣ, вақте ки таъиннамоӣ ва фаъолияти хизматчиёни олӣ зери назорати ҷиддии сиёсӣ ба роҳ монда мешавад;

---

[1] Ниг.: Государственная кадровая политика: Учебно-методическое пособие. [Текст] // Под ред. Шрубенко А.Г. -Минск, 2003. –С. 25.

- консепсияи менеҷмент, ки ба ташаккули гурӯҳи маъмурони давлатӣ, ки қобилияти идоракунии самараноки барномаҳо ва кори хизмати давлатии кишварро доранд, пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ аз чунин омилҳо, ба монанди сатҳи рушди ҷомеа, вазъияти фарҳанги сиёсӣ, анъанаҳои сиёсӣ, шаклҳои ҳукмрони дин, вазъияти мушаххаси таърихӣ, ҳатто шароити ҳудудиву географии кишвар вобаста аст. Албатта, байни низомҳои идоракунии давлатии аврупоӣ ва шарқӣ тафовути назаррас мушоҳида карда мешавад, ки бе шубҳа ба ташаккул ва инкишофи системаи идоракунии ин кишварҳо таъсири назаррас мерасонад.

Ҳатто дар кишварҳое, ки дорои шакли ягонаи сохтори давлатӣ мебошанд, дар низоми ҳокимият ва идоракунии онҳо тафовут ва дурравиҳо мушоҳида карда мешавад. Ҳамин тавр, дар ҳаёти воқеӣ низоми умумии сиёсати давлатӣ, на дар тарзи меъёрӣ, на дар тарзи амалнамоӣ ҷой надорад. Навъи мушаххаси ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ, асосан, аз рӯи хусусиятҳои режими сиёсӣ, инчунин дигар хусусиятҳои сохтори давлатӣ муайян карда мешаванд.

# БОБИ II. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НИЗОМИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## 1. Муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва таҳияву амалӣ намудани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯза ташаккули ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқӣ, рушди давлатӣ иҷтимоӣ, бунёди механизми муайяни идоракунии иҷтимоӣ, ки меҳвари онро идоракунии давлатӣ ташкил менамояд, аҳамияти хосаро касб намудааст. Ҷудо намудани вазифаи давлат ва ҷомеа, таъсири иқтисодиёти бозоргонӣ ба вазифаҳои давлат, талаботҳои ҷиддиро нисбат ба сифат ва вазъияти рушди давлат пешниҳод менамояд, ки бо ҷанбаи эмперикӣ, ба ҷанбаи фаъолии амалигардии вазифаҳои давлат алоқаманд аст. Бухрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва сиёсӣ боиси он мегардад, ки барои ҳалли масъалаҳо ва мустаҳкам намудани низоми танзими онҳо аз воситаҳои гуногун истифода гарданд ва низоми инкишофи мутаносиби ҷомеа бунёд шавад. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқон ва мутахассисон – идоракунандагон ба ҳодисаю падидаҳои мухталифи рушд муроҷиат менамоянд. Дар қатори чунин воситаҳо мақоми пешбарро раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии мувофиқ ва мутаносиб касб менамояд.

Аз ин хотир, проблемаи ташаккули низоми хосаи таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, ки самтҳои муҳимтарини инкишофи ҷомеаро мураттаб ва мушаххас мегардонад аҳамияти калони назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ дорад. Чунин гузориши масъала ҳам дар замони советӣ ва дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон рӯзмарра мебошад.

Дастгоҳи муосири мафҳумӣ барои назария ва амалияи сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон, ки моҳияти он дар муносибати нави илмӣ ба проблемаҳои идоракунӣ зоҳир мегардад, истисно нест.[1]

---

[1] Ниг.: Раззоқов Б.Х. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. [Матн] / Б.Х. Раззоқов. – Душанбе, 2007. - С. 27-31.

Дар Иттифоқи Шӯравӣ унсурҳои асосии сиёсати давлатӣ дар доираи идоракунии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва қисмҳои таркибии он – банақшагирӣ ва ояндабинии хоҷагии халқ, дар низоми донишҳои ҷомеашиносӣ махсусан, дар сатҳи назарияви ва инчунин дар соҳаи махсуси донишҳои ҳуқуқӣ – ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил ва хулосагирӣ мегардиданд. Албатта, соҳаҳои дигари донишҳо, махсусан, донишҳои иқтисодӣ низ ба масъалаҳои гуногни сиёсати давлатӣ муроҷиат менамуданд, аммо дар бештари ҳолатҳо онҳо чандон фаъол набуданд. Яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлатиро интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ташкил менамуданд. Раванди мазкур дар зери роҳбарии Ҳизби коммунистӣ ба амал бароварда мешуд.

Дар Иттифоқи Шуравӣ низоми идоракунии давлатии бунёдгардида дар асоси принсипҳои конститутсионализм, характери халқӣ доштани ҳокимият, ягонагии ҳокимият ва идоракунии шӯравӣ, ҳисоботдиҳӣ ба меҳнаткашон тариқи мақомотҳои назоратии ҳокимияти иҷроия ва бо волоияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор амалӣ мегардид. Масъалаи присипиалӣ ва муҳими ташаккули низоми ҳокимият ва сиёсати давлатӣ ва мақоми сохторҳои он ба таври пешакӣ дар анҷуманҳои ҳизбӣ, пленумҳои Комитети марказӣ, бюроҳои сиёсӣ ва ташкилии он, котибот, дар анҷумани шуроҳо, ки қарор қабул менамуданд, мавриди баррасӣ қарор дода мешуд.

Солҳои 50-уми асри XX ҳуқуқҳои конститутсионии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор васеъ гардид. Ҷумҳуриҳо ваколатҳои зиёди маъмуриву хоҷагидориро ба даст оварданд, махсусан ба ихтиёри ҷумҳуриҳо корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, қонунгузории судӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ дода шуд. Ба ваколати мақомотҳои олии шуравӣ танҳо ҳуқуқи муқаррар намудани асосҳо дар ҳалли масъалаҳои сохтори маъмуриву ҳудудии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нигоҳ дошта шуд. Дар натиҷа, дар бунёдиҳои ҳудудӣ ва милливу ҳудудӣ дигаргуниҳои назаррас ба миён омаданд.

Бо оғози раванди “бозсозӣ” ва сипас, пош хурдани Иттифоқи Шуравӣ дар қаламравӣ он давлатҳои нави тозаистиқлол, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтанд. Масъалаи ташаккул ва инкишофи низоми нави демократии сиёсати давлатӣ ба миён омад.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон дар як қатор бо амалӣ намудани дигаргуниҳои системавии иқтисодӣ ва сиёсӣ, самти ислоҳоти тамоми низоми идоракунии давлатиро пеша намуд, ки ба сиёсати давлатӣ асос меёфт. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи бунёди давлатдорини навин, ташаккули мақомоти нави давлатӣ ба миён омаданд. Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, ба таври либералӣ гузаштани фаъолияти хоҷагидорӣ ба мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ таъсири назаррас расониданд. Дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳот дар ҷумҳурӣ системаи сиёсати давлатӣ ташаккул ёфт, ки бо талаботҳои муосири иқтисодиёти бозоргонӣ мувофиқ буд. Дар доираи ин система ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифа ва ваколатҳо, инчунин уҳдадориву масъулиятҳо дар ҳалли масъалаҳои рушди ҳудудӣ ба сатҳи маҳаллии идоракунии давлатӣ вогузор карда шуд.

Бо гузашти вақти муайян ошкор карда шуд, ки низоми мавҷудаи сиёсати давлатӣ ба масъала ва проблемаҳои мавҷудаи ҳаёти ҷомеа пайвасти ногусастанӣ дошта, масъулияти гаронеро ба зимма мегирад. Аз ин хотир, зарурати объективии бозсозии тамоми механизми сиёсати давлатӣ, бунёди низоми нав, ки метавонад ба таҳдиди хатарҳои ҷойдошта ҷавобгӯ буда, равандҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии инкишофи ҷомеаро назорат менамояд, ба миён омад.

Дар давраи аввали инкишофи Тоҷикистон,  ки то қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) идома ёфтааст, кишвар ба низоми рушди мустақил давлатдорӣ гузаштааст. Хусусияти ин марҳила аз он иборат буд, ки системаи нави сиёсати давлатӣ бо муайян намудани самтҳои инкишоф ва татбиқи хоссаи он ба ташаккул ва инкишоф шурӯъ намуд. Аз ин хотир, дар ҷумҳурӣ принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои нави

таҳияи сиёсати давлатӣ ва раванди татбиқи он мавриди истифода қарор дода шуданд. Онҳо бояд ба ташаккул ва инкишофи давлатдории навин мусоидат менамуданд.

Аз аввал  дигаргуниҳои мураккаб ва душвор муайян гардида буд, ки муваффақият танҳо дар ҳолати бунёди низоми самараноки сиёсати давлатӣ дар тамоми сатҳҳо имконпазир аст. Дар чунин ҳолат муносибати тарафайни тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ бояд дар стретегияи умумимиллӣ, ки дорои мақсад ва вазифаҳои дақиқ аст, асос ёбад.

Аввалин санади муҳим, ки ба бунёди давлатдории навин имконият медод, қабули “Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон” ба ҳисоб мерафт, ки 24-уми августи соли 1990 дар Ичлосияи дуюми Шурои Олии ЧШС Точикистон (даъвати 12-ум) қабул карда шуд.[1] Маҳз бо ин ҳуҷҷати таърихӣ  қадами аввалини устувор ба самти бунёди давлату давлатдории навини миллӣ гузошта шуд. Қабули санади мазкур оғози раванди нави сиёсати давлатӣ, низоми таҳия ва татбиқи онро дар шароити номуайянниҳои зиёд ба шумор мерафт.

Дар моддаи 1-уми Эъломия мафҳуми истиқлолияти давлатӣ ҳамчун «ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ» сабт гардид.[2] Бо вуҷуди он, ки дар Эъломия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС ва дар доираи салоҳияти он тасаввур мешуд, бо вуҷуди ин андешаҳое баён гардиданд, ки моҳиятан ифодакунандаи давлати озоду мустақил буданд. Чунончи, ҳуқуқи чумҳурӣ ба сарватҳои миллӣ, замин ва боигариҳои зеризаминӣ, низоми бонкӣ, мустақилона муайян кардани сиёсати молия, қарз, нарх ва ғайра. Инчунин, ҳама ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои оммавӣ баробарҳуқуқ эълон

[1] Ниг.: Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон//Ведемостҳои Совети Олии Республикаи советии Сотсиалистии Тоҷикистон, 1990. - №15, мод. 236.

[2] Дар ҳамон ҷо.

шуданд. Бори нахуст дар санадҳои ватанӣ андешаи таҷзияи ҳокимият ба шохахои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ баён гардид.

Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991 қабул гардида, тавассути ин санад истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуд. Баъд аз ин, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарори махсус кабул кард, яъне изҳороти мазкур бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунӣ гардонида шуд. Худи ҳамон рӯз, яъне 9-уми сентябри соли 1991 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, истиқлолияти воқеии Тоҷикистон дар сатҳи меъёри конститутсионӣ расмӣ гардонида шуд. Муҳимтарин меъёрҳои ҳуқуқӣ Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади нахустини сиёсии давлати навини Тоҷикистон аз инҳо иборат буданд:

– ҳукмравоии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ҷумҳурӣ;

– моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудани ҳама корхонаву муассисаҳои давлатӣ, воситаҳои асосии истеҳсолӣ, муомилоти фондҳо ва дигар молумулк.

Лекин ҳодисаву воқеаҳои солҳои 90-ум, сипас ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба раванди ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ халал расонид. Дар давраи вазъи мураккаби сиёсӣ баъд аз доир гардидани Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 барои таҳкими ҳокимияти давлатию низоми идоракунии кишвар, муайян намудани самти раванди инкишофи ҷомеа дар солҳои минбаъда ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд омад.

Сардори давлат вобаста ба рушду таҳкими хизмати давлатӣ дар замони истиқлол дуруст қайд намудааст: «Хизмати давлатии навини Тоҷикистон зодаи замони истиқлолият мебошад, ки дар шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида марҳила ба марҳила нумӯъ ёфт».[1]

Дар марҳилаи дуюми ташаккули системаи давлатӣ ва таҳкими он, ки аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) ибтидо гирифта, то ноябри соли 1994-ро дар бар мегирад, шикасти минбаъдаи пояҳои давлатдории мо боздошта шуд ва институтҳои сиёсии давлат аз нав барқарору устувор гардида, фаъолияти пурсамари онҳо ба роҳ монда шуд. Дар ин давра ислоҳоти низоми давлатдорӣ пояҳои давлати мустақилро мустаҳкам намуд.[2]

Қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 барои бунёди низоми нави давлатдорӣ ва ба марҳилаи сеюми ташаккули низоми хоссаи идоракунии давлатӣ оғоз бахшид. Дар ин марҳила 13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул шуд, ки амалан низоми хизмати давлатии миллии Тоҷикистони соҳибистиқлоро поягузорӣ намуд.

Дар ҳамин давра дар ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаи муҳимтарине ба амал омад, ки шароит ва вазъияти мусоиди сиёсиро барои рушди Давлати Тоҷикистон ба миён овард ва воқеан, низоми давлатдориро такони пурзӯр бахшид. Он имзои Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон буд, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошта, ба бунёдкорию созандагӣ, ба ислоҳоти системаи сиёсии мамлакат роҳи васеъ кушод.

Барои таҳкими идоракунии давлатӣ дар заминаи сиёсати комили давлатӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешуданд. Яке аз чорабиниҳои муҳим, ки идоракунии сиёсии ҷомеаи тоҷикистониро таҳким ва такмил мебахшид, ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ буд. Аҳамияти пешрафти

[1] Бунёди давлатдории навин [Матн] - М.: Радуница, 2002. - С. 23.
[2] Ниг.: Ализода Б.П. Рушду такомули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. № 3. (23) – С. 17-24.

соҳаи мазкур дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии муваффақ аҳамияти муҳимро касб менамояд. Зеро хизматчиёни давлати барандагон ва субъекти асосии амалӣ намудани сиёсати давлатӣ мебошанд.

Пеш аз ҳама, бо мақсади ташаккули заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ моҳи ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул гардид.[1] Ин қонун барои ташаккул ва инкишофи минбаъдаи хизмати давлатии касбӣ дар ҷумҳурӣ замина ба вуҷуд овард. Бо мақсади рушд ва ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хизмати давлатии шаҳрвандӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки воқеан ҳам сохтори нав дар давлатдориии навини тоҷикон ба ҳисоб мерафт.

Ташаккули хизмати давлатӣ дар фаҳми муосири он бо таърихи навини давлатдории тоҷикон алоқаманд аст. Ба даст овардани истиқлолият, дар Тоҷикистон зарурати ислоҳоти сиёсати давлатӣ ва рушди хизмати давлатиро пеш овард. Дар шароити имрӯза дар ҷумҳури ташаккули хизмати давлатӣ идома дорад. Қайд намудан зарур аст, ки бо қабул намудани Конститутсия заминаи ҳуқуқии ташаккули хизмати давлатӣ таъмин гардид. Сипас, дар кишвар барои мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” қабул карда шуд, ки моҳиятан аҳамияти калони сиёсию маъмуриро касб менамуд.

Бо назардошти ташкили низоми муосири хизмати давлатӣ Агентии хизмати давлатӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба таври пайваста дар амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ саҳми сазовор пайдо менамояд.

Марҳилаи чоруми ислоҳоти системаи сиёсати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ моҳи сентябри соли 1999 шурӯъ гардид. Бо роҳи

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли1998, №678 (№22)

раъйпурсӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дохил карда шуд, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа нигаронида шуда буданд. Мувофиқи ин тағйирот дар Тоҷикистон ба бунёди парламенти касбии доимоамалкунандаи дупалатагӣ асос гузошта шуд. Ташкили парлумони касбӣ дар таҳкими давлатдории тоҷикон воқеаи муҳим ба шумор меравад.

Таҷриба нишон дод, ки мушкилоти асосӣ дар роҳи рушди сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нагардидани принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои маъмуле мебошад, ки дар ҷомеаи пешрафта мавриди истифода васеъ қарор гирифтаанд. Махсусан, хусусиятҳои давраи гузариши сиёсии мамкат аз як навъи идоракунӣ ва режими сиёсӣ ба идоракунии сифатан дигар ва режими сиёсии дигар ба инобат гирифта намешуданд.

Ҳангоми таҷдиди сохтори сиёсати давлатӣ ва низоми идоракунии давлатӣ ва аз шаклҳои кӯҳнаи идора ба шаклҳои нав гузаштан арзишҳои асосии сиёсати давлатӣ аҳамияти муҳим доранд. Зимни тағйироти сохторӣ ба раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва тайёр намудани кадрҳои идоракунӣ таваҷҷуҳи лозима дода намешуд, низоми ҳавасмандии идоракунандагон, низоми музди кор тағйироти ҷиддиро талаб мекард.

Дар ин давра Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2007 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон», аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» қабул гардиданд. Мақсади асосии қабули Консепсияи мазкур, татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақвияти рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, инчунин барои беҳбудии раванди

ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин тағйироти муҳим ба марҳилаи панҷуми ташаккул ва ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистон ибтидо гузоштанд.

Дар шароити имрӯза ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ идома дорад. Раванди ин ислоҳотҳо қисми таркиби табдил додани Тоҷикистон ба давлати рушдкарда ҳисобида мешавад. Илова бар ин, ислоҳоти мазкур ба баланд намудани самаранокии сиёсати давлатӣ дар тамоми сатҳҳо равона карда шудааст. Дар шароити имрӯза бунёди идоракунии касбии ва мустақили давлатӣ, ихтисос ва сифатҳои кории барандагони воқеии сиёсати давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи амалигардони сиёсати давлатӣ ва ташаккули системаи томи сиёсати давлатӣ, мукаммал намудани ҳамкории байни давлат ва унсурони мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаҳои асосие ба ҳисоб мераванд, ки диққати махсусро талаб менамоянд.

Низоми самараноки сиёсати давлатӣ барои таъмини шароити мувофиқ барои рушди мутаносиби ҷомеа, барои рушди бемайлони иқтисодиёт ва ҷомеа равона гардидааст. Маҳз чунин ҳолат метавонад, ки рақобати ҷумҳуриро дар сатҳи байналхалқӣ таъмин намояд, аз нуқтаи назари рушди иҷтимоӣ ва қадр намудани инсон диққатҷалбкунанда гардад.

Самтгириҳои рушди сиёсати давлатӣ дар “Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”[1] муайян карда шудаанд. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгӯиҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва бо мутобиқат ба ҳадафҳои дарозмӯҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар таҳия карда шудааст. Дар ин ҳуҷҷат қайд карда мешавад,

[1] Ниг.: Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 [Матн]. – Душанбе, 2016. – С. 33.

ки барои татбиқи ин афзалиятҳо нақши институтҳои ҳамоҳангсозӣ ва масъулияти давлат, бизнес ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бузург аст.[1] Фаъолияти ин муассисаҳо ба низоми миллии арзёбӣ ва пешбинии рушди оянда, вазифаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмӯҳлат ва мутобиқан ба нақшаҳои татбиқи онҳо асос меёбад.

Қайд намудан зарур аст, ки рушдиояндаи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз амал намудани низоми самараноки сиёсати давлатӣ вобаста аст. Низоми сиёсати давлатӣ бояд дар мутобиқати ратсионалии методҳои бевосита ва бавоситаи танзими равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ асос ёбад. Дар ин самт фаъолияти институтҳои давлатӣ бояд ҳисоботӣ бошад, зеро чунин ҳолат омили муҳими рушди саноатӣ ва инноватсионии кишвар ба ҳисоб меравад. Фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ, рушди минтақаҳои кишвар бояд принсипи бунёдии кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ бошад. Барои ин бояд неруи ниҳодҳои давлатӣ ва низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд тақвият дода шавад. Минбаъд таҳкими низоми судӣ, такмили раванди судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқи моликият, ҳимояи манфиатҳои давлат, таъмини қонуният ва адолат самтҳои муҳим барои рушду таҳкими давлатдории тоҷикон мебошанд.[2]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 зарурати таҳияи лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи хизмати давлатӣ», ки ба стандарти муосири хизмати давлатӣ мутобиқат мекунад. таъкид намуд.[3] Дар замони истиқлол бо мақсади рушду такомули хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар асоси меъёрҳои

[1] Ниг.: Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 [Матн]. – Душанбе, 2016. – С. 33.
[2] Ниг.: Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. [Текст] / –Душанбе, 2016. –С. 34.
[3] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2005

байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соли 2007, 2010 ва 2011 ба Қонуни мазкур, ки мавриди амал қарор дорад се маротиба тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳукуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. Яке аз масъалаҳои муҳими ҷолиб сохтани хизмати давлатӣ, ҷалби ҷавонон ва дар маҷмӯъ рақобатпазир сохтани соҳа, такмили низоми ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ мебошад.

Яке аз роҳҳои самараноки ҷалб намудани шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани ҷолибияти хизмати давлатӣ ин зиёд намудани музди маоши мансабӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин самт аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассир андешида мешавад.

Бо мақсади таъмини пайдарҳамӣ, ва муассири ҷараёни ислоҳот, тақвияти самтҳои ҳамоҳангшуда барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, инчунин бо мақсади иҷрои чораҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили низоми идоракунии давлатӣ Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 тасдиқ гардид. Санади мазкур ҳуҷҷати заминавие мебошад, ки нақшаи фаъолияти давлатро доир ба ислоҳоти идоракунии давлатӣ то соли 2015 муайян менамояд.

Инкишофёбии равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон, таҷдиди назар намудани вазъи сиёсӣ ва вазифаҳои мақомоти худидоракуниро дар ҷомеа тақозо менамояд. Чунки мақомоти худидоракунӣ дар симои ҷамоатҳо, моҳиятан қодир аст. Амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи поёнӣ дар ташакул ва рушд бояд бошад. Болоравии нуфузи он ва фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон нақши муҳимро мебозад.

Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва пешниҳод намудани

хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ нигаронида шудааст. Идоракунии давлатӣ, дар айни замон, ин бо роҳи қабул намудани санадҳои нави меъёрӣ, ё ин ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои амалкунанда амалӣ карда мешавад.

Ислоҳоти низоми идоркунии давлатӣ барои ташаккули устувори афзалияти рақобатпазир мусоидат менамояд. Воҳидҳои кории ташкилот, яъне, одамоне, ки дар он кор мекунанд, метавонанд хеле рақобатпазирии онро баланд бардоранд. Аммо қайд кардан ба маврид аст, ки барои ин зарур аст, ки тарзи тафаккури кормандони идоракунанда, муносибати онҳо ба қувваи кории ташкилот ва нуқтаи назари онҳо ба муносибатҳои миёни коллектив ба таври принсипиалӣ тағйир дода шавад.

Ба роҳбарон лозим аст, ки бо одамон кор кардан, нисбати онҳо чун ба ҳамкор муносибат карданро ёд гиранд, ба онҳо чун ба яке аз моддаҳои сарфшавандаи ташкилот, ки дар ҳолати зарурат паст бурдан ё сарфи назар кардан имкон дорад, муносибат накунанд. Роҳбарони соҳибистеъдод ба хубӣ дарк мекунанд, ки он далолате, ки ба нафъи шахсии онҳост, ба одамони дигар таъсири кам. ё умуман таъсир намерасонад. Танҳо ба хотири он, ки омиле, ки ба кори хуб ҳидоят мекунад, асло маънои онро надорад, ки ин дигар аъзои гурӯҳи кориро рӯҳбахшанда аст.

Аз ҳамин хотир, роҳбарони кордону ботаҷриба ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ҳар корманд дар ҷои кораш тамоми ҳунару истеъдодашро самаранок истифода барад. Барои ин чунин усулҳоеро бояд тарҳрезӣ кард, ки он талаботи ҳар як кормандро мушаххас қонеъ карда тавонад. Сармояи инсонӣ маҳаки рушди низоми амалигардонии сиёсати давлатӣ буда, идоракунии захираҳои инсонӣ дар идоракунии давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб намудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 –уми апрели соли 2008 қайд намуда буданд, ки “Сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака,

масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст.” [1]

Ин таваҷҷуҳ ва дастури сарвари давлат роҳнамои фаъолияти кормандони идоракунии давлатӣ буда, таконе барои тарбияи хизматчии давлатии соҳибкасб гардид. Имрӯҳо бояд барои рушди соҳаи гуногуни сиёсати давлатӣ роҳу василаҳои навро ҷустуҷӯ намоем ва на танҳо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки таҷрибаи собиқадорони кормандони идоракунии давлатиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳем.

Дар замони то соҳибистиқлолии давлатии мо, идоракунии давлатӣ, асосан таҳти роҳбарии Ҳизби коммунист қарор дошт. Сиёсати давлатии идоракуниро ҳизб пешниҳод менамуд. Низоми сиёсии онвақта аз низоми сиёсии имрӯзаи Тоҷикистон бисёр фарқи калон дошт. Пеш аз ҳама, дар соҳаи тайёркунии кадрҳо. Кадр дар мактабҳои махсус тарбия карда мешуд. Диққати бештар ва асосӣ ба аъзои ҳизби коммунист дода мешуд ва пас аз он ба тарбияи кадрҳои соҳаҳои дигар. Ҳар як ҷой ва мансаби идоракунӣ 5 то 7 нафар захираи кадрӣ дошт. Ҳалли ин масъала дар даврони мо низ хеле зарур ва саривақтӣ аст. Бисёр хуб аст, ки Донишкадаи такмили ихтисоси хихматчиёни давлатӣ ин вазифаро иҷро менамояд. Барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайриҳизбӣ шароитҳои якхела ба роҳ монда шудааст.

Имрӯзҳо дастовардҳои хубе дар самти идоракунии давлатӣ ба назар мерасад ва ба имзо расидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд дар ин самт тасдиқи гуфтаҳои болост. Ташкили семинар ва конференсияҳо, таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар магистратура, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо тариқи озмун ва ғайра. Аз ин хотир, хизматчии давлатӣ бояд ватанро дӯст дорад, боинсофу поквиҷдон, хирадманду бомаърифат, хушсухану боодоб бошад ва барои ободии кишвар заҳмат кашад. Зеро

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 25.04.2008 [Матн] / [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/195 (санаи мурочиат: )

ин гурӯҳи одамон обрӯ ва нуфузи давлату роҳбари онро баланд мебардоранд.

Ҳадафи асосии сиёсати давлатии мо он аст, ки мамлакати худро дар қатори пешрафтатарин мамлакатҳои ҷаҳон ҷой диҳем. Дар ин самт масъалаи асосӣ на танҳо дуруст муайян намудани сиёсати давлатӣ ва самтҳои муҳимтарини инкишофи он, балки дарёфти роҳу воситаҳои зарурии татбиқи самараноки он ба шумор меравад. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳеҷ кас сиёсатмадорони касбиро дар сатҳи зарурӣ бояд омода намуд ва онҳоро сарфакорона ва бамаврид истифода намуд.

Ӯро аз зинаҳои поёни таълим ва таҳсил дода, то ба камоли илму маърифат расонидан ҳамроҳӣ намудан лозим аст. Аз зинаҳои поён кадрҳои идоракунии давлатиро тарбия намуда, ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб намуда, барои болоравии касбии онҳо мусоидат намудан лозим аст. Кадрҳо на аз рӯи меъёрҳои маҳал ва хешу таборчигӣ, балки аз рӯи талабот, собиқаи хизмати давлатӣ, маҳорату малакаи роҳбарӣ ва меъёрҳои муқарраршуда ҷобаҷогузорӣ гарданд ва ба ин ё он мансаб таъин карда шаванд. Дар самти интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, бояд ҳеҷ гоҳ ба эҳсосот ва иштибоҳҳои дигар роҳ дода нашавад.

Дар идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дастовардҳо бешуморанд. Вале муҳимтаринашон ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардидани халқи мо мебошад. Дар ин давр асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои навъи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд.

Муҳимтарин аз ҳама артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, ҳифзи сарҳадоти давлат таҳти назорати онҳо қарор гирифт. Рушди устувори давлату давлатдорӣ, идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замина хушку холӣ ва фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз имкон берун буда, барои амалӣ намудани он вақт ва шароити муносиби

иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Аз ин рӯ, давлат ислоҳоти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодиро вазифаи асосии хеш эълон намудааст.

Мақсади асосии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва ҳукумат мебошад. Дар ҳамин асос ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ густариш пайдо намуда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ва саноатикунонии кишвар ҳамчун ҳадафҳои асосии стратегии сиёсати давлатӣ муайян карда шуданд. Дар ин раванд ҳам дар масъалаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тағйиротҳои гуногун ба вуҷуд омадааст (гузоштан ба шароити қонуниятҳои бозоргонӣ, хусусигардонии моликият, ташкили хоҷагиҳои хусусӣ-иҷоравӣ, коорперативӣ, деҳқонӣ, корхонаҳои саноати муштарак ва ғайра).

Дар идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ниҳодҳои гуногуни давлатӣ - Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси Миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Сарвазир, Вазоратҳо, Раиси Маҷлиси Миллӣ, Раиси Маҷлиси намояндагон, иҷлосия, маҷлисҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шаҳрак, ҷамоатӣ, шуроҳо ва комиссияҳои гуногун, вазирҳо, Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, ҷамоат, Суд ва Прокуратура ва ғайра ташаккул ёфта, сифатан дигаргун шудаанд ва рисолати муайянеро ба душ гирифтаанд. Ин ҳам бошад, такмили низом ва ташаккули идоракуни давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ислоҳоти низоми он мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати татбиқи минъбадаи ин ҳадафҳо ҳукумати кишвар азми қатъӣ дорад, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқдисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин тақвияти иқтидори содиротии кишвар, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии

аҳолӣ, беҳсозии вазъи бозори меҳнат ва рушди инсониро пайгирона ҳаллу фасл намояд. Дар асоси ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ низоми он ташаккул дода шуда, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ислоҳоти худидоракунии маҳаллӣ ба вуҷуд омада, он ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ таъсири калон расонид.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фазои мусоид ба вуҷуд омад, ки раванди ислоҳот ва рушди бонизоми иқтисодии миллӣ мунтазам идома ёфта, тадбирҳои андешидаи ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум бемайлон татбиқ карда шаванд. Мазмун ва моҳияти ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳам аз ин иборат мебошад.

Яке аз мақсадҳои асосии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар асосии сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама, дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, инчунин тадриҷан зиёд кардани андозаи маошу нафақаи аҳолии кишвар ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат мебошад.

Музди миёнаи як коргар дар кишвар соли 2011 нисбат ба соли 1997-ум 89 баробар зиёд гардида, ҳоло беш аз 440 сомониро ташкил медиҳад ва андозаи миёнаи нафақа 118 баробар афзудааст, сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат 30 фоиз паст шуда, вазъи иқтисодиву иҷтимоии зиёда аз ду миллион нафар сокини мамлакат беҳтар гардид. Дар 13 соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 109 млн. сомонӣ соли 1997, соли 2011 ба 8,3 млрд. сомонӣ расид, ки ин рақам нисбат ба зикршуда 76 баробар зиёд аст.[1]

Дар ин давра ҳукумат як силсила барномаҳои сармоягузории давлатиро таҳия ва қабул кард, ки дар онҳо ба соҳаҳои энергетика,

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20.04.2012 [Матн] / [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/1084 (санаи муроҷиат: )

нақлиёт, коммуникатсия, маориф, тандурустӣ ва кишоварзӣ афзалият дода шудааст.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, идоракунии сиёсӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъмини рушди соҳаи саноат буда, ҳоло истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 1997 беш аз 2,5 баробар афзоиш ёфта, пешрафти назарраси бахшҳои саноати сабук, металлургия, хӯрокворӣ, истеҳсоли таҷҳизот, саноати химия ва масолеҳи сохтмон ба даст омадааст.

Агар дар соли 1991 миқдори корхонаҳои хусусиву ғайридавлатӣ ҳамагӣ 2400 адад бошад, пас дар натиҷаи (ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ) амалишавии сиёсати дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ шумораи корхонаҳои хусусиву муштарак дар соли 2011 ба 18 680 адад расидааст, яъне қариб 8 баробар зиёд гардидааст. Танҳо дар 10 соли охир шумораи онҳо аз 10 600 то ба 18 680 зиёд гардидааст, беш аз 90 ҳазор ҷои корӣ таъсис гардида, имрӯз зиёда аз 40 фоизи маҳсулот дар бахши хусусӣ истеҳсол карда мешавад.

Дар натиҷаи ислоҳоти системи идоракунии давлатӣ барои бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ таваҷҷӯҳи бештар додем. Солҳои охир дар мамлакат зиёда аз 260 неругоҳи хурду миёнаи барқи обӣ, инчунин хатҳои баландшиддати интиқоли барқ бунёд гардида, шабакаи ягонаи энергетики мамлакат ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло корҳои сохтмону таҷдид дар иншооти азиму стратегии кишвар – нерӯгоҳҳои обии «Роғун», «Сангтӯда-2», инчунин неругоҳҳои хурду миёна дар ҳавзаи дарёҳои Вахшу Зарафшон ва Варзоб, аз ҷумла неругоҳи «Норак» босуръат идома доранд.

Бо мақсади таъмини рафтуомади доимии мардуми қисматҳои гуногуни кишварамон дар даврони истиқлолият як қатор шоҳроҳҳо (1700 км), нақбҳо (17 км), роҳҳои оҳан ва пулҳоро (100) сохта, мавриди истифодаи умум қарор додем. Рушди инфраструктураи нақлиёт ташкил карда шуд. Барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ мунтазам

саъю талош варзида 75 ҳазор гектар заминро ба мардум тақсим карда додем ва зиёда аз 1 млн. оилаҳо замини назди ҳовлигӣ ҷудо карда шуд.[1]

Бо беҳтар гардидани вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар, ки дар заминаи дастовардҳои саҳибистиқлолӣ ва роҳи расидан ба сулҳу осоиш ба вуҷуд омад, имкониятҳо барои қабули ислоҳотҳои куллии соҳавӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин буд, ки бо мақсади мутобиқ ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ инкишоф додани кори идораи давлат ва ҳамзамон ташаккул додани раванди низоми идоракунии давлат зарурияти тарҳрезӣ ва қабули ислохоти низоми идоракунии давлат ба миён омад.

Илова бар он вобаста ба вазъияти - таърихӣ - сиёсии аввали солҳои 90 – ӯми асри XX, ки дар кишварамон ҷанги шаҳрвандӣ рух дод дар бахши идоракунии давлатӣ шароитҳо барои мустаҳкам гардидани ҳокимияти марказӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар навбати худ ин ба он оварда расонид, ки нақши мақомотҳои худидораи маҳалӣ ва иштироки аҳолӣ дар қабули қарори сатҳи маҳаллӣ суст гардид.

Ҳамаи ин ва ба он алоқаманд шароитҳои мусоид барои қабули тадбирҳои ҷиддӣ баҳри ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ташкили низоми амалкунанда ва самарабахши идоракунии ҳамаи сатҳои ҳокимияти иҷроия ва худидораи маҳал оварда расонид. Бомуваффақият амалисозии ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ҳамчунин ба ислоҳотҳои куллии мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, худидораи маҳал ва мукамалсозии бахшҳои ҳокимияти қонунбарор ва судӣ низ вобастагии зич дошт.

Таҳлили низоми амалкунандаи идоракунии давлатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кишварамон як қатор масъалаҳое мавҷуд аст, ки раванди инкишофи муътадили ҷамъиятро нигоҳ медорад. Аз ҷумла, дар кишвар тарзи фаъолияти якҷояи сиёсати ягонаи давлатӣ, ки ифодагари ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти кори давлат бошад рӯи кор наомада буд, ки

[1] Ниг.: Раҳмон Э. Истиқлолият ифтихору номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад [Матн] // Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 20-солагии Истиқлолият. 8 сентябри соли 2011.

манфиатҳои иштирокчиёни раванди инкишофро ҳифз намояд ва ҳамчунин ҳамкориҳои байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо назардошти иқтисоди бозорӣ ба роҳ монад.

Мақомотҳои идоракунии ҳокимиятҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар раванди коркарди сиёсати миллии инкишоф иштирок намекарданд ва ҳамчун мақомоти иҷроияи сатҳи поён амал мекарданд. Бо назардошти ин ва масъалаҳои дигари раванди ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ зарурияти қабули Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад.

Яке аз вазифаҳои муҳими Стратегия аз таъсиси низоми самарабахши идоракунии давлатӣ иборат аст, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд. Шаш вазифаҳои ба ҳам алоқаманд имкон медиҳанд мақсадҳои асосиии стратегӣ ба даст оянд ва инҳоро дар бар мегиранд:

- баланд бардоштани самарабахшии идоракунии рушди миллӣ;

- беҳбуди идоракунии давлатӣ мутобиқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ;

- баланд бардоштани самарабахшии идоракунии молияви давлатӣ;

- таъсиси хадамоти муосир ва касбии хадамоти граждании давлатӣ;

- рушди идоракунии маъмурӣ ва ҳудудӣ;

- ташаккули худидоракунии маҳаллӣ, ки қодир аст ба аҳолии Тоҷикистон хизматрасонии хушсифатро фароҳам орад. Унсурҳои дигари муҳим ва асосии Стратегияи мазкур;

– аз муносибгардонии воҳидҳои маъмурӣ ва ҳудудӣ ва тақсимоти дақиқи ваколат ва уҳдадориҳо байни идораҳои марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иборат мебошад.

Мақсад ва ҳадафи асосии Стратегияи мазкурро Президенти кишвар дар “ҷорӣ намудани низоми самарабахш аз шаффофи идоракунии давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди

устувори иқтисодӣ”[1] дида буд, ки метавонад поягузори рушди устувор ва босуботи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар замони муосир бошад. Маҳз дар заминаи қабули ҳамин ҳуҷҷат имкониятҳо баҳри қабули дигар ҳуҷҷатҳои расмии дигар ба амал омад, ки барои инкишофи самарабахши раванди идоракунии давлат ва ислоҳотҳои куллии соҳаи идоракуни давлат мутобиқ ба шароитҳои демократикунонӣ ба вуҷуд омаданд.

Чуноне, ки 16 апрели соли 2012 таҳти рақами 828 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуд, ки Қонуни мазкур ҳамчун санади асосии низоми идоракунӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он дигар санадҳои ҳуқуқию соҳавӣ ба тавсиб расонида мешавад. Қонуни мазкур низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро танзим менамояд.

Тарафи дигари масъаларо низ бояд дар назар дошт, ки то он даме, ки мо муносибатро ба идоракунӣ тағйир надиҳем, дар ҳеҷ маврид наметавонем ба дараҷаи созмони шакл ва унсурҳои мадании давлатдорӣ ноил гардем. Зеро маҳз ташаккули ислоҳоти низоми идоракунии давлат дар ин маврид метавонад нақши пешбаранда бозида, дар маънии маърифатӣ ҷомеаро аз паси худ барад.

Ин ҳукмро таҷрибаи мамлакатҳои хориҷ бараъло собит месозанд. Расидан ба ин зинаи камолоти идоракунии давлатӣ кори доманадор аст, ки ибтидои ин амал бо қабули чунин нақшаҳои стратегӣ чун Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015 роҳандозӣ мегардад.

**Хулоса.** Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон дар як қатор бо амалӣ намудани дигаргуниҳои системавии иқтисодӣ ва сиёсӣ, самти ислоҳоти тамоми низоми идоракунии давлатиро пеша намуд. Дар натиҷаи бунёди давлатдорини навин, ташаккули мақомоти нави давлатӣ

[1]“Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ” Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 № 1713.

ба миён омаданд. Лекин раванди ташаккули низоми сиёсати давлатӣ бо оғоз гардидани ҷанги шаҳрванди халадор гардида, пас аз Иҷлосияи 16 Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд аз нав барқарор карда шуд.

Дар ин давра барои ташаккул ва инкишофи системаи сиёсати давлатӣ дар кишвар меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки барои таҳкими минбаъдаи низоми сиёсати давлатӣ мусоидат намуданд.

Дар шароити имрӯза ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ идома дорад. Раванди ин ислоҳотҳо қисми таркиби табдил додани Тоҷикистон ба давлати рушдкарда ҳисобида мешавад. Илова бар ин, ислоҳоти мазкур ба баланд намудани самаранокии сиёсати давлатӣ дар тамоми сатҳҳо равона карда шудааст.

Мақсади асосии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва ҳукумат мебошад. Дар ҳамин асос ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ густариш пайдо намуда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат муайян карда шуданд.

## 2. Мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Тоҷикистон

Дар ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ нақши омилҳои мухталиф бузург аст. Дар ин самт метавон сатҳи рушди иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сатҳи шуур ва маданияти сиёсӣ, таркиби элитаи сиёсии ҷомеаро махсусан қайд намуд. Яке аз омилҳои муҳим, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ нақш ва мақоми махсус дорад, институти сардори давлат мебошад.

Дар мамлакатҳои олами муосир сардори давлат вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва хусусиятҳои режими сиёсӣ вазифа ва салоҳиятҳои гуногунро касб намудааст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори давлат салоҳият ва ваколатҳои мухталиферо касб менамояд, ки дар раванди идоракунии ҷомеа нақши муҳим доранд. Салоҳият ва ваколатҳои президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, хусусиятҳои мухталифи консептуалӣ ва меъёриро касб намудаанд.[1]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сардори давлат сиёсати давлатиро муайян намуда, самтҳои инкишофи онро мушаххас гардонида, тартиби таҳия ва татбиқи амалии онро зери назорати доимӣ қарор медиҳад. Воситаи муҳимтарини муайян намудани сиёсати давлатӣ, самтҳои муайяни он, пеш аз ҳама, Паёмҳои ҳамасолаи президенти мамлакат ба шумор мераванд. Сардори давлат ҳама масъалаҳои инкишофи мамлакат таваҷҷуҳ намуда, чорабиниҳо ва барномаҳои муҳимтаринро пешниҳод менамояд. Чунончи, дар Паёми соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба муҳиммият ва рӯзмаррагии вазифаҳои инкишофи кишвар самтҳои асосии сиёсати давлатиро муайян намудааст, ки намунаи ибрати мардумсолорӣ ва рушди давлатдорӣ мебошад.[2]

Анъанаи ироа ва пешниҳоди Паём аз ҷониби Сарвари давлат бештар дар таҷрибаи кишварҳои низоми демократӣ, давлатҳои демократии классикӣ, дорои идоракунии ҷумҳурии президентӣ, парлумонӣ ва монархияи конститутсионӣ (ҳуқуқи монарх, ҳокими мутлақ тавассут ва ба воситаи конститутсия маҳдуд карда мешавад) бештар

[1] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. –Душанбе: Ганҷ, 2016.

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 24.02.2020)

маълум аст.[1] Таҳлил ва хулосагириҳо аз ин навъи муошировати сиёсӣ нишон медиҳанд, ки он таърихи тӯлонӣ дошта, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифта буд. Ҳамин тавр, агар дар Англияи асрҳои XIII дар ҷаласаи Парлумон «нутқи тахтии» шоҳ садо диҳад, аз аввали таъсиси ИМА он дар шакли суханронии Президент (1790) дар Конгресс, баъди пошхӯрии Иттифоқи Шуравӣ ва таъсиси кишварҳои соҳибистиқлол Паёми сардори давлатҳо ба вакилони парламент татбиқ мегардад. Дар ин раванд аксарияти сардорони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Президенти Федератсияи Россия, Президенти Украина, Президенти Белорус, Президенти Қазоқистон, Президенти Ӯзбекистон, Президенти Тоҷикистон, Президенти Қирғизистон, Президенти Гурҷистон, Президенти Арманистон, Президенти Озарбойҷон ва ғайра ба таври доимӣ ба шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намуда, асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро барои давраи муайян тарҳрезӣ менамоянд.[2]

Паёми Сарвари давлат аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, мутобиқи боби чаҳоруми он, ки «Президент» ном дошта, моддаи 69-уми он салоҳияти Президентро муайян менамояд ва банди аввали он Президентро дар муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар муваззаф менамояд, мутобиқи моддаи 70 бошад, Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад. Масъалаҳоеро, ки зарур мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи

[1] Ниг.: Набиев В., Сабуров Х., Шарипов Ш. Паём ва рисолати созандаи он. [Матн] / В.Набиев , Х.Сабуров, Ш. Шарипов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 3.

[2] Ниг.: Саидов Ш. Паём: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти сиёсии он [Матн] / Ш. Саидов // Паёми ормонҳои миллат. Мавод аз Конфронси илмӣ-назариявии вилоятии «Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол». – Хуҷанд, 2017. – С. 184.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.[1] Ҳамин тавр, Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ – парламенти доимоамалкунандаи мамлакат дар асосҳои легитимӣ ва қонунӣ сурат гирифта, он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва аз вазифа, ҳуқуқ, салоҳиятҳои конститутсионии сардори давлат тибқи қонуни асосии мамлакат сарчашма мегирад.

Дар муайян намудани сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии ташаккул ва инкишоф ва роҳу воситаҳои татбиқи он мақоми хоссаро институти сарварии сиёсӣ ташкил менамояд. Он на тарзи нави роҳбарӣ, балки тарзи ташкили ҳокимият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бо шуури сиёсии рушдкарда мебошад. Чунин ҷомеа таърихи тулонӣ надорад, дар баъзе кишварҳо давраи ташаккули он идома дорад, дар аксарияти кишварҳо ҳанӯз заминаҳои ташаккули он пайдо нашудааст. Маҳз дар ҷомеаи шаҳрвандӣ аъзои он ҳамчун иштирокчиёни раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ имконият доранд, ки бошуурона барои худ сарвари сиёсиро интихоб намоянд. Дар чунин ҳолат рафтори сарвар ҳамчун намунаи ибрат барои дигарон баррасӣ карда мешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки шарти ҳатмии сарварӣ доштани ҳокимият дар ташкилотҳои мухталифи расмӣ ва ғайрирасмӣ, ба монанди давлат, мақомот ва идораҳои давлатӣ, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ аст. Сарвар, чун қоида, ба гурӯҳи одамон, ки ба ӯ пайравӣ менамоянд, такя мекунад. Дар чунин ҳолат метавон оид ба такянамоии иҷтимоӣ, равонӣ, ҳиссиётиву эҳсосотӣ сухан ронд. Таҷрибаи таърихӣ ва амалӣ нишон медиҳад, ки сарварӣ аз рӯи табиат ва мазмуну мундариҷаи худ метавонад мухталиф бошад. Сарвари сиёсӣ ҳамчун шахсият ва ҳамчун падидаи ҷамъиятиву сиёсӣ маҳсули ҷомеа ба ҳисоб меравад ва дар тобеъияти як қатор қувваҳои иҷтимоиву сиёсӣ қарор дорад. Аз тарафи дигар, ҳамчун тағирдиҳандаи

[1] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 42.

ҷомеа баромад менамояд, инкишоф ё шикасти ҷомеа аз бисёр ҷиҳат аз рафтори ӯ вобаста аст.

Ташхиси хусусиятҳо ва мазмуну мундариҷаи сарвари сиёсӣ имконият медиҳад, ки зарурат, қобилият ва имкониятҳои сарвар дар иҷрои вазифаҳои ба ӯ вогузошташуда ошкор карда шаванд. Бояд қайд намоем, ки мавҷудияти сифатҳои махсуси сарварӣ ба иҷро гардидани вазифаҳои он мусоидат менамоянд. Маҳз, аз ҳамин хотир ташхиси ҳаматарафаи сифатҳои сарвар дар самти бадасторӣ ва нигоҳ доштани обруву эътибор ва дар самти инкишофи минбаъдаи ҷомеа мақсаднок ҳисобида мешавад.

Яке аз хусусиятҳои фардии сарварии сиёсӣ қобилияти ошкор намудани масъалаҳо, роҳу воситаҳои ҳалли онҳо ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он муносибати одамон ба сарвар муайян карда мешавад. Илова бар ин хусусияти ин вазифаҳо ба рафтори худи сарвар таъсири назаррас мерасонанд, зеро ӯ дар асоси сифатҳои махсуси худ ба ошкор ва ҳалли масъалаҳо рӯй меорад. Дар ҳалли як қатор масъалаҳо сарвар аз қувваи ирода истифода менамояд, дар баъзе ҳолатҳои дигар ба ризоият ва компромисс рӯй меорад, ки зуҳуроти касбияти сарварро нишон медиҳад.

Мафҳуми «сарварӣ» ба тариқи гуногун тасниф карда мешавад. Ба хотири таҳлили масъалаҳои мухталифи доираи сарвар ва сарварӣ зарур аст, ки таснифоти мувофиқ ба таҳқиқоти мазкур баррасӣ карда шавад. Дар луғат ва қобусномаҳо муайяннамоии сарварӣ чунин пешниҳод карда шудааст: «Сарварӣ яке аз ташкилотҳои қадима ва умумии инсоният ба ҳисоб меравад, ки бо кӯшишҳо меъёрҳои рафтори иҷтимоии фардҳоро бо намунаи пешниҳодшудаи авторитарӣ мувофиқ менамояд».[1]

Масъалаҳои мухталифи доираи сарвариро баррасӣ намуда, метавон қайд намуд, ки «сарварӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун падидаи умумӣ баромад менамояд. Он дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мушоҳида

[1] Краткий энциклопедический словарь. Справочных. [Текст] - Ростов-на-Дону: Изд-во «Феникс», 1997. – С. 247.

карда мешавад: дар соҳаи соҳибкорӣ, дар фаъолияти ҳизбӣ, дар мақомотҳои давлатӣ ва созмону ташкилотҳои ғайрирасмӣ, дар амалҳои оммавӣ. Қайд намудан зарур аст, ки дар байни тамоми зуҳуроти худ, ошкор намудани моҳияти он дар илми сиёсӣ мақоми махсусро касб намудааст».[1]

Дар асоси чунин таснифоти мафҳуми «сарварӣ» метавон қайд намуд, ки сарварии сиёсӣ як навъ таъсиррасонии сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки як фард дигар одамонро бо мақсади ташкил намудани фаъолияти якҷоя ва амалӣ намудани он ташкил ва равона менамояд.

Моҳиятан ва аз рӯи шакл, сарварии сиёсии падидаи ҳокимият аст. Сарварӣ – ин ҳокимият аст, зеро он дар қобилияти як ё якчанд нафар, ки дар «қулла» ҷой гирифтаанд, дар маҷбур намудани дигарон барои иҷроиши амали мусбӣ ё манфӣ зоҳир мегардад. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки на ҳар як навъи ҳокимият сарварӣ ба ҳисоб меравад. Сарварӣ ҳокимияте ба ҳисоб меравад, ки «аз боло ба поён» амалӣ мешавад.

Дар ошкор намудани усулҳо ва сохторҳо, ки ба самаранокии фаъолияти сарвар мусоидат менамоянд, як қатор мушкилиҳо ба миён меоянд. Ин сохторҳо, дар аввал, муқарророти қонунӣ ва конститутсионии сарварро дар бар мегиранд. Лекин, на ҳама сарварон мавқеи муайяни конститутсиониро ишғол менамоянд. Чунин сарварон метавонанд, ки дар натиҷаи таҳаввулот ё дар заминаи вазъияти шиддатнок ҳокимиятро ба даст оранд.

Илова бар ин, ҳатто сарвароне, ки мавқеи онҳо бо қонунгузорӣ ва конститутсия мустаҳкам гардидааст, як қатор унсурҳои ҳокимияти худро дар асоси урфу одат, анъанаҳо ва ҳолатҳои муҳим ба даст овардаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мавқеи сарвар дар бисёр ҳолатҳо ба ошкор намудани навъи ҳокимияти сарвар мусоидат менамояд, лекин қайд намудан зарур аст, ки дар чунин ҳолат оид ба муайяннамоии умумии ҳокимияти сарвар сухан меравад.

---

[1] Политология. [Текст] - М.: Юнити-ДАНА. -2000. - С.119.

Масъала аз он ҷиҳат мураккаб мегардад, ки мавқеи сарвар метавонад устувор гардад, ё баръакс ба заиф гардидани ҳокимияти сарвар оварда расонад. Заиф гардидани ҳокимияти сарвар, пеш аз ҳама, аз конститусия ва қонунҳо, аз урфу одатҳо ба миён меояд.

Ҳокимияти сарварони сиёсии харизматикӣ дар сифатҳои фардии ғайримуқаррарӣ зоҳир мегардад, ки онро М. Вебер «харизма» номидааст.[1] Ин сифат мазмуну мундариҷаи дақиқ муайяншуда нест, лекин барои тарафдорон мехоҳанд, ки ба чунин сарвар ҳокимиятро диҳанд, кифоя аст. Сарвари харизмтикӣ ҳуқуқ ба ҳокимиятро дар худ нигоҳ медорад, ки ӯро нисбат ба сохтори мавҷуда мустақил гардонида, имконият медиҳад, то ки амалҳое пеш гирифта шаванд, ки аз доираи муқаррар намудани ҷомеа берун мегардад. Маҳз аз ҳамин хотир сарвари харизматикӣ ҳамчун навовар ва ислоҳотчии ҷомеа баромад менамояд.

Лекин мухолифони доктринаи сарварии харизматикӣ қайд менамоянд, ки ҳеҷ як сарвар наметавонад, ки новобаста аз муҳити беруна амал намояд, зеро муваффақиятҳои ӯ аз дастгириҳои тарафдорони ӯ вобаста мебошанд. Барои М. Вебер харизма ин «сифати шахсият аст, ки ғайримуқаррарӣ эътироф карда мешавад ва ҳамчун истеъдоди фавқултабиӣ, фавқулинсонӣ баррасӣ карда мешавад, ки барои дигарон дастнорас аст».[2]

Мувофиқи консепсияи нисбатан паҳнгардидаи сарварии сиёсӣ рафтори сарвар натиҷаи амалҳои сарвар ва вазъияти объективӣ ба ҳисоб меравад. Аҳамият ва нақши вазъият, асосан дар заминаи се омили ба якдигар алоқманд муайян карда мешавад: вазъият ба ташаккули шахсияти сарвар таъсир мерасонад; вазъият дар назди сарвар проблемаҳоро пеш мегузорад; вазъият шароитеро пеш мегузорад, ки дар он сарвар масъалаҳоро ҳал менамояд. Лекин, ба ҳар ҳол қайд намудан зарур аст, ки сарвар беҳамто аст, шахсияти ӯ ба тариқи ҳатмӣ дорои

[1] Ниг.: Россия: опыт национально – государственной идеологии. [Текст] / /Под ред. В. В. Ильина. – И.: Изд-во МГУ, 1994. – С. 54.

[2] Вебер М. Харизматическое господство. [Текст] // Социологические исследования. – 1988. – № 5. – С.-139.

унсури мустақил аст, ки ҷавоби мухталифи ӯро дар шароити тағйирёбанда муайян менамояд.

Дар доираи ташхиси интерактивӣ кӯшиш карда мешавад, ки тамоми омилҳои ташаккул ва рафтори сарварии сиёсӣ ба инобат гирифта шаванд. Илова бар ин, шахсияти сарвар новобаста аз баҳогузории манфӣ ва мусбӣ ба тариқи маҷмӯавӣ таҳқиқ карда шавад.

Дар давраи антиқа таълимотҳо дар бораи сарварии сиёсии ба сифатҳои шахсии подшоҳон ва сарлашкарон такя менамуд. Амалияи фаъолияти чунин шахсиятҳо сарчашмаи асосии ташаккули таълимотҳои сиёсӣ оиди сарварии сиёсии мегардид. Таърихнигорон ва файласуфони антиқа, ба монанди Геродот ва Плутарх ҳокимони давлатиро ҳамчун бунёдгарони таърих баррасӣ менамуданд. Мувофиқи ақидаи онҳо, самти ҳодисаву падидаҳо дар раванди инкишофи ҷомеа маҳз аз рафтори ҳокимон ва сарлашкарон вобаста буд.[1]

Қайд намудан зарур аст, ки афкори онҳо ба тавлиди назарияи сиёсӣ, ки дар он шаклҳои сиёсиву ташкилнамоӣ ва конститутсиониву ҳуқуқии таъмини сохтори сиёси ғоявӣ мусоидат намудааст. Ба ақидаи файласуфон ҳалли ин масъала ба сарварони сиёсӣ тааллуқ дорад ва аз ин хотир масъалаи «ҳокими ғоявӣ» яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамуд.

Умуман, дар давраи антиқа дар баррасии ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ ба омили шахсӣ диққати махсус равона карда мешуд, ки аз воқеияти ҷойдошта бармеомад. Аввалан, дар доираи низоми ташаккулёфта ба ҳоким ва император ҳокимияти бемаҳдуд пешниҳод карда мешуд, ки бо роҳҳои қонунӣ назорат ва идора намудани он ғайриимкон буд. Шахсияти ҳоким ва император дар чунин ҳолат нақши ҳалкунанда дошт ва тамоми раванду ҳодисаҳои сиёсӣ дар ҷомеа аз ӯ вобаста буд. Дуюм, идеологияи ҷамъиятӣ дар асоси сатҳи пасти шуури сиёсӣ ба нақш ва

[1] Ниг.: Геродот. История в девяти книгах [Текст] / Геродот– Л. 1972; Плутарх. Избранные жизнеописания: В 2 т. [Текст] / Плутарх–М., 1987. – Т. 2.

мақоми шахсияти ҳоким ва таъсири ӯ ба ҳаёти ҷомеа аҳамияти махсус равона менамуд.

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, метавон қайд намуд, ки яке аз бартариҳои асосии сарварӣ ба ҷомеаи олӣ тааллуқ доштан буд, ки бадтар тағйир ёфт. Гарчанде, ки ҳеҷ яке аз ҳокимиони Рим ба табақаҳои поёнии ҷомеа тааллуқ надошт, вале баъзе аз онҳо дар зинаи баландтарини элитаи ҳукмрон ҷой надоштанд. Мавқеи довталабон ба сарварии сиёсии аз маъруфияти низомиву ҳарбӣ вобаста буд, ки дар чунин ҳолат аз услуби «омад, дид ва ғолиб омад» истифода карда мешуд. Инчунин маъруфият дар байни мардум, қобилияти пешниҳод ва амалӣ намудани барномаҳои сиёсӣ нисбати мустаҳкам ва устувор намудани сохтори сиёсӣ ба мавқеи сарварони сиёсӣ дар байни оммаи мардум таъсири назаррас мерасониданд. Вазифаи маънавии сарварони сиёсӣ аз хизмат ба давлат ва ғамхорӣ нисбати шаҳрвандон иборат буд.

Ҳамин тариқ, дар давраи антиқа, мутафаккирон тамоми масъалаҳои сиёсиро дар алоқамандӣ бо амалҳо ва фаъолияти ҳокимон баррасӣ менамуданд. Хусусият ва самтҳои асосии равандҳои ҷамъиятиву сиёсӣ маҳз аз тарзи муносибати ҳокимон - сарварон вобаста буд. Дар ин давра ташаккули таълимоти сарварии сиёсии ба тасаввуроти қаҳрамониву ватандустӣ ва маънавиёт такя менамуд.

Дар давраи асримиёнагӣ таълимоти қаҳрамонии сарварии сиёсӣ мавқеи худро аз даст медиҳад ва ба ҷои он сарчашмаи сокралии ташаккули ҳокимияти сарварии сиёсӣ (худомарказ) пайдо мешавад. Чунин нуқтаи назар хоси бунёдгарони назарияи сиёсии насрония А. Августин ва Ф. Аквинагӣ мебошад. Мувофиқи таълимоти онҳо давлат қисми режим универсалӣ аст, ки бунёдгар ва ҳокими он Худо ҳисобида мешавад.

Мутафаккирони форсу тоҷик низ оид ба масъалаҳои сарварӣ таълимотҳои ҷолибро пешниҳод намудаанд. Яке аз мутаффакирони асримиёнагии форсу тоҷик, ки бештар ба масъалаҳои сарварӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст Ғазолӣ мебошад.

Чунин таҳқиқот бояд дар асоси маводи амалӣ ташхиси мутобиқати мафҳуми сарварӣ, ошкор намудани алоқаҳои байни таснифоти гуногуни сарвариро фарогир бошад. Аз ин рӯ, ташхиси омилҳои асосии ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсӣ дар Тоҷикистон дар давраи гузариш, муайян намудани сарҳадот ва алоқаи байни навъҳои мухталифи сарварии сиёсӣ, нақш ва мақоми тарафдорон дар ташаккули инкишофи сарварии сиёсӣ аҳамияти илмиро касб менамоянд.

Дар аксарияти кишварҳо сарварии сиёсии унсури муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати пайваст намудани сиёсат ба бандубасти он, ки барои шаҳрвандон нисбатан дақиқ зоҳир мегардад, чунин бандубаст сарварони сиёсии умумимиллии ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравaнд. Сарвари сиёсӣ унсури эътирофгардида, универсалии ҳаёти сиёсӣ аст. Муҳаққиқ Р. Стогдилл қайд менамояд, ки «падидаи сарварӣ дар як доираи аҳолӣ – донишҷӯён, ҳарбиён, соҳибкорон ҳаматарафа омӯхта мешуд, лекин дар дигар доираҳо – сиёсат, сарварии коргарӣ, сарварии ҷаҳони ҷиноятӣ нисбатан ба фаромӯшӣ гузошта шуда буд».[1]

Муҳаққиқ Б.Д. Паригин хусусиятҳои асосии фарққунандаи сарвар ва роҳбарро ҷудо намуд, ки ба тариқи расмӣ дар доираҳои илмии шӯравӣ қабул карда шуд. Ӯ чунин хусусиятҳоро ҷудо намуд:

- сарвар танзими муносибатҳои байнишахсиро дар гурӯҳ амалӣ менамояд, роҳбар бошад муносибатҳои расмиро дар гурӯҳ ҳамчун як навъ ташкилоти иҷтимоӣ пешниҳод менамояд;

- сарварӣ дар шароити муҳити хурд, яъне соҳаи фаъолияти ӯ асосан гурӯҳи хурд ба ҳисоб меравад, роҳбарӣ унсури муҳити калон ва васеъ аст, ки соҳаи фаъолияти ӯ низоми нисбатан васеи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад;

[1] Stogdill R.M. Handbook of Leadership: A Survey of Theory and Research. [Text] / Stogdill R.M. - N.Y., 1974. - P. 5.

- сарвари ба тариқи стихиявӣ, дар натиҷаи фаъолияти аъзоёни гурӯҳ пайдо мешавад, таъин гардидани роҳбар аз тарафи сохторҳои болоӣ стихиявӣ ҳисобида намешавад;

- дар фарқият аз роҳбарӣ, сарварӣ камтар устувор аст ва аз бисёр ҷиҳат аз рӯҳия ва ҳолати гурӯҳ вобаста аст;

- роҳбарӣ ба тобеъон дар асоси низоми муайяни муҷозоти мухталиф таъмин карда мешавад, ки сарвар онро дар даст надорад;

- раванди қабули қарор аз тарафи роҳбар мураккаб буда, аз вазъият ва шароити мухталиф вобаста аст, сарвар бошад, бевосита худ қарор қабул менамояд.[1]

Метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки дар равоншиносии иҷтимоии шӯравӣ мафҳуми «сарварӣ» бо муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳҳои хурд, бо фаъолияти дохилигурӯҳӣ ва бо равандҳои стихиявӣ алоқаманд буд. Диққати асосӣ ба мухолифати сарварӣ ва роҳбарӣ, ба хусусияти стихиявӣ, табиӣ, озод ва ғайрирасмии сарварӣ ва оғози расмии роҳбарӣ равона карда мешуд. Чунин мешуморем, ки на ҳама ҷиҳатҳои чунин ташхиси роҳбарӣ ва сарварӣ дар шароити имрӯза ба амалия мувофиқ меояд.

Дар оғози солҳои 80-ум дар натиҷаи тадқиқотҳои амалии Е.С.Кузьмин, И.П.Волков ва Ю.И.Емельянов алоқа ва таъсири тарафайни равандҳои сарварӣ ва роҳбарӣ, инчунин вобастагии самаранокии гурӯҳро аз қабул гардидани ё қабул нагардидани роҳбар ҳамчун сарвар ошкор намуданд.[2] Дарки сарварӣ ҳамчун падида, ки танҳо ба гурӯҳҳои хурд хос аст, дар асоси мавқеи назариявии тадқиқотчӣ, формоишҳои идеологӣ ва сиёсӣ ба миён омада буд. Дар давоми чандин даҳсолаҳо роҳбарони кишвар ба мансаб таъин карда мешуданд, раванди мураккаби интихоботро, ки хоси падидаи сарварӣ аст, паси сар намекарданд.

---

[1] Ниг.: Парыгин Б.Д. Основы социально-психологической теории. [Текст] / Б.Д. Парыгин. – М., 1971. –С. 48.

[2] Ниг.: Кузьмин Е.С., Волков И.П., Емельянов Ю.И. Руководитель и коллектив. Социально-психологический очерк. [Текст] / Е.С. Кузьмин, И.П. Волков, Ю.И.Емельянов. -Ленинград, 1974. –С. 145.

Дар давраи шӯравӣ муносибати фаъолиятии А.Н. Леоентев ҳамчун асоси омӯзиши масъалаи сарварӣ истифода карда мешуд. Мувофиқи ин муносибат муайянкунандаи асосии раванди сарварӣ мақсад ва вазифаҳои сарвар ҳисобида мешуд, ки ташаккули сарвар ва услуби нисбатан самараноки сарвариро дар гурӯҳи алоҳида муайян менамуд. Масъалаи сарвари сиёсӣ умуман мавриди баррасӣ қарор дода намешуд.[1]

Баъдтар бошад, намояндагони кӯҳнапарастон, ба фалсафаи идеалистӣ ва динӣ такя намуда, кушиш намудаанд, ки таснифоти индивидуалии раванди таърихиро барқарор намоянд. Онҳо ақида пешниҳод намудаанд, ки таърих натиҷаи бунёди шахсиятҳои қаҳрамон аст. Намояндагони машҳури назарияи волюнтаристии сарварӣ Т. Карлейль ва Р.У. Эмерсон ба ҳисоб меравconfigurationанд. «Дар ҳар як давраи алоҳидаи таърихи ҷаҳонӣ мо шахсияти бузургеро дарёфт менамоем, ки метавон ӯро наҷотдиҳанда, ва оташаке номем, ки аз ӯ оташи калон ба миён меояд. Таърихи ҷаҳон тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст ва он мувофиқи ибодати қаҳрамонҳо ба давраҳои алоҳида ҷудо карда мешавад». [2]

Ҳамин тариқ, таълимотҳои мухталифи сарварии сиёсӣ, ки дар давраҳои алоҳидаи инкишофи таърихӣ пешниҳод шудаанд, дар шароити имрӯза ҳамчун заминаи ташаккул ва инкишофи назарияҳои муосири сарварии сиёсӣ баромад менамоянд.

Назарияи асосии сарварӣ дар шароити имрӯза сабабият ва талаботи сарварӣ, табиати онро шарҳу эзоҳ дода, бештар хусусияти тавсифиро доро мебошанд. Ташхис ва баррасии назарияҳои муосири сарвар ва сарварӣ имконият медиҳанд, ки проблемаҳои асосии сарварӣ муайян карда шаванд.

Яке аз чунин назария хусусиятҳои сарвар ё «одами бузург» ба ҳисоб меравад, ки дар асоси сифатҳои фардии сарвар пешниҳод карда шудааст.

---

[1] Ниг. Абашкина Е.Б., Косолапова Ю.И. О теориях лидерства в современной политической психологии [Текст] // США: экономика, политика, идеология. 1993. № 4. - С. 13-21.

[2] Карлейль Т. Герои, почитание героев и героическое в истории. [Текст] // Карлейль Т. Теперь и прежде. – М.,1994. -С. 14.

Дар тадқиқотҳои ибтидоии поблемаҳои сарварӣ қайд карда мешуд, ки маҳз сифатҳои шахсӣ сарварро муайян намуда, дар шароити мухталиф мавқеи ӯро нигоҳ медоранд. Илова бар ин, як қатор назарияпардозони муосир зери таъсири ақидаву мавқеи Т. Карлейл ва Ф. Голтон қарор доранд. Т.Карлейл сарварро ҳамчун инсоне баррасӣ менамояд, ки дорои сифатҳои беҳамто буда, тасаввуроти одамонро ба ҳайрат меорад. Ф. Голтон бошад падидаи сарвариро дар асоси омилҳои меросӣ шарҳу эзоҳ додааст.

Ф.А.Фудз бошад, таъкид намудааст, ки шакл ва зуҳуроти ҳокимият аз қобилияти ҳокимон вобаста аст. Ҳокимон метавонанд, ки дар асоси хусусиятҳои табиӣ ба нафарони дигар таъсир расонанд. Ақидаронии худро идома дода, Ф.А.Фудз қайд менамояд, ки ҳоким мувофиқи имкониятҳои худ инкишофи миллатро муайян менамояд.[1] А.Уиггам бошад, бештар ба ҷиҳатҳои биологӣ диққат дода, қайд намудасст, ки синфи ҳукмрон аз ҳисоби насли авлодҳои аристократӣ ташаккул меёбад.[2] Ҷ. Дауд таъкид намудааст, ки дар ҳар як ҷомеа фардиятҳо аз якдигар бо қувва, қобилият ва маънавиёт фарқ мекунанд.[3]

Ҳамин тариқ, дар асоси ин таҳқиқотҳо ғояе ба миён омад, ки агар сарвар дорои сифатҳои фарққунанда бошад, пас зарур аст, ки имконияти муайян ва ҷудо намудани онҳо ҷой дошта бошад. Чунин ғоя боиси ташаккули назарияи хислатҳои сарвар гардидааст, ки муаллифони он раванди сарвариро бо зуҳуроти хислатҳои шахсият шарҳу эзоҳ медиҳанд.

Чунин мешуморем, ки албатта, дар ташаккул ва инкишофи сарварӣ, дар иҷро намудани вазифаҳои аввалиндараҷа барои сарвар дорои сифатҳои фарққунанда будан муҳим ва зарурӣ аст. Таҳлили амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки барои ташаккул ва инкишофи сарварӣ дар шароити имрӯза танҳо дорои сифатҳои фарққунанда будан кофӣ нест. Ба

[1] Ниг.: Woods F. A. The Influence of monarchs [Text] / F. A. Woods. - N.Y., 1913.-PP. 216.
[2] Ниг.: Wtggam A.E. The Biology of Leadersship [Text] / A.E. Wtggam // Business Leadership. N.Y., 1931. –P. 72.
[3] Ниг.: Dowd J. Control in Human Societies [Text] / J. Dowd. - N.Y., 1936. P. 184.

ҳар ҳол метавон қайд намуд, ки сифатҳои фарққунандаи шахсият яке аз заминаҳои ташаккул ва инкишофи сарвар ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар як гурӯҳ ё ҷомеа нафароне ҳастанд, ки умуман ба сарвар ва сарварӣ майлу рағбат надоранд ва аз онҳо дар ягон ҳолат сарвар ташаккул намеёбад. Лекин С. Клубек ва Б.Басс. қайд менамоянд, ки имконияти ташаккули сарвар аз ин шахсиятҳо ҷой дорад, танҳо зарур аст, ки хусуситятҳои характери онҳоро тариқи психотерапия тағйир диҳем.[1]

Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки барои сарварӣ, пеш аз ҳама, майлу хоҳиш зарур аст. Таҳқиқотҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки дар табиати ҳар як нафар кӯшиш ба ҳокимият ва ҳукмронӣ ҷой дорад. Илова бар ин зарур аст, ки барои сарварӣ шахсият ба худ бовар намояд ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар рафтори ӯ бераҳмиву шиддатнокӣ ҷой дошта бошанд.

Лекин В.Борг қайд менамояд, ки самтгирӣ ба ҳокимият на ҳамеша бо худбоварӣ алоқаман аст, омили бераҳмиву шиддатнокӣ дар рафтор дар аксарияти ҳолатҳо ба сарварӣ ба тариқи манфӣ таъсир мерасонанд.[2]

Масъалаи муҳиме, ки дар доираи назария хислатҳои сарвар баррасӣ карда мешавад, масъалаи мутобиқати хислатҳои шахсӣ ва сифатҳои сарвар ба ҳисоб меравад. Р. Стогдилл дар асоси таҳлили тадқиқотҳои мухталифи сарварӣ қайд намудааст, ки омӯзиши сифатҳои шахсии сарвар натиҷаҳои мухолифро додаанд. Лекин ба ин нигоҳ накарда, дар як қатор бо мавқеи иҷтимоӣ, ӯ як қатор хислатҳоро ҷудо намудааст, ки хоси сарвари сиёсӣ аст: ақлу хирад ва кӯшиш ба дониш, эътимодият, масъулиятнокӣ, фаъолнокӣ, иштироки иҷтимоӣ. Лекин, ин ақидаашро идома дода, қайд менамояд, ки дар вазъиятҳои мухталиф сарвароне, ки нисбатан самаранок амал менамоянд, сифатҳои мухталифро дар худ касб

---

[1] Ниг.: Klubech C., Bass B. Differential Effects of Training on Persons of Different Leadership Status [Text] / C. Klubech, B. Bass // Human Relations. 1954. – N. Y., -P. 59-72.

[2] Ниг.: Borg W. Prediction of Small Group Role Behavior from Personality Variables [Text] / W. Borg // Journal of Abnormal and Social Psychology. 1960. - N. Y., 60. -P. 112-116.

менамоянд, аз ин рӯ ӯ ба хулосае меояд, ки инсон танҳо дар асоси доро будани як қатор хусусиятҳои шахсӣ роҳбар намегарданд.[1]

Ҳамин тариқ, назарияи хислатҳои шахсиву вазъиятӣ, ба тариқи умумӣ масъалаҳои ташаккул ва инкишофи сарвариро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Аксарияти таҳқиқотчиёни муосир ба раванди сарварӣ таъсири ду ҷиҳати асосиро эътироф менамоянд:

- хислатҳои шахсии худи сарвар, ки ҷиҳатҳои зеринро фаро мегирад: сатҳи масъулиятнокии сарвар ҳамчун корманд ва роҳбар; хусусиятҳо ва сарчашмаҳои асосии мотиватсияи рафтори сарвар. Қайд намудан зарур аст, ки ин ҷиҳатҳо дар ташаккули қабули сарвар аз ҷониби тарафдорон ва инчунин амали ҷавобии онҳо нисбат ба сарвар нақши муҳим доранд.

- ҷиҳатҳои гуногуни вазъият ба инобат гирифта мешавад: табиат ва моҳияти вазифаҳо; хусусиятҳои истифодаи захираҳои моддӣ ва инсонӣ; сифат ва сатҳи муносибати «сарвар-пайравон» ки ба имконият, мӯҳлат ва самаранокии ҳалли вазифаҳо таъсир мерасонад.

Нақш ва мақоми сарвари сиёсӣ дар низоми идоракунии давлат дар асоси мухолифатҳои заминавии инкишофи ҷамъиятӣ: хусусияти стихиявии равандҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошууронаи инсонӣ муайян карда мешавад. Навъҳои мухталифи сарварӣ, аз бисёр ҷиҳат дар асоси самтҳомигуногуни фаъолият ва доираи васеи ҳалли масъалаҳо шарҳу эзоҳ дода мешавад.

Ошкор намудани нақш ва мақоми сарварии сиёсӣ дар низоми сиёсати давлатӣ бо баррасии вазифаҳо, ки аз ҷониби сарвар иҷро карда мешавад, алоқаман аст. Дар байни вазифаҳои муҳим, ки аз тарафи сарвар иҷро мешаванд, метавон вазифаҳои зеринро махсусан ҷудо намуд:

- вазифаи ташхисӣ. Ташхиси ҳаматарафа ва дақиқи вазъияти мавҷуда, омӯзиши маҷмӯи омилҳои субъективӣ ва объективии ҳаёти сиёсӣ, яъне ба тариқи умумӣ доира ва сарҳадоти масъалаи мавҷударо ҳаматарафа ошкор менамояд.

[1] Ниг.: Stogdill R. Personal Factors Associated with Leadership: A Survey of Literature [Text] / R. Stogdill // Journal of Psychology. 1948. Vol.25. -P. 35-71.

- вазифаи коркарди барномаи мушаххаси фаъолият, асоснок намудани афзалиятҳои стратегӣ ва воситаҳои тактикии бадастории онҳо, яъне пас аз ошкор намудани масъала, сарвар роҳҳо ва воситаҳои ҳалли онро муайян намуда, қарор қабул менамояд;

- вазифаи сафарбарнамоӣ. Сафарбар намудан дар амалӣ намудани барнома ва мақсадҳои сиёсӣ, муттаҳид намудани тарафдорони худ ва саъйу кушиши қишрҳои мухталифи аҳолӣ, банақшагирии амалҳои сиёсӣ, танзим ва назорати чараёни дигаргуниҳо дар раванди инкишофи чомеа.

Таҳлили таърихии ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсӣ нишон медиҳад, ки тасодуфан низ бо тахмин намудани манфиатҳо метавон сарвар гардид. Ҳар чӣ қадаре, ки ҳаёти сиёсӣ ва ичтимоӣ мураккаб бошад, ҳар чӣ қадаре, ки дар чомеа тарҳи образҳои мухталиф, тарзи зиндагӣ чой дошта бошад, то ҳамон андоза тариқи тачассуми оммаи мардум дар ҳаёти сиёсӣ  ҳамчун сарвар ташаккул ёфтан ғайриимкон мегардад.

Бе дониши дақиқи сатҳи зиндагӣ, манфиати умумиятҳои мухталифи одамон, афкори чамъиятӣ даъво намудан ҳатто ба сиёсатмадори сатҳи маҳаллӣ мушкил ва мураккаб аст. Дар ҳолате, ки даъвогари сарварии сиёсӣ худро ба манфиатҳои гурӯҳи алоҳидаи ичтимоӣ шомил менамояд, ҳеч гоҳ ӯ ҳамчун сарвари сиёсии воқеӣ ташаккул намеёбад.

Барои ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар чомеаҳои тағйирпазир як қатор омилҳо ва заминаҳо заруранд. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, метавон чунин омилҳо ва заминаҳоро махсусан чудо намуд:

- сатҳи инкишофи иқтисодӣ ва саноатӣ дар тамоми мамлакат;

- сатҳи баланди инкишофи алоқаҳои оммавӣ;

- ба роҳ мондани иқтисодиёти бозоргонӣ ва рақобатӣ;

- сатҳи баланди некуаҳволии оммаи мардум;

- бартараф намудани мочароҳои ичтимоӣ, ба даст овардани ризоият дар чомеа;

- инкишофи гуногуншаклии ичтимоӣ;

- ташаккул ва инкишофи синфи миёна дар ҷомеа.

Илова бар ин, барои ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ сатҳи маънавии ҷомеа, фарҳанги сиёсии ҷомеа ҳамчун заминаи зарурӣ баромад менамояд. Фарҳанги сиёсӣ метавонад ҳамчун замина баромад намояд, ё ин ки дар раванди ташаккул ва инкишофи сарвар монеаҳо эҷод намояд. Ба тариқи умумӣ метавон қайд намуд, ки дар асоси менталитети сиёсӣ, дар давраи гузариш имконияти қабул ё рад намудани унсурҳои муайяни сохтори демократӣ, аз он ҷумла сарварии шакли нав ва муосир ба миён меояд.

Таҳлили омилҳо ва заминаҳои асосии ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ нишон медиҳад, ки ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар кишварҳои алоҳида дар асоси шароити мушаххаси таърихӣ ба миён меояд. Чунин ҳолат бо таҷрибаи амалии кишварҳои алоҳида тасдиқ карда мешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки аксарияти муҳаққиқони муосир услубҳои зерини сарвариро эътироф менамоянд:

- услуби авторитарӣ, ки бештар ба иҷроиши вазифаҳо равона карда шудааст;

- услуби демократӣ, ки ҳам ба иҷроиши вазифа ва ҳам ба муносибатҳои тарафайн бо пайравон равона карда шудааст;

- услуби либералӣ, ки ба муносибатҳои тарафайн бо дигар одамон равона карда шудааст.

Дар асоси омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи сарварӣ А.Залежник дар заминаи фаъолии сарвар се услуби сарвариро ҷудо намудааст:

- сатҳи олии фаъолӣ, ки ба тариқи ҳамешагӣ имконияти васеъ намудани доираи фаъолиятро ҷустуҷӯ менамояд;

- сатҳи миёнаи фаъолӣ, ки дигаргуниҳоро дар ҷомеа танҳо дар асоси таъсири омилҳои беруна амалӣ мемонад;

- сатҳи пасти фаъолӣ, ки устувории дохилӣ ва давлатиро нигоҳ медорад.[1]

Дар шароити имрӯза навъбандии ҳукмронии легитимии М.Вебер диққатҷалбкунанда аст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки саҳми М.Вебер дар ташхиси масъалаҳои сарварӣ пешниҳоди мафҳуми «харизма» ба ҳисоб меравад, ки дар радифи навъбандии ҳокимият пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи ин навъбандии ҳокимият, ҳокимияти анъанавӣ-патриархалӣ, ратсионаливу легалӣ, харизматикӣ ҷудо карда шудааст.

Пеш аз баррасии навъҳои ҳокимияти М. Вебер, зарур аст, ки як қатор шарҳу эзоҳот пешниҳод карда шавад:

- дар асару рисолаҳои худ М. Вебер назарияи ҳамаҷонибаи сарвариро пешниҳод накардааст. Ӯ вазифаи асосиро таҳқиқи ҳокимият медонад, зеро рафтори сарвар ва хусусиятҳои асосии он маҳз дар ҳамин радиф баррасӣ карда мешаванд;

- М.Вебер танҳо шаклҳои қонунӣ будани ҳукмронӣ ва ҳамон шароити ҷамъиятиро ташхис менамояд, ки навъҳои мухталифи он дар амалия тадбиқ карда мешаванд;

- се навъи ҷудогардидаи ҳукмрониро М.Вебер ба «навъҳои ғоявӣ» ворид менамояд. Барои М. Вебер навъи идеалӣ ҳамчун принсипи методологии дарки сотсиологӣ ва таърихӣ хизмат менаоянд.

Дар чунин ҳолат навъи ғоявӣ натиҷаи ҷамъбасти воқеияти амалӣ ба ҳисоб намеравад, дар аввал он ҳамчун тарҳи назариявӣ ё схема бунёд гардида, баъд бо воқеияти амалӣ мувофиқ карда мешавад. Метавон қайд намуд, ки «навъи ғоявии» М.Вебер ба тарҳҳои ғоявӣ, ки дар доираи илмҳои табии истифода карда мешавад, наздик аст.

Р. Арон таъкид намудааст, ки «таълимоти назариявии навъи ғоявӣ – ин таҷассуми кӯшиши тамоми илмҳо ба ҳисоб меравад, ки ба тасаввуроти илмии мавод дар шакли фаҳмо ва даркшуда равона гардида,

---

[1] Ниг.: Zaleznik A. Human Dilemmas of Leadership [Text] / A. Zaleznik. - N.Y., 1966. - P. 9.

дар ҳолатҳои зарурӣ аз сохтори фикрӣ аз маводи бешакл оғози ратсионалиро бунёд менамояд».[1]

Навъи якуми ҳукмронии қонунӣ – ҳукмронии анъанавӣ-патриархалӣ ба ҳисоб меравад, ки моҳияти он «обруву эътибори доимии кӯҳна» ба ҳисоб меравад. Обрӯю эътибори урфу одатҳо, ки дорои аҳамияти қадимӣ ва самтгирии аввалиндарача дар риояи онҳо моҳияти ҳукмронии анъанавӣ ба ҳисоб меравад. Ҳукмронии анъанавӣ аз тарафи патриарх ва подшоҳи патримоналии навъи кӯҳна амалӣ карда мешавад.[2]

Ҳукмронии анъанавӣ натанҳо дар эътиқоди қонунӣ будан, балки дар муқаддасоти тартибот ва ҳокимияти аз қадим мавҷудбуда асос меёбад. Навъи равшани чунин ҳукмронӣ – ҳукмронии патриархалӣ ба ҳисоб меравад, ки хоси ҷомеаҳои то давраи саноатӣ мебошад.

Навъи дуюм – навъи ратсионаливу харизматикӣ ба ҳисоб меравад, ки онро М. Вебер чунин баррасӣ намудааст: «ҳукмронӣ дар заминаи «қонуният», дар заминаи боварӣ ба ҳатмияти барқарор намудани қонуният ва «салоҳияти» корӣ, ки дар қоидаҳои ратсионалии бунёдгардида асос ёфтааст, ба ҳисоб меравад. Ба самтгирии тобеъият дар иҷроиши қоидаҳои муқарраргардида такя карда мешавад».[3]

Ба чунин навъи ҳукмронӣ М.Вебер давлатҳои саноатии рушдкардаро ворид намудааст, ки идоракунандагон ва идорашавандагон на ба шахсият, балки ба қоидаҳои муқарраргардида тобеъ мешаванд. Дастгоҳи идоракунӣ дар ин кишварҳо аз мансабдорони баланихтисос иборат аст, ки ба онҳо талаботи амал намудан дар доираи қоидаҳои расмӣ ва ратсионалӣ пешниҳод карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки барои М.Вебер мисоли ҳукмронии қонунӣ бюрократия ба ҳисоб меравад.

Навъи сеюми ҳукмронӣ – ҳукмронии харизматикӣ ба ҳисоб меравад. Харизма ин қобилияти фавқулода, сифати шахсият аст, ки ба ӯ тақдир ва табиат ба ӯ додааст, ки бо шарофати он аз дигар одамон ҷудо карда

[1] Арон Р. Этапы развития социологической мысли. [Текст] / Р.Арон. –М ., 1993. - С. 511.
[2] Ниг.: Вебер М. Избр. произвед. [Текст] / М.Вебер. –М., 1990. - С. 649.
[3] Дар ҳамон ҷо. - С. 647.

мешавад. Ин мафҳум дар тулии чандин асрҳо танҳо дар доираҳои динӣ истифода карда мешуд ва маҳз М.Вебер ба истифодаи оммавӣ он оғоз бахшидааст. Қайд намудан зарур аст, ки сиёсатшиносон ва сотсиологиҳои муосир, ба монанди А.Аптер, С.Хангтингтон ва дигарон дар истифодаи васеи консепсияи харизма саҳми арзанда доранд. Онҳо барои шарҳу эзоҳ додани равандҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳони сеюм аз ин консепсия васеъ истифода намудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки коенсепсияи харизматикии М.Вебер дар аксарияти ҳолатҳо барои шарҳу эзоҳ додани мавқеи сиёсатмадорони кишварҳои ҷаҳони сеюм мавриди истифода қарор дода мешавад. Обрӯю эътибори сарварони сиёсӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳони сеюм, дар доираи назария ва консепсияҳои дигари сарварӣ шарҳу эзоҳ дода намешавад, зеро чунин амал ғайриимкон аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба чунин истифодаи васеи консепсияи М. Вебер нигоҳ накарда, муносибати муҳаққиқон нисбат ба он ягона нест. Як қатор муҳаққиқон, ҳатто дар шароити имрӯза, бартариву камбудиҳои онро ошкор менамоянд.

Масалан, Ж.Блондел бартарӣ ва камбудиҳои назарияи М. Веберро баррасӣ намуда, чунин хулосабарорӣ менамояд:

- ба хотире, ки М.Вебер диққати асосиро ба сарчашмаи обрӯву эътибор равона менамояд, масъалаи фарқияти сарварон аз бисёр ҷиҳат ноаниқ боқӣ мемонад. М.Вебер воситаҳои асосии баланд бардоштани обрӯ ва эътибори сарварро, махсусан, дар доираи ҳукмронии харизматикӣ нишон намедиҳад;

- ҷудо намудани се навъи ҳукмронии легитимӣ характери абстрактӣ дорад. Мантиқан тасдиқ намудани мавҷудияти навъҳои идеалии ҳукмронӣ дуруст аст. Қайд намудан зарур аст, ки сарвар метавонад ҳокимияти худро аз анъанаҳои ҷамъиятӣ ва аз харизмаи худ пайдо менамояд. Ҳатто чунин ҳолат низ мешавад, ки сарвар дар як ҳолат ба тамоми «навъҳои ғоявии» ҳукмронӣ дохил мешавад. Шаклҳои муосири ҳукмронӣ дар асоси якҷоякунии ду ва ҳатто дар як қатор ҳолатҳо се

унсури ғоявӣ ташаккул меёбанд, ки дар натиҷа тарҳи пешниҳодж намудаи М.Вебер нисбатан ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад.

- нақшаи М.Вебер «ассиметрикӣ» ба ҳисоб меравад. Аз се унсури навъбандии М.Вебер, навъи анъанавӣ ва қонуниву ратсионалӣ алоқаи байни шаҳрвадон ва ҷомеаро ба роҳ мемонанд, ки дар сохтори иҷтимоӣ асос меёбад. Дар радифи навъи харизматикӣ бошад, сарвар ягона асоси алоқаманкунандаи шаҳрвандон ва ҷомеа баромад менамояд.[1]

Омӯзиш ва баррасии масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсӣ дар ҷомеаҳои дар ҳолати гузариш қарордошта, дарки илмии масъалаи мазкур дар шароити имрӯза аҳамияти муайяни илмӣ ва амалиро доро мебошад. Дар доираи ин масъала, сараввал зарур аст, ки асосҳо ва омилҳои асосии ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар ҷомеаи тағйирпазир муайян карда шавад.

Новобаста аз таҷрибаи ҳаётӣ ё ангезаҳо сарварони сиёсӣ бояд дорои як қатор сифатҳо бошанд, ки дар ташаккули низоми сиёсати давлатӣ ба онҳо кӯмак менамояд:

- дар ҳар як сарвар дар оғоз ё дар ҷараёни фаъолият бояд қобилияти стратегии равона намудани фаъолият ба ҷанбаи идоракунии ҳамаро фарогиранда ва мавқеи принсипиалӣ ба нафъи дигаргуниҳои осоишта ташаккул ёбад (дигаргуниҳои бошитоб ва зӯроварона қобили қабул нест);

- сарварони сиёсӣ бояд саъйу кӯшиши шаҳрвандон ва мустаҳкам намудани ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро нисбати ташаккул ва инкишофи низоми идоракунии демократӣ ҳаматарафа дастгирӣ намоянд;

- сарварони сиёсӣ заминаҳои дастгирии худро гуногун ва васеъ намуда, кӯшиш мекунанд, ки таъсири унсурҳои номатлубро ҳам дар дохили режим ва ҳам дар сафи оппозитсия заиф намоянд. Ба сарварони сиёсӣ зарур аст, ки манфиатҳо ва нуфузи марказҳои сершумори ҳокимият

[1] Блондель Ж. Политическое лидерство. Путь к всеобъемлющему анализу. [Текст] / Ж.Блондель. – М., 1990.

ва гурӯҳҳои манфиатдорро дарк кунанд ва бо ин васила роҳҳои компромисс ва танзими сиёсиро пайдо кунанд;

- сарварони сиёсиро зарур аст, ки ҳатто дар шароити поляризатсия ва зӯроварӣ, ҷони худро зери хатар гузошта, далерӣ ва ҷасорат нишон диҳанд. Аксар вақт, ин сарварон дар муқовимат, монеаҳо ва нобарориҳо истодагарӣ, пуртоқатиро нишон дода метавонанд, ки дигаронро ба мавҷудияти ақлу рӯҳ бовар кунонанд;

- сарварони сиёсӣ бояд ба худ эътимод дошта бошанд, ки барои қабули қарорҳои душвор, яктарафа ва саривақтӣ зарур мебошад. Сарварони сиёсӣ бояд дорои зеҳни таҳлилӣ ва фалсафӣ мебошанд, бидуни баррасии қарорҳои гузашта ба таври мунтазам ба пеш ҳаракат кунанд;

- аксарияти сарварони сиёсӣ, аз бисёр ҷиҳат, ба салоҳият ва салоҳиятнокии шарикони худ такя менамоянд, ки арзишҳои сиёсии онҳоро дастгирӣ намуда, дорои таҷрибаи мушаххаси ҳалли масъалаи мураккаб ва душвор мебошанд. Гарчанде сарварони сиёсӣ қарорҳои калидиро дар асоси салоҳият ва мулоҳизаи худ қабул мекунанд, аксарияти онҳо, пеш аз ҳама, ба бадастории ризоияти умумӣ, ташаккули коалитсия, ба роҳ мондани алоқаҳои сиёсӣ, нигоҳ доштани алоқаҳои доимӣ бо гурӯҳҳои калидии интихобкунандагон ва оммаи васеи мардум диққати махсус равона менамоянд;

- сарварони сиёсӣ, чун қоида, саъйу кӯшиш менамоянд, ки дигаронро ба қарорҳои худ розӣ намоянд. Гарчанде баъзеи сарварони сиёсӣ бо шеваи фавқулода ё харизмаҳои қавӣ фарқ мекарданд, дар бештари ҳолатҳо онҳо ин сифатҳоро, дарк ва бо назардошти манфиатҳои асосии бозингарони гуногун, аз ҷумла мухолифон, истифода мекарданд, на танҳо аз сабаби маҷбурӣ ё хусусиятҳои хислати онҳо;

- гарчанде сарварони сиёсӣ дар ҷомеаи кишварҳои худ решаҳои амиқ доранд ва асосан ба муносибатҳои дохили кишвар такя мекарданд, ҳар

яке аз онҳо бояд чӣ гуна сафарбар кардани дастгирии хориҷиро бидуни василаи бозигарони хориҷӣ донанд.[1]

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки сарварии сиёсӣ ҳамчуни институти сиёсӣ дар раванди ташаккул ва инкишофи низоми идоракунии ҷомеа нақши муҳим дорад. Қобилият, ақлу заковат, истифодаи тамоми давраҳои омода ва қабул намудани қарорҳои сиёсӣ ба сарвар имконият медиҳанд, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ нақш ва мақоми хоса дошта бошад.

Сарвар дорои қобилияти таъсир расонидан ба одамон аст, ки ба ӯ имконият медиҳад ба ҳокимият ва обрӯву эътибори худ такя намояд. Маҳз ҳокимияти алоқаҳо аҳамияти хоси ҳар як низоми самаранок ба ҳисоб мкравад. Барои ташкилот, ки дар асоси сарварии самаранок кор мекунад, ин маънои нерӯи бузург дар бадастории босуръати мақсадҳоро дорад. Дар чунин система таъмини самти инноватсионии кормандон дар таҷдиди сарварон дар тамоми сатҳҳо ҷанбаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурати чунин шароит дар системаҳои муосири идоракунӣ дар таҳқиқотҳои С.В.Василев, А.И.Жуковский, чунин қайд карда шудааст: “Сарварӣ дар ҳар нафар, ки ба сарварии ташкилот оварда мерасонад”.[2] Тарҳи ташаккулёфтаи идоракунии сарварӣ метавонад чандирӣ ва устувории ташкилотро дар шароити хатару таҳдидҳо ва тағйироту дигаргуниҳо таъмин намояд.

Дар низоми сиёсати давлатӣ шароити мушаххас мавҷуд аст, ки имконияти рушди сарвариро муайян менамояд: вазъият, ки барои ҳалли он саъйу кӯшиш ба пеш зарур аст; шахсият, ки дорои нерӯи роҳбар

---

[1] Ниг.: Абрахам Ф. Ловенталь, Битар С. От авторитарного правления к демократическому управлению: извлечение уроков из опыта политических лидеров. [Текст] //Авторские права принадлежат Международному институту демократии и содействия выборам. – М ., 2015. –С. 56-69.

[2] Васильев С. В., Жуковский А. И., Цуркер К. Эффективность работы организаций государственного и муниципального управления и их служащих. [Текст] / С. В.Васильев, А. И.Жуковский, К.Цуркер. - Великий Новгород : Знание, 2002. - С. 25.

гардидан аст ва тамоми масъулиятро ба дӯш мегирад; гурӯҳи пайравон бо алоқаҳои бевосита ва алоқаҳои ҷавобӣ.[1]

Дар сиёсати давлатӣ, сарварӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бе ҳузури шахси якум дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин ё он масъала ғайриимкон аст. Дар чунин ҳолат гурӯҳи сарварии идоракунандагони давлатӣ аз рӯи миқдор маҳдуд буда, дорои аҳамияти бузург аст, талабот нисбати чунин гурӯҳ хеле баланд аст. Яъне, хизматчии давлатӣ, бояд, пеш аз ҳама, омили инсониро ба инобат гирад, амалҳои инсондӯстиро пиёда намояд.

Аз тарафи фаъолияти касбӣ сифатҳои сарварии идоракунандаи давлатӣ ва маҳаллӣ, нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолият, дорои хусусияти доимӣ мебошанд. Муҳаққиқон М. Белбин ва Е.С. Жариков чунин мешуморанд, ки самаранокии кори идоракунанда аз боҷуръатӣ ва устуворӣ, эҳтиром ба тобеон, қобилияти сафарбар намудани одамон бе истифодаи амру фармонҳои бевосита бармеояд.[2]

Сарвар бояд стратег бошад, талаботҳо ба сарвар дар низоми сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ зиёд буда, иҷро намудани онҳо амали мушкил ва мураккаб аст. Тааҷҷубовар нест, ки ҳолатҳои номутобиқатӣ бо интизориҳо аз роҳбарон ҷой доранд. Дар чунин ҳолат масъалае пайдо мешавад, ки воқеан сарварони воқеӣ дар сиёсати давлатӣ лозиманд ё танҳо миёнаравӣ ва иҷрокунандагони одии кифоя мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки  дар як шахс пайдо намудани тамоми сифатҳои зарурӣ, таҷриба ва дониш душвор аст. Тавре маълум аст, бидуни самтҳои возеҳ ва назоратшаванда ба чизи арзанда расидан ғайриимкон аст. Иҷрокунандаи миёнарав наметавонад роҳи дақиқро муайян намояд, захираҳо ва ваколатҳоро дуруст тақсим намояд, назоратро амалӣ кунад ва масъулияти шахсиро ба зимма гирад.

---

[1]Ниг.: Еропкин А., Сидорова Н. Имидж руководителя. [Текст] / А.Еропкин, Н.Сидорова. – М.: ОЛМА-ПРЕСС, 2017. -С.19.

[2]Ниг.: Соколова Е. А. Лидерские качества в профессиональной деятельности менеджера государственного и муниципального управления. [Текст] / Е. А. Соколова // Сибирский педагогический журнал. 2017. № 4. -С. 11.

Дар асри XX1 сиёсати давлатӣ бухрони сарвариро паси сар менамояд. Тарҳи нави сарварӣ, ки дар усули фаъолияти гурӯҳӣ асос ёфтааст, талаб карда мешавад. Рад намудани тарҳи авторитарӣ ба миён омада, ба ҷои он муттафиқшавӣ ба миён меояд. Идоракунандагон ба тарафи рад намудани як қатор ваколатҳои худ қадам мегузоранд, созмону ташкилотҳо як қатор дигаргуниҳои сохториро паси сар менамоянд.

Дар тарҳи авторитарӣ алоқаи дақиқ ва фаҳмиши кофии унсурҳои низоми идоракунӣ вуҷуд надорад; ғайрисиёсигардонии аҳолӣ имконпазир аст. Аз мавқеи худи сарвар, роҳбар мушкилотро ҳал мекунад ва бо истифодаи маълумоти мустақилона дастрасшуда ё маълумоти тобеон қарор қабул мекунад. Дар чунин ҳолат, тобеон дар раванди таҳлил ва қабули қарорҳо иштирок намекунанд. Идоракунии амалии субъективӣ ғайрисамаранок аст ва эҳтимоли хатогиро зиёд менамояд. Шуури ҳуқуқии харизматикӣ ташаккул меёбад, ки дар он қонун бо адолат муқобил гузошта мешавад.[1]

Роҳбарии муштарак дар тақсим гардидани уҳдадориҳо ва ҳокимият дар қабули қарор асос ёфтааст. Ҷанбаҳои мусбии роҳбарии муштаракро метавон чунин арзёбӣ намуд:

- сатҳи хавфу хатар маҳдуд мегардад, вазъият аз ҷанбаҳои гуногун ва мутахассисони гуногунсоҳа баррасӣ карда мешавад, суръат ва саҳеҳи иҷроиш баланд мегардад;

- тобеон на танҳо худро "ҷустуҷӯкунандагон"–и иттилоот, ки ба таври амалӣ масъулиятро эҳсос намекунанд, балки бевосита иштирок менамоянд, дорои ҳиссаи муайяни ҳокимият буда, масъулияти худро

[1] Ниг.: Чуйков О. Е. Традиции российской государственности и их влияние на современное государственное управление. [Текст] / О. Е. Чуйков // Изв. ЮЗГУ Сер. История и право. 2017. Т. 7, № 2 (23). -С.102.

эҳсос менамоянд, ки ҳавасманд гардидани онҳо ба фаъолияти самараноки касбӣ ба ҳисоб меравад.[1]

Қайд намудан зарур аст, ки дар низоми сиёсати давлатӣ бештар тарҳи омехта, ки аз унсурҳои авторитарӣ ва демократӣ иборат аст, хоси шароити муосир аст. Сарварон, ба монанди тарҳи авторитарӣ, идоракунандагони дорои масъулияти баланд, оқил ва боэътимод хоҳанд буд. Дар чунин ҳолат ба ҷои муттамарказии ҳокимият, дар ин тарҳ тақсимоти ваколатҳо, ба монанди тарҳи демократӣ, лекин бо як қатор тасҳеҳ, ба миён меояд: барои самаранок гардидан дар ҳар як сатҳи идоракунӣ инчунин сарвари алоҳида пайдо мешавад.[2] Чунин тарҳи сиёсати давлатӣ ва маҳаллиро метавон натиҷаи муттаҳид намудани таҷрибаи чандин насли сарварон ҳисобид, ки таҷассуми анъанаҳои таърихӣ буда, мумкин аст яке аз тарҳҳои нисбатан самаранок дар оянда гардад.

Дар муддати тӯлонӣ дар низоми сиёсати давлатӣ як қатор проблемаҳо пайдо шуданд, ки имконияти ташаккули сарварони нави самаранокро дар низоми сиёсии ҷомеа маҳдуд менамоянд. Дар ҳолати ҷой доштани чунин имконият, он бештар мақсадҳои популистиро доро мебуд, на саъйу кӯшиши баланд намудани идоракунии кишварро таҷассум менамуд.[3]

Сарварии сиёсӣ дар низоми муосири сиёсати давлатӣ ин воситаи чандирии ташкили самараноки раванди идоракунӣ аст. Сарвар бояд дар вобастагӣ аз вазъият, бо истифода аз муносибати омехта ба ҳалли масъала, амал намуда, роҳи раҳоиро аз вазъияти номуайянӣ пайдо намояд.

---

[1] Ниг.: Альбеков К. А. Политическое лидерство в контексте повышения эффективности государственной власти [Текст] / К. А. Альбеков // Современная политология: проблемы, поиски, решения: сб. науч. тр. Ростов н/Д: Изд-во СКАГС, 2016. -С. 28.

[2] Ниг.: Альбеков К. А. Политическое лидерство в контексте повышения эффективности государственной власти [Текст] / К. А. Альбеков // Современная политология: проблемы, поиски, решения: сб. науч. тр. Ростов н/Д: Изд-во СКАГС, 2016. –С. 29.

[3] Ниг.: Шестов Н. И., Вилков А. А. Ценностные основания рекрутирования современных российских элит: проблемы и перспективы. [Текст] / Н. И. Шестов, А. А. Вилков. // Изв. Сарат. ун-та. Нов.сер. Сер. Социология. Политология. 2015. Т. 15, вып. 3. -С. 86-91.

Натиҷаи назаррасро, дар аксарияти ҳолатҳо, сарвари харизматикӣ ба даст меорад, ки метавонад пайравони худро сафарбар намояд, вобаста ба вазъият амал намуда, муносибати омехтародар ҳалли проблемаҳои сиёсӣ истифода мекунад. Дар вазъияти номуайянӣ ё сатҳи баланди таҳдиду хатарҳо чунин сарвар метавонад роҳи ҳалли масъаларо пайдо намояд.

Дар баланд намудани самаранокӣ намояндагӣ намудани ваколатҳо, мавҷудияти сарварон дар ҳар як зинаи низоми сиёсати давлатӣ нақши бузург мебозад. Инчунин зарурати рушди минбаъдаи низоми ҷалби кадрҳо ба соҳаи сиёсати давлатӣ ба нафъи зиёд намудани миқдори роҳбарони касбӣ ва босалоҳият ба миён омадааст.

Дар таърихи навини давлатдории тоҷикон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ташаккул ва таҳаввули таърихи навини миллати тоҷик, давлатдорӣ ва ҳуқуқи муосири кишвар, эҳё намудани падидаҳо ва арзишҳои фарҳангӣ хизматҳои барчаста намудааст.

Дар Сессияи XVI Шурои Олӣ дар Хуҷанд, Э.Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, бахри ба эътидол овардани вазъият дар кишвар саъйу кӯшишҳои зиёд намудааст. Ин буд, ки дар муддати кӯтоҳ дар байни оммаи мардум маҳбубият пайдо намуда, ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумимиллӣ ташаккул ёфт.

Сипас, Э.Раҳмонов дар Интихоботи умумихалқии соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Метавон қайд намуд, ки Э.Раҳмон барои давлату давлатдории навини тоҷикон нақши бунёдгузориро дорад, хизматҳои созандаи ӯ дар сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисоди миллӣ, коркарди низоми адолати иҷтимоӣ бузург аст.

Ташкили низоми идоракунии давлат, ташкил намудани мақомоти давлатӣ ва маҳалии низоми идоракунӣ, ташаккули низоми судӣ ҷанбаҳое буданд, ки барои Тоҷикистони соҳибистиқлол зарур буданд. Ба таври умумӣ, ҷанбаҳои муҳими бунёди низоми сиёсати давлатӣ, ки бо номи

Э.Раҳмонов ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумимиллӣ алоқаманд аст, метавон чунин арзёбӣ намуд:

- дар асоси низоми идоракунии давлатии шӯравӣ, тавонист низоми нави идоракунии давлатро ба роҳ монад;

- бо пешниҳод ва таҳти роҳбарии Э.Раҳмонов низоми сиёсати давлатӣ зина ба зина бо ислоҳот фаро гирифта шуда, низоми сиёсати давлатӣ тадриҷан тағйир ёфт.

**Хулоса.** Таҳлил ба баррасии нақши сарвари сиёсӣ дар шаклгирии низоми давлатдорӣ ва ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ нишон дод, ки дар давраҳои алоҳидаи таърихӣ, маҳз сарварони ботаҷриба тавонистанд, ки бо истифода аз қобилияти худ барои шаклгирии низоми сиёсати давлатӣ мусоидат намоянд. Дар низоми сиёсати давлатӣ, сарварӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бе ҳузури шахси якум, дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин ё он масъалаи низоми сиёсати давлатӣ ғайриимкон аст.

Қайд намудан зарур аст, ки самаранокии амал намудани системаи сиёсати давлатӣ ва татбиқи он аз сифатҳои сарварӣ сиёсӣ, ба монанди боҷуръатӣ ва устуворӣ, эҳтиром ба тобеон, қобилияти сафарбар намудани одамон бе истифодаи амру фармонҳо вобаста аст. Сарварии сиёсӣ ҳамчун институти сиёсӣ дар раванди ташаккул ва инкишофи низоми идоракунии ҷомеа нақши муҳим дорад. Қобилият, ақлу заковат, истифодаи тамоми давраҳои омода ва қабул намудани қарорҳои сиёсӣ ба сарвар имконият медиҳанд, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ нақш ва мақоми хоса дошта бошад.

## 3. Масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии мукаммал ва муайян намудани дурнамои системаи сиёсати

давлатӣ ва натиҷагириҳои татбиқи амалии он ба ҳисоб меравад. Мақсади мукаммал гардонидани  низоми идоракунии давлатӣ, ки асосан тавассути амалишавии сиёсати давлатӣ ба миён меояд воқеият пайдо намудани мақсад ва вазифаҳои давлат ва институтҳои гуногуни он мебошад. Ҳолати мазкур имконият медиҳад, ки рушди самараноки ҷомеа таъмин карда шавад. Аз ин хотир, тасмим гирифтем, ки масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатиро дар шароити Тоҷикистони муосир мавриди омӯзиш ва хулосагириҳои амиқ қарор диҳем. Чунин тарзи муносибат дар яке аз санадҳои асосии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[1] мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки Низоми амалкунандаи сиёсати давлатӣ ба татбиқи вазифаҳои нави рушди дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодии кишвар, ки дар Стратегияи мазкур пешбинӣ шудааст, ба таври кофӣ равона нашудааст.

Дар маҷмӯъ то имрӯз зиёда аз сад санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд. Сол то сол шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа зиёд шуда, меъёру тартибҳои нав қабул мешаванд. Танҳо соли 2011 бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, бори аввал мавриди иҷро қарор гирифтанд.

Марҳила ба марҳила гузаштан ба «Ҳукумати электронӣ» дар мақомоти давлатӣ ба баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо, истифодаи низоми гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, сода ва мутаносиб сохтани қоидаҳои дохилӣ ва берунаи фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати

[1] Ниг.: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн]. – Душанбе, 2016. – 89 с.

техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар Ҳукумати мамлакат «Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ»-ро қабул намуд. Ин имкон медиҳад, ки номгӯи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва бо сифат расонида шуда, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда шаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад»[1].

Рушди касбӣ ва таҳсили хизматчиёни давлатӣ самти афзалиятноки низоми идоракунии захираи инсонӣ мебошад. Ҳар сол дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар ҳудуди 1500 хизматчии давлатӣ курси такмили ихтисос мегузаранд, ки чунин усули таҳсили кӯтоҳмуддати хизматчиёни давлатӣ барои рушди захираҳои инсонии онҳо нокифоя аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани неруи зеҳнӣ ва ақлонии хизматчиёни давлатӣ, инкишофи сармояи инсонӣ ва захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ ташкили фақат курсҳои такмили ихтисос дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ кифоя нест. Барои афзоиши сармояи инсонӣ ва такмили неруи зеҳнию ақлонию салоҳиятнокии касбии хизматчиёни давлатӣ чунин маркази таълимию фарҳангие лозим аст, ки мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тайёр карда шаванд.

Ҳамчунин мутахассисоне, ки имрӯз дар мақомоти марказӣ, маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаъолият мекунанд ва аксарияти онҳо ихтисоси омӯзгорӣ доранду аз нозукиҳои илми идоракунии муосир огоҳии камтар доранд, курсҳои азнавтайёркунии касбиро хатм карда, донишу маҳорати касбии худро ба талаботи замон мутобиқ гардонанд.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012 [Матн]. - Душанбе, 2012.

Бояд иқрор шавем, ки мо дар самти тайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ аз аксари давлатҳои пасошӯравӣ ақиб мондаем ва бояд оид ба ин масъалаи муҳими аҳамияти стратегидошта чораҳои мушаххас андешем.

Дар самтҳои мушаххаси сиёсати давлатӣ мушкилоти зерин мавҷуданд:

Дар соҳаи сиёсати давлатӣ:

– набудани феҳристи ягонаи вазифаҳои давлатӣ ва стандартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, самаранокии нокифояи ташкили пешниҳоди онҳо ва нотамом будани ҷараёни муносибгардонӣ;

– низоми ҳамгироии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ самаранок набуда, механизмҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо бошад дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ ба таври кофӣ муайян нашудаанд;

– дар сатҳи зарурӣ набудани низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо байни мақомоти сиёсати давлатӣ ва ҳамкориҳои электронии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва бизнес;

– ҳамкории нокифояи байни давлат ва соҳибкорӣ, давлат ва шаҳрвандон дар раванди рушди миллӣ, аз ҷумла набудани заминаи машваратӣ барои коммуникатсияҳои ҷорӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба ҳалли масоили стратегӣ.

Дар самти рушди хизмати давлатӣ:

– низоми хизмати давлатӣ бо мушкилоти сифатнок пур намудани сафи худ рӯ ба рӯ шудааст ва сабаби он дар сатҳи пасти ҷолибияти хизмати давлатӣ ҳамчун корфармо дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад;

– дар мақомоти давлатӣ усулҳои интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар сатҳи зарурӣ истифода намешаванд, низоми идоракунии захираҳои инсонӣ такмилдиҳиро талаб мекунад;

– низоми ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати нигоҳдорӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос мавҷуд нест;

– низоми нави пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ мутобиқи ҷадвали ягонаи тарифӣ сатҳи кофии подоши мутахассисони босалоҳиятро таъмин намекунад ва бо механизми арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ суст алоқаманд карда шудааст;

- дастрасии нобаробари мардону занон ба хизмати давлатӣ, хусусан дар сатҳи қабули қарорҳо;

– ҳавасмандкунии хизматчиёни давлатӣ дар дастгирии шаффофияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи паст қарор дорад;

– феҳристи автоматикунонидашудаи вазифаҳои давлатӣ ба такмил додан эҳтиёҷ дорад.

Дурнамои сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон аз такмили идоракунии давлатӣ вабаста аст. Дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои зерин муайян карда шудааст.

- такмили ниҳодҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои бунёдӣ ҷиҳати дахлнопазир будани моликият ва рушди сармояи инсонӣ, дастрасии баробари занону мардон ба раванди қабули қарорҳо, ки фаъолияти устувор ва рушди иқтисодиёти миллиро таъмин мекунанд;

- таҳияи низоми идоракунии стратегӣ, ки рушди рӯзафзуни ҳамоҳангсохташудаи ниҳодҳои мазкур ва ҷорӣ намудани раванди мунтазами пешгирикунанда ҳангоми ҳалли мушкилоти дохилӣ ва эътино ба мушкилоти берунаро таъмин мекунад;

- таҳия намудани механизмҳои таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ;

- таъмин намудани мақомоти давлатӣ бо кадрҳои соҳибихтисос ва салоҳиятнок, ки метавонанд дар иҷрои самараноки вазифаҳо ва амалисозии кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ нақши калидӣ бозанд;

- таҳкими накши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар муайян сохтани самтҳои рушди воҳидҳои ҳудудию маъмурии зертобеи онҳо.[1]

«Барои расидан ба сатҳи нави инкишофи ҷомеъа пеш аз ҳама зарурияти пойдор намудани давлат ва танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти он ҳамчун созмондиҳандагони ҳаёти ҷомеъа зарур аст. Бо назардошти ин, Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул шуд, ки он асоси дигаргунсозиҳои сохтории ҳокимияти иҷроия гардид».[2] Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои ислоҳоти низоми идоракунии давлати зиёда аз 30 қонунҳо қабул гардиданд, ки онҳо фаъолияти мақомоти қонунгузор, мақомоти иҷроияи марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳалӣ, намояндагӣ ва судиро танзим менамоянд. Қабули конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва дар асоси он таъсис додани низоми самарабахши ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ дар ин раванд марҳилаи муҳимтарин мебошад. Сохторҳои давлатию ҳукуматӣ, низоми судӣ ва ҳифзи режим ҷамъиятӣ асосан аз нав ташаккул ёфтанд.

Бо мақсади кафолати татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ , Суди конститутсионӣ таъсис дода шуд, ки он мувофиқ будан ё набудани санадҳои меъёриву ҳуқуқиро бо конститутсия муайян мекунад ва дар фаъолияташ аз ягон мақоми дигар вобаста нест.Соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» қабул карда шуд. Тибқи талаботи қонуни зикргадида дар сохтори Вазорати корҳои дохилӣ як қатор корҳои такмилу навсозӣ анҷом дода шуданд, ки ҷиҳати пешгирӣ ва паст намудани сатҳи ҷиноятк орӣ, ҳарчи бештару хубтар ошкор намудани ҷиноятҳои содиршуда заминаи муфид фароҳам оварда, дар ба эътидол овардани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва оромии ҷумҳурӣ накши назаррас гузоштанд.

Дар раванди ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти

[1] Ниг.: Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года [Текст]. –Душанбе, 2016. –С. 36.
[2] Бунёди давлатдории навин. [Матн]. –М.: Раудница, С. 2002. –С.56.

давлатӣ», ки 17 майи соли 2004 дар таҳрири нав қабул гардидаст, хело муҳиму пурарзиш ба шумор меравад. Қонуни мазкур аз 5 боб ва 39 моддаи борат буда, тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро танзим менамояд.

Дар фаъолияти ҳамарӯза мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар ба амалбарории ваколатҳои худ ҳамкории ҳаматарафа доранд. Мутаасифона, дар натиҷаи аз ҷониби мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ба қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ворид намудани таъғийру иловаҳо ба манфиати худ сол аз сол салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ дар баъзе ҷабҳаҳо коҳиш ёфта истодааст.

Масалан, барои таъмини ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ Ҷамоати шаҳрак ва деҳот ваколатдор мебошад, вале ин талабот дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода нашудааст. Дар моддаҳои 8 ва 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бошад нишондоди умумӣ пешбини гардидааст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколати худ муносибатҳои вобаста ба истифодаи об, замин ва ҳифзи табиатро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим менамояд.

Мақомоти Ҷамоати шаҳрак ва деҳот дар ин росто танҳо бо бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ барои пешгирии ин гунна ҳуқуқвайронкунии маъмури чораҳои лозимӣ меандешад, ки ин барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ нокифоя буда, пеши роҳи содиршавии амалҳои ҳуқуқвайронкуниҳоро дар ин самт пурра гирифта наметавонад. Биёед дар ин раванд андеша кунем, ки амали ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ яъне зарар овари ба киштзору ниҳолзор дар деҳае, ки 60-80 километр аз маркази ноҳия дур воқеъ гардидааст содир шудааст.

Шаҳрванди зарардида барои барқарор намудани зарари дидааш чӣ тавр дар ин масофаи дур ба намояндаи Хадамоти фитосанитарӣ ва карантини растании Вазорати кишоварзӣ муроҷиат кунад ва далелҳо оварад ин ғайри имкон мебошад. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад ,

ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, ва ба таври фаврии ҳалл намудан ва пешгири намудани ин амалҳо баррасии моддаи 249 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ваколати мақомоти худидораи маҳаллӣ вогузор карда шавад.

Дар ин самт миёни мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳалӣ ҷиҳати иҷрои ҳуқуқу ухдадории худ ҳамкориҳои судманд ба амал бароварда мешавад, ташкили омӯзиш доир ба мудофиаи граждани, омодагии аҳолӣ дар соҳаи ҳифз аз ҳолатҳои фавқулодда ва офатҳои табии ва ғайраҳо, инчунин роҳбари мақомоти шаҳрак ва деҳот сардори ситоди зикргардида мебошад.

Вале барои иҷрои ин ваколатҳо мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот дар ихтиёри худ маблағҳои молияи, воситаҳои асосӣ ва пойгоҳои моддӣтехникӣ надоранд. Ҷиҳати иҷрои ваколатҳои ҳифзи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ низ салоҳият ва маблағу воситаҳои техникӣ дорад.Вале дар бисёр ҳолатҳо иҷрои ин ваколатҳои худро ба зиммаи ҷамоати бе маблағу бе воситаҳои асосӣ ва худи аҳолӣ вогузор менамояд.

Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки маблағҳои буҷавӣ барои бартараф намудани зарарҳои аз офатҳои табиӣ ба амал омада ба ҳисоби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ ҷудо карда шавад. Яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим ин таъмини аҳолӣ ва зироатҳои кишоварзӣ бо об мебошад, мақомоти худидораи маҳаллӣ дар ин самт ҳамчун ҳамоҳангсоз  ба шумор рафта, ба ҳалли масъала ваколатдор аст.

Дар ҳудуди мақомоти худидораи маҳаллӣ ассотсиатсияҳои таъминкунандагони об амал менамояд, ки вазифаи онҳо таъмини кишоварзон бо об мебошад. Дар навбати худ онҳо бояд обро аз иншоотҳои идораҳои обтаъминкунии низоми  Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ қабул намуда,ба кишоварзон расонад.

Бинобар ин зарур аст, ки ниҳодҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муносибаташонро вобаста ба иҷрои ваколатҳо бо мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот муайян намуда, барои ворид намудани

тағийру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда хулосаю пешниҳод ирсол намоянд.

Худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун воситаи ба амал барории раъйи шаҳрвандону сокинони ҳудуди дахлдор ва ҳамзамон сохтори ҳокимияти давлатӣ дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи хоса дошта , дар доираи қонунҳои амалкунанда фаъолият менамоянд.

Инчунин мақомоти худидораи маҳаллӣ дар раванди фаъолияти худ масъалаҳои ҳаётан муҳими маҳалли худро, ки имконияти ҳалли онро надорад дар ҳамкори бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳаллу фасл менамояд. Фаъолияти бисёрҷабҳаи сохторҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сиёсати созандагию бунёдкоронаи Ҳукумати ҷумҳуриро дар маҳалл амали намуда , дар рушди ҷомеа ва татбиқи қонунҳо саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Самтҳои асосии ислоҳоти низоми идоракунии давлатиро метавон чунин арзёбӣ намуд: Дар самти такмилдиҳии низоми сиёсати давлатӣ:

– роҳандозӣ намудани сохтори ташкилӣ ва вазифаҳои идоракунӣ тавассути бартараф кардани пайвандҳои зиёдатӣ, такмилдиҳии равандҳои маъмурӣ ва кам кардани хароҷот;

– ҷорӣ намудани механизмҳои арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ;

– ташаккул додани низоми босамари ҷалби сармоягузориҳо;

– гузаронидани тафсирҳои мунтазами функсионалии вазорату идораҳо бо мақсади ҷобаҷокунии вазифаҳои минбаъдаи мақомоти сиёсати давлатӣ;

– иҷрои фаъолияти мақсаднок ва муназзам оид ба такмилдиҳии равандҳои маъмурӣ, тезонидани қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, бахусус дар самти ҳамкорӣ бо сармоягузорон, танзим ва назорат, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ;

– ҷорӣ намудани усулҳои ба хавфҳо нигаронидашуда дар низоми танзим ва назорат;

– ташаккул додани унсурҳои зарурии “ҳукумати электронӣ” ҷиҳати татбиқи сиёсати “маълумоти кушода”;

– такмил додани ҳамоҳангсозӣ дар бахши таҳия ва амалисозии сиёсат байни мақомоти ҳокимияти иҷроия ва сатҳҳои ҳудудии сиёсати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

– рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва такмилдиҳии ҳамоҳангсозии сиёсат дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии сиёсати давлатӣ; – ба таври васеъ ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии лоиҳавӣ;

– ҷорӣ намудани механизми идоракунии зиддибуҳронӣ ва низоми тадбирҳои идоракунӣ оид ба ташхис, пешгирӣ, безараргардонӣ ва раҳоӣ аз зуҳуроти буҳронӣ;

– баланд бардоштани нақши усулҳои иқтисодии идоракунӣ, ташаккул додани низоми мукаммал, ки ҷавобгӯи талаботи бозор мебошад;

– ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва инноватсионии фаъолияти идоракунӣ дар асоси шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бо ин мақсад фароҳам овардани шароит барои истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ дар фаъолияти сиёсати давлатӣ;

– истифодаи принсипи функсионалӣ ҳангоми ташаккули мақомотҳои давлатӣ, ки ин ба маҳдуд шудани паҳншавии усулҳои соҳавии идоракунӣ имкон медиҳад;

– аз ҷониби мақомоти давлатӣ гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва имконоти шаҳрвандон дар масоили дастрасӣ ба маълумот ва хизматрасониҳои давлатӣ;

– таҳия намудани механизмҳои тақвият бахшидани назорати фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ҷомеа ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон.

Дар самти рушди хизмати давлатӣ:

– баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти хизмати давлатӣ барои кормандони соҳибихтисос ва таҳким бахшидани афзалиятҳои рақобатпазирӣ ба сифати корфармо дар муқоиса бо бахши хусусӣ;

– таҳия намудани барномаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки нигоҳдории кадрҳои соҳибихтисос дар хизмати давлатӣ;

– такмил додани механизмҳои зиёд намудани шумораи занон дар мансабҳои роҳбарӣ дар сатҳи гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– ҷорӣ намудани низоми муосири идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ ва автоматикунонии он;

– такмил додани механизми арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва алоқамандии он бо низоми пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ;

– татбиқи мунтазами сиёсати кадрӣ, ташкили низоми самараноки таълим, бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва ташаккули иқтидори кадрӣ ҳамчун захираи муҳимтарини зеҳнию касбӣ;

– рушди модели хизмати давлатӣ дар асоси қобилият бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон. Дар самти рушди идоракунии молияи давлатӣ:

– инкишоф додани буҷетикунонии барномавӣ ва ҷорӣ намудани тарҷибаи “маблағгузории неру” барои мақомоти ҳокимияти иҷроия; – алоқаманд намудани раванди буҷет бо банақшагирии стратегӣ;

– такмил додани маъмурикунонии андоз бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварӣ, коҳиш додани фишори маъмурӣ ба андозсупорандагони бомасъулият, баланд бардоштани дараҷаи шаффофият ва қобилияти пешгӯии низоми андоз;

– рушди ғайримутамарказонии фискалӣ;

– баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ тавассути таъминот бо маълумоти дастрас, аз ҷумла, бо роҳи фарогирии амалиёти квазифис-калӣ дар ҳисоботи молиявӣ, беҳтар намудани назорати

парламентӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди буҷетикунонӣ. Дар самти идоракунии маҳал:

– азнавтақсимкунии вазифаҳо ва ваколатҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ҷудо намудани моликият ва таъмини худмухтории молиявии онҳо;

– ба тартиб даровардани тақсимоти маъмурию ҳудудӣ мутобиқи азнавтақсимкунии вазифаҳо ва муайян намудани меъёрҳои тақсимоти маъмурию ҳудудӣ;

– ҷорӣ намудани низоми худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳо, шаҳракҳо ва деҳот;

– тақвият додани неруи институтсионалии минтақаҳо аз рӯи афзалиятҳо, таҳкими заминаи иқтисодӣ ва фазои сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани идоракунии лоиҳавӣ, банақшагирии ҳудудӣ ва стратегӣ, мониторинг ва таҳлили таъсирбахшии чорабиниҳо;

– таъмин намудани дастрасии самарабахши аҳолӣ ба хизматрасониҳои сифатнок, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои аутсорсинги (ҷалби мутахассисони беруна) хизматрасониҳо дар низоми сиёсати давлатӣ;

– истифодаи лоиҳаҳои таҷрибавӣ оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои хизматрасониҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, ки ба аҳолӣ ва бизнес (соҳибкорӣ) дар сатҳи ҳудудии дахлдор пешниҳод мегарданд.

Дар самти таъмини самаранокии механизмҳои зиддикоррупсионӣ:

– таъмин намудани шаффофият ва ҳисоботдиҳии раванди хароҷоти маблағ ва захираҳои давлатӣ; аз ҷумла такмилдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ ва чораҳои муҷозот барои коррупсия;

– ислоҳоти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, ки ба маҳдуд сохтани ҳавасмандӣ ба коррупсия нигаронида шудааст;

– тақвият додани низоми назорати ахлоқӣ ва коркарди механизмҳои таъсирбахши пешгирии ихтилофи манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;

– такмил додани низоми эъломияи даромад ва хароҷотҳои хизматчиёни давлатӣ; – рушди механизми ротатсияи хизматчиёни давлатие, ки вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд, бо назардошти зарурати пешгирии коррупсия;

– таъмини танзим ва шаффофияти бештар равшани раванди хусусигардонӣ;

– танзими дуруст ва автоматикунонии раванди хариди давлатӣ, аз ҷумла харид зимни татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва азхудкунии ширкатҳое, ки моликияти давлат мебошанд;

– такмил додани низоми назорати молиявии давлатӣ, инчунин аудити дохилию беруна;

– ҷорӣ намудани низоми самараноки амалкунандаи ташхиси зиддикоррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва низоми судӣ;

– ислоҳи механизмҳои таъйин ва озод намудани судяҳо аз мансаб, таҳкими назорати ахлоқӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти тасодуфии парвандаҳо байни судяҳо;

– баланд бардоштани афзалиятнокӣ ва беҳтар намудани таъминоти захиравии фаъолият оид ба пешгирии коррупсия;

– фаъолсозии кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба муайян намудан ва тафтиши ҳолатҳои мураккаб ва бузургҳаҷми коррупсионӣ;

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятӣ ва дигар майдонҳои машваратӣ;

– гузаронидани ташвиқоти васеъ оид ба таъсири харобовари коррупсия ба иқтисодиёту ҷомеа ва тағйирдиҳии ҷаҳонбинии аҳолӣ, тарбияи ҳисси таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия;

– ҷалб намудани шарикони рушди калидии миллӣ дар мубориза алайҳи коррупсия.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дурнамои низоми сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи иҷро гардидани бандҳо ва самтҳои асосӣ, ки дар Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, вобаста аст. Илова бар ин, дар ин самт, ҷобаҷогузории кадрҳо, дар шароити имрӯза муҳим гардида, аҳамияти хосаро касб намудааст.

Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракуии маҳалӣ тақозои давру замон буда, барои пешбурди кор аҳамияти хело калон дорад. Инкишофёбии равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон, таҷдиди назар намудани вазъи ҳуқуқӣ ва вазифаҳои мақомоти худидоракуниро дар ҷомеа тақозо менамояд. Чунки мақомоти худидоракунӣ дар симои ҷамоатҳо, моҳиятан қодир аст. Амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи поёни дар ташакул ва рушд бояд бошад. Болоравии нуфузи он ва фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон нақши муҳимро мебозад.

Тағйироти низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ нигаронида шудааст. Идоракунии давлатӣ, дар айни замон ин бо роҳи қабул намудани санадҳои нави ҳуқуқӣ ё ин ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда амалӣ карда мешавад.

Дигаргун гардидани низоми идоркунии давлатӣ барои ташаккули устувори афзалияти рақобатпазир мусоидат менамояд. Воҳидҳои кории ташкилот, яъне, одамоне, ки дар он кор мекунанд, метавонанд хеле рақобатпазирии онро баланд бардоранд.

Аммо қайд кардан ба маврид аст, ки барои ин зарур аст, ки тарзи тафаккури кормандони идоракунанда, муносибати онҳо ба қуваи кории ташкилот ва нуктаи назари онҳо ба муносибатҳои миёни коллектив ба таври принсипиалӣ тағйир дода шавад. Ба роҳбарон лозим аст, ки бо

одомон кор кардан, нисбати онҳо чун ба ҳамкор муносибат карданро ёд гиранд, ба онҳо чун ба яке аз моддаҳои сарфшавандаи ташкилот, ки дар ҳолати зарурат паст бурдан ё сарфи назар кардан имкон дорад, муносибат накунанд.

Роҳбарони соҳибистеъдод ба хубӣ дарк мекунанд, ки он далолате, ки ба нафъи шахсии онҳост ба одамони дигар таъсири кам ё умуман таъсир намерасонад. Танҳо ба хотири он, ки омиле, ки Шуморо ба кори хуб ҳидоят мекунад, асло маънои онро надорад, ки ин дигар аъзои гурӯҳи кории Шуморо рӯҳбахшанда аст.

Аз ҳамин хотир роҳбарони кордону ботаҷриба ҳамеша кушиш мекунанд, ки ҳар корманд дар ҷои кораш тамоми ҳунару истеъдодашро самаранок истифода барад. Барои ин чунин усулҳоеро бояд тарҳрези кард, ки он талаботи ҳар як кормандро мушахас қонеъ карда тавонад. Сармояи инсонӣ маҳаки рушди низоми идоркунии давлатӣ буда, идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб намудааст.

Ногуфта намонад, ки дар низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати дваавлатӣ шахсони зиёд кор мекунанд, мансабҳои гуногуни давлатиро соҳиб мегарданд вале, на ҳар як хизматчии давлатӣ метавонад соҳиби боварӣ ва мақому манзалат дар миёни омма гардад. Аз ин хотир, бояд фаъолияти собиқадорони хизмати давлатӣ сафҳаи бисёр ҳам омӯхтанӣ дар самти омӯзиши идоракунии давлатии миллӣ бошад. Мо бояд таърихи гузаштаи миллатамонро нағз омӯхта барои имрӯз ва оянда истифода намоем.

Барои амалигардонии мақсадҳои бузург пеш аз ҳама бояд кадрҳои калиди дошта бошем. Фикр мекунем, ки барои боз ҳам суръат бахшидан барои тайёр намудани хизматчиёни давлатӣ бояд, ки Академияи идоракунии давлатӣ таъсис дода шавад. Инчунин кадрҳои хизмати давлатӣ аз мақом ба мақоми дигар, аз як ноҳия ба ноҳияи дигар иваз карда шаванд. Барои онҳо имконият додан лозим, ки дар дигар мақоми идоракунӣ, дигар шаҳру ноҳияҳо кор кунанд.

Ин барои ваҳдати миллӣ, омӯхтани маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон сабаб мегардад. Аммо барои кадрҳои хизмати давлатӣ, ки ба маҳалҳо ба кор мераванд ҷои истиқомат ва шароити зист муҳаё намудан лозим. Дар айни ҳол бояд аз таҷрибаҳои ҷумҳуриҳои пешрафта ва тараққикардаи дунё сабақ омӯзем. Ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи мушкилотро кадрҳои соҳибистеъдоду бовиҷдон ҳал менамоянд.

Мо пеш аз истиқлолият ҳам таҷрибаи калони идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон (Шурои Олӣ, Шурои Вазирон, вазоратҳо, съездҳо, иҷлосия, пленумҳо, конфронсҳо, шурои вакилони халқӣ - олӣ ва маҳаллӣ: вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳотӣ, кумитаҳои иҷроия, суд, прокуратура, Артиши ягона, кумитаҳои гуногун, комиссияҳо ва ғайраҳо) дошта будем. Аммо фаъолияти тамоми соҳаҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷгардида буд. Дар шароити мураккаб ва душвортарин сарвари навинтихоб шудаи давлат зимоми давлатдориро ба даст гирифта, ба барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ шурӯъ намудан, бомасъулияти бузург шакли нави идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро дар Тоҷикистон ташкил намуда, низоми онро ташаккул намуд.

Дар ин раванд анъанаҳои таърихии давлатдории пешинаи халқи тоҷикро ба инобат гирифта, такмили он, раванди ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро давра ба давра амалӣ гардониданд. Дар ин раванди асосӣ таҳаввулотҳо ҳам вуҷуд дошт. Аз душвортарин падида, ки асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад, ин ҳамзистии намояндагони халқу миллатҳои гуногун дар як сарзамин аст. Хушбахтона мо, тоҷикистониён, ки тамоми халқу миллатҳои мутамаддин барои эъмори он талош меварзанд, шурӯъ намудем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди устувори давлату давлатдорӣ, идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замина хушку холӣ ва фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз имкон берун буда, барои амалӣ намудани

он вақт ва шароити муносиби иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Аз ин рӯ, давлат ислоҳоти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодиро вазифаи асосии ин давра эълон намуданд.

Мақсади асосии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва ҳукумат мебошад. Дар ҳамин асос ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ густариш пайдо намуда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат муайян карда шуданд. Дар ин раванд ҳам дар масъалаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тағйиротҳои гуногун ба вуҷуд омадааст(гузоштан ба шароити қонуниятҳои бозоргонӣ, хусусигардонии моликият, ташкили хоҷагиҳои хусусӣ-иҷоравӣ, коорпаративӣ, деҳқонӣ, корхонаҳои саноати муштарак-СП ва ғайра).

Дар идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ шаклҳои нави он - Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси Миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Сарвазир, Вазоратҳо, Раиси Маҷлиси Миллӣ, Раиси Маҷлиси намояндагон, иҷлосия, маҷлисҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шаҳрак, ҷамоатӣ, шӯроҳо ва комиссияҳои гуногун, вазирҳо, Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, ҷамоат, Суд ва Прокуратура ва ғайра ба вуҷуд омадааст. Ин ҳам бошад, такмили низом ва ташаккули идоракуни давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ислоҳоти низоми он мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати татбиқи минъбадаи ин ҳадафҳо ҳукумати кишвар азми қатъӣ дорад, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқдисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин тақвияти иқтидори содиротии кишвар, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳсозии вазъи бозори меҳнат ва рушди инсониро пайгирона ҳаллу фасл намояд.

Дар фаъолияти ҳамарӯза мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар ба амалбарории ваколатҳои худ ҳамкории ҳаматарафа доранд. Мутаасифона дар натиҷаи аз ҷониби мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ба қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ворид намудани таъғийру иловаҳо ба манфиати худ сол аз сол салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ дар баъзе ҷабҳаҳо коҳиш ёфта истодааст.

Ҳамин тавр, таҳлили низоми амалкунандаи идоракунии давлатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кишварамон як қатор масъалаҳое мавҷуд аст, ки раванди инкишофи мӯътадили ҷамъиятро нигоҳ медорад. Аз ҷумла дар кишвар тарзи фаъолиятиякҷояи сиёсати ягонаи давлатӣ, ки ифодагари ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти кори давлат бошад рӯи кор наомада буд, ки манфиатҳои иштирокчиёни раванди инкишофро ҳифз намояд ва ҳамчунин ҳамкориҳои байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо назардошти иқтисоди бозорӣ ба роҳ монад.

Бо беҳтар гардидани вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар, ки дар заминаи дастовардҳои саҳибистиқлолӣ ва роҳи расидан ба сулҳу осоиш ба вуҷуд омад, имкониятҳо барои қабули ислоҳотҳои куллии соҳавӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин буд, ки бо мақсади мутобиқ ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ инкишоф додани кори идораи давлат ва ҳамзамон ташаккул додани раванди низоми идоракунии давлат зарурияти тарҳрезӣ ва қабули ислохоти низоми идоракунии давлат ба миён омад.

Ниҳодҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муносибатро вобаста ба иҷрои ваколатҳо бо мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот муайян намуда, барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда хулосаю пешниҳод ирсол намоянд. Худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун воситаи баамалбарории раъйи шаҳрвандону сокинони ҳудуди дахлдор ва ҳамзамон сохтори ҳокимияти давлатӣ дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи хоса дошта, дар доираи қонунҳои амалкунанда фаъолият менамоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза низ ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар кишвар идома дорад. Такмили минбаъдаи низоми идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, аз сатҳи амалӣ гардидани сиёсати кадрӣ дар ҷобаҷогузории кадрҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки рушду инкишофи низоми сиёсати давлатӣ дар кишвар ба таври мунтазам амалӣ гардида истодааст ва дар ояндаи наздик самти пешгирифтаи Ҳукумати кишвар дар масъалаи низоми сиёсати давлатӣ, танҳо такмил меёбад.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатӣ мақом ва нақши хоссаеро касб менамояд. Он, пеш аз ҳама, ба сифати неруи мутаҳаррики ҷомеа шинохта шуда, дар рушди раванди сиёсӣ омили муҳимтарин ба шумор меравад. Он воситаи асосии таҳкими давлат ва давлатдории муосир буда, устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи манфиатҳои давлатиро таъмин менамояд. Зери мафҳуми “сиёсат” таъсири мақсадноки субъект ба объект барои табдили он ба ҳолати дигар, ё раванди гузариши система аз як ҳолат ба ҳолати дигар тавассути таъсиррасонӣ ба мақсади тағйир ё нигоҳ доштани ҳолат, рафтор ё амал, ки дар доираи низоми муайяни муносибатҳо амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад.

Сиёсати давлатӣ ва муносибатҳои он бо раванди идоракунии сиёсӣ ҳамчун система баромад менамоянд. Система теъдоди муайяни унсурҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки муттаҳидшавии онҳо ягонагӣ ва самаранокии заруриро таъмин менамояд. Система на танҳо маҷмуи одии унсурҳо, балки маҷмуи объектҳо ва алоқамандии тарафайни онҳо аст.

Сиёсати давлатӣ ҳамчун система маҷмуи унсурҳои бо ҳам алоқаманди идоракунӣ, ҳамкории дастгоҳи маъмурӣ ва ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар система байни субъект ва объект алоқаи бевосита ва ҷавобӣ ба миён меояд. Алоқаи бевосита ин таъсиррасонии идоракунӣ аст, алоқаи ҷавобӣ амали ҷавобӣ ба таъсири идоракунӣ мебошад, ки аз ҷониби субъект воқеӣ гардонида мешавад.

Дар масъалаи навъбандии системаҳои сиёсати давлатӣ ба инобат гирифтани аломатҳои умумии система муҳим аст, зеро маҳз онҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии навъбандӣ баромад менамоянд. [1-М].

2. Раванди амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои давлат тавассути муайян намудани сиёсати давлатӣ ва самтҳои асосии он, ташаккул ва ба

амал баровардани он воқеӣ мегарданд. Сиёсати давлатӣ ҳамчун инъикоси мақсадҳои асосӣ, вазифаҳои афзалиятнок, принсипҳо ва методҳо, барномаҳои мақсаднок ва чорабиниҳо мебошанд, ки ниҳодҳои давлатӣ таҳия намудаанд. Дар раванди мазкур намояндагии ҷамъиятӣ, аз ҷумла унсурҳои гуногуни ҷомеаи маданӣ низ иштирок менамоянд. Сиёсати давлатӣ аз ибтидо барои ҳалли масъалаҳои асосии инкишофи ҷомеа равона гардидааст. Он воситаест, ки натиҷаҳои дилхоҳро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ месозад. Мақомоти давлатӣ дар доираи чунин фаъолият аз методҳо ва воситаҳои гуногун истифода намуда, ба захираҳои гуногун такя мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ чунин захираҳоро ба теъдоди зиёд соҳиб буда, дар бештари ҳолатҳо нисбат ба истифодаи онҳо ҳуқуқҳои легитимиро соҳиб аст.

Дар чунин маъно сиёсати давлатӣ аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст: муайян намудани мақсадҳо ва самтҳои асосию муҳимтарини инкишофи ҷомеа; таҳия, коркард ва банақшагирии стратегияи сиёсии инкишофи ҷомеа; таҳлил, хулосагирӣ ва баҳои объективӣ додан ба барномаҳои рақобатнок. Диққати асосӣ ба навъи сиёсате, дода мешавад, ки нафъовар буда, хараҷоти камтарро талаб дорад; ташкили муҳокимаҳо ва машваратҳо бо неруҳои гуногуни сиёсии ҷомеа ва намояндагии иҷтимоии аҳолӣ дар бораи масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи инкишофи ҷомеа; интихоб ва қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ва тавсифу тарғиби онҳо тавассути воситаҳои мухталифи ахбори оммавӣ. [3-М].

3. Сиёсати давлатӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз ин хотир, ҳангоми таҳлил ва таркиби он муносибати байнифаннию синергетикӣ, муносибати комплексӣ бо истифода аз донишҳои пешқадам ихтиёр мегардад. Инчунин, таҷрибаи пешқадам ва пешрафтҳои ҷомеаи муосир истифода мешаванд.

Раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бештари ҳолатҳо 4 давраи асосиро дар бар мегирад: муайян намудани масъалаҳои муҳимми

инкишофи ҷомеа ва вобаста ба онҳо мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ; таҳия ва расмӣ намудани сиёсати давлатӣ; татбиқи сиёсати давлатӣ; ҷамъбаст, баҳогузорӣ ва танзими сиёсати давлатӣ. [5-М].

4. Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар баробари мақсад ва вазифаҳои асосии он мақоми хоссаро принсипҳо ва методҳои ташаккул ва инкишофи он соҳиб мегарданд. Онҳо моҳиятан хусусиятҳои идоракуниро касб менамоянд ва дар бештари ҳолатҳо ҳамчун принсипҳои идоракунии сиёсӣ муаррифӣ мегарданд.

Принсипҳои сиёсати давлатӣ ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: универсалӣ ва махсус. Принсипҳои универсиалӣ дар тамоми зуҳуроти воқеият ёфтани сиёсати давлатӣ, навъҳо ва шаклҳои он амал менамоянд.

Чунин принсипҳо, ба монанди ҳукумати легитимӣ; ҳокимияти халқӣ; ҳисоботдиҳанда будани тамоми шаклҳои ҳокимият; самаранокии идоракунии сиёсӣ; кушода будани фаъолияти таркиботи идоракунӣ; ҷавоби сазовор ба муҳити беруна ё эҳсосоти зарурӣ; мутобиқат бо меъёрҳои протсессуалӣ; тақсимоти ҳокимият.

